**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 372.8 (091)(575.3)**
**ТКБ:74.202.2+83.3**
**М-88**

**МАҲМУДЗОДА ҚУМРИНИСО НУРАЛӢ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁИ КОЛЛЕҶИ ТИББӢ ДАР ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ ТАЪЛИМӢ -ТАРБИЯВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи**
**педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Каримзода М.Б. - доктори**
**илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии АТТ**

**КӮЛОБ - 2023**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**.......................................................................3

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................4-17

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ** .......................................................................................................18-82

1.1. Моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ ..........................................18-38

1.2. Равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ...............................................................................................................38-59

1.3. Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ ......................60-80

Хулосаҳои боби якум ..............................................................................80-82

**БОБИ 2. САНҶИШИ ОЗМОИШИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ ДАР ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ** .............83-149

2.1.Вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш...........................................................................................................83-104

2.2. Технологияи татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ ........................................................................................104-126

2.3. Нишондиҳандаҳои рушди салоҳиятҳои касбии дониҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар рафти озмоиши гузаронидашуда...................................... 126-147

Хулосаҳои боби дуюм ...........................................................................147-149

**ХУЛОСА**................................................................................................150-154

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.........................................................................155-177

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ДКТ – донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

КТ – коллеҷи тиббӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

МТМТ – муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ

НСК - нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии касбӣ

НТК - низомҳои тестии компютерӣ

СК – салоҳияти касбӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар шароити кунунӣ коллеҷҳои тиббӣ бояд савияи баланди таҳсилоти кормандони ояндаи соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд ва дар ин ҳол омезиши ҳамоҳанг ва мавзуни таълимоти фалсафӣ бо беҳтарин анъанаҳои таҳсилоти миёнаи махсус истифода гардад.

Талаботи муосире, ки ба савияи омодагии касбии кормандони тиб матраҳ мегардад, ба тамоюлҳои навтарини рушди соҳаи тиб, дар маҷмӯъ ба сатҳи пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон ҷавобгӯ буда, ба ин васила зарурати ҷустуҷӯи шаклҳои нави ташкили раванди таҳсилотро дар соҳаи мазкур мубрам менамояд. Мубрам будани ин проблема, инчунин, ба буҳронҳои умумии тамаддуни муосир вобаста аст, ки яке аз зуҳуроти он пастравии сатҳи фарҳанг ҳам дар сатҳи касбӣ ва ҳам дар сатҳи умумӣ мебошад. Падидаи мазкур дар навбати худ, боиси заиф шудани аҳамияти меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ дар тиб, паст шудани сатҳи салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ мегардад.

Таҳти мафҳуми салоҳиятҳои касбии мутахассиси тибби муосир бояд маҷмӯи дастуроти арзишӣ, дониши дорои ҷанбаи фарҳангӣ ва касбӣ, ақидаҳо дар бобати саломатӣ ва ҳаёти инсон, дарки аҳамияти бузурги касби тиббӣ барои ҷомеаи муосир баррасӣ гарданд. Мо итминони комил дорем, ки таҳкурсии касбияти мутахассиси тиб СК-и дар ӯ ташаккулёфта мебошад.

Мушкилоти таҳсилоти миёнаи касбии муосир масъалаи ташаккули салоҳияти мутахассисони оянда мебошад. Дар низоми тайёрии касбии мутахассисони ҷавон фосила байни мазмуни меъёрӣ дар ҳудуди меъёрҳои мавҷуда ба вуҷуд меояд. Стандартҳои давлатӣ ва талаботи амалии мушаххаси бозори меҳнати муосир рақобатпазириро аз мутахассиси ҷавон талаб мекунад. Ин норасоиро бо роҳи дар раванди таълим ҷорӣ

намудани эҷодкорӣ ба воситаи амсилаи таълимии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) рафъ кардан мумкин аст, ки ба дар асоси равиши ба салоҳият асос ёфта бошад.

Агар ба таври анъанавӣ тахассуси мутахассиси ҷавон мувофиқати функсионалии байни донишҷӯён талаботи ҷойи кор ва ҳадафҳои таълимро дошта бошад, пас салоҳият метавонад ҷиддитар бошад.

Муносибати салоҳиятнок ба ташаккули раванди таълим мувофиқи натиҷаи таълим нигаронида мешавад. Азбаски мо ба ҷорӣ намудани равиши салоҳиятнокӣ дар низоми коллеҷҳо манфиатдор ҳастем, се паҳлӯи ин мушкилот дар мадди аввал меистад:

1) муайян намудани салоҳиятҳои асосии барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ зарурӣ;

2) хусусияти раванди тайёр кардани мутахассисон ба он мусоидат мекунад, ки дар натиҷа дар хатмкунандагони коллеҷ салоҳиятҳои умумӣ ва махсус ташаккул меёбад;

3) таҳияи амсилаи (модели) аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мувофиқи фаъолияти амалии кори мутахассис дар асоси омӯзиш ва тавсифи фаъолияти донишҷӯён бо дарназардошти талаботи стандартҳои муосири давлатии таҳсилот, маълумот аз омӯзиши бозори меҳнат ва талаботи корфармоён маҷмӯи салоҳиятҳои умумӣ ва махсус.

Ҳамин тариқ, яке аз мубрамтарин проблемаҳои таҳсилоти тиббӣ дар шароити кунунӣ ҷустуҷӯйи равишҳои нави самараноки ташаккули салоҳияти касбии ДКТ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти ба масъалаҳои мавриди баррасии мо бахшидашуда маълум шуд, ки назарияи педагогӣ аллакай баъзе коркардҳои назариявиро дар ихтиёр дорад, ки метавонад барои омӯзиши мушкилоти такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ асос гузорад. Дар тӯли зиёда аз 200 сол масъалаҳои марбут ба рушди салоҳият дар маркази таваҷҷӯҳи самтҳо ва мактабҳои гуногуни фалсафӣ, фанҳои

ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ, олимон ва муҳаққиқони бисёр соҳаҳои илмӣ қарор доштаанд.

Аз муҳаққиқони тоҷик проблемаи мазкурро Бобизода Ғ.М., Ф. Гулмадов, Г.Н. Абдураҳмонов, Т. Атаханов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов, М.Б. Каримзода, Ф. Шарифзода, С.Д. Амиров, А. Алиев, Н.Ҳ. Давлатова, И. Давлатшоев, Х. Зиёи, Б. Муҳиддинзода, А.А. Ҳомидов, С.Ҷ. Раҷабова, А. Сатторов ва чанде дигар мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Масъалаҳои марбут ба салоҳияти инсонро бисёр мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ – аз Арасту, Афлотун, Гераклит, Пифагор, Гомер, Декарт ва Гегел баррасӣ намудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни ин проблемаро файласуфон ва муҳаққиқони рус ва ватанӣ, аз қабили А.П. Валетская, М.П. Арутюнян, С.С. Гусев, Р.М. Ғаниев, Д.М. Шелкунов, Э.В. Хазиева ва дигарон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Этнографҳо санъатшиносон, таърихшиносон, ҷомеашиносон, психологҳо ва педагогҳои барҷастае чун Э.В. Бондарчук, В.Л. Бенин, Л.С. Виготский, А.П. Василева, Д.А. Леонтев, В.Н. Кузнетсов, З.К. Каргиева, Н.Л. Худякова, Н.А. Менчинская, В.В. Финогентов пажӯҳишҳои худро ба масъалаҳои салоҳиятнокӣ бахшидаанд. Ҷанбаҳои салоҳиятнокӣ, инчунин, дар соҳаҳои динӣ ва эҷодӣ  дар асарҳои К.В. Храмов, И. В. Силуянов, В. И. Сабуров инъикос ёфтаанд.

Масъалаҳои марбут ба мавзуъҳои дар ин таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасишаванда мавриди омӯзиши намояндагони акмеология (А.А. Деркач, Б.Г. Ананев, Н.В. Кузмина, Г.А. Караханов), аксиология (И.С. Артюхов, В.Г. Асеев, В.М. Кузнетсов, И.С., Н.А. Кириллов, Е.В. Киприянов, Л.А. Блохина, А.Н. Леонтев, В.Н. Мяситшев, А.В. Мудрик ва дигарон) қарор доштанд.

Дар замонҳои ҳукмронии идеологияи марксистӣ-ленинӣ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мактабҳо ва самтҳои гуногуни илмӣ дар педагогика, психология ва фалсафаи таълим вуҷуд доштанд. Дар он

айём сухан дар бораи ҷаҳонбинии "коммунистӣ", "материалистӣ", "диалектикӣ" ва дигар мафкураҳо мерафт, ки ба идеология ва системаи иҷтимоию иқтисодии он замон бартаридошта мувофиқат мекард. Номҳои Е.В. Иленков, Л. Виготский, П.П. Блонский, М.К. Петров ва дигар муҳаққиқон, ки ба назарияҳои педагогии онҳо идеология таъсир кардааст, бо ҳамин давра алоқамандананд.

Ин давраи инкишофи илми педагогика ва психология низ бо номҳои В.А. Сластенин, Е.И. Моносзон, И.Я. Лернер ва дигарон, ки дар пажӯҳишҳои худ сохтор ва моҳияти ҷаҳонбинии педагогиро баррасӣ мекарданд, дар ҳалли масъалаҳои ташаккули СК фаъолона машғул буданд.

Солҳои охир муҳаққиқони хориҷӣ аз қабили А.М. Анохин, Ю.К. Абаев, Ю.М. Хрусталев, Н.Ю. Кузнетсов, В.В. Коновалов, Н.В. Попов, В.П. Петленко, А. Рудник, Р. Меакин, П. Лухиала, М. Эванс ва дигарон ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти касбӣ дар соҳаи тиб таҳқиқот мебурданд. Дар зимн таҳқиқоти И.В. Силуянов, В.А. Рибина, К.В. Зорин ва дигарон, ки дар онҳо ҷанбаи ахлоқии такмили салоҳияти касбӣ аз ҷониби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ баррасӣ карда мешавад, қобили қайд мебошад.

Илова бар ин, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба мавзуъҳои вижагиҳо ва қонуниятҳои салоҳият дар қаринаи таҳсилоти касбӣ (М.И. Рожков, В.Д. Шадриков, А.Б. Каганов, Г.Н. Жуков ва дигарон), вижагиҳои психология дар қаринаи таҳсилоти касбӣ (Н.А. Бакшаева, Г.М. Андреева, А.А. Вербитский, В.В. Бойко, Н.Ф. Тализин, Н.Г., Н.И. Мешков, А. Маслоу, А.К. Марков ва дигарон), ҷузъи муҳтавоии навъи таҳсилоти ба шахсият нигаронидашуда (В.А. Петровский, Л.М. Кларина, Е.В. Бондаревская, В.В. Сериков, О.Л. Шабалин, И.С. Якиманская, К. Роҷерс), ҷалб гардиданд, ки тасаввуроти умумӣ оид ба механизми амсиласозии педагогӣ ва имкони истифодаи онро ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ тибқи

талаботи замон нисбат ба мутахассисони соҳаи тиб имконпазир мегардонад.

Теъдоди сершумори асарҳои ба масъалаҳои рушди СК бахшидашуда ва дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи мо баррасигардида ба мо имкон медиҳанд, ки дараҷаи нокифояи омӯхта шудани ин мавзуъро иброз намоем.

Савияи омӯхта шудани проблемаро мавриди арзёбӣ қарор дода, пеш аз ҳама, бояд дараҷаи баланди мубрамии он, инчунин, **ихтилофоти** зерин, ки дар амалия ва назарияи ташаккули СК дар ДКТ ба амал меоянд, қайд карда шаванд:

– байни нокифоя омӯхта шудани асосҳои педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии масъалаҳои такмили СК-и мутахассисони ояндаи соҳаи тиб ва зарурати омӯзиши онҳо;

– байни сатҳи нокифояи коркарди ҷузъҳои арзишӣ, амалкардӣ ва муҳтавоии мафҳуми "СК-и донишҷӯи муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ" ва зарурати таҳияи муфассали онҳо;

– байни камёфт будани маълумоти озмоишӣ ва назариявӣ барои таҳияи консепсияи ягонаи такмили СК-и мутахассисони ояндаи тиб ва зарурати коркарди он;

– байни савияи нокифояи инкишофи салоҳиятҳои касбии мутахассисони ҷавони тиб ва талабот нисбат ба чунин мутахассисон аз тарафи бозори меҳнати муосир;

– байни сатҳи пасти коркарди ҷузъҳои методологӣ ва назариявии асосноккунии технологияҳо ва шароити педагогии барои рушди бомуваффақияти СК зарурбуда ва зарурати омӯзиши ин ҷанбаҳои проблемаи мавриди баррасӣ қарордошта.

Ихтилофоти дар боло зикршуда мавҷудияти проблемаро дар доираи илми педагогика нишон дода, бо ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии омӯзиши проблемаи такмили СК-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ алоқамандӣ доранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2017-2021 дар мавзуи “Усулҳои инноватсионии ташаккули СК-и донишҷӯён дар ҷараёни таълими фанҳои равияи табиатшиносӣ” иртибот дошта, бо мақсади мусоидат ба татбиқи муқаррароти асосии Лоиҳаи “Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030” дар самти “Тақвияти низоми дастгирии омӯзгорон дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим” иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - таҳия ва асоснок кардани шароитҳои педагогӣ, ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии ташаккули СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Фарзияи пешниҳодшуда ва мақсади таҳқиқот вазифаҳои зеринро муайян карданд:

– муайян намудани принсипҳои асосии методологӣ ва назариявии такмили СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ;

– таҳия ва асоснок кардани принсипҳои консептуалии такмили СК дар ҷараёни тайёр кардани мутахассисони ояндаи соҳаи тиб;

– дар асоси озмоиш ошкор намудан ва асоснок намудани шароити педагогии зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ;

– дар асоси озмоиш муайян ва асоснок кардани амсилаи консептуалии такмили СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

**Объекти таҳқиқот** - СК-и донишҷӯи муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот -** асосҳои консептуалӣ ва шароити педагогии раванди ташаккули СК дар табибони оянда.

**Фарзияи таҳқиқот** - асосҳои консептуалӣ ва методологияи раванди такмили СК-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ имкон медиҳанд, ки раванди самараноки таҳсилот бо натиҷаҳои дилхоҳ ташкил карда шавад, агар:

– шароити методӣ ва назариявии такмили СК-и ДКТ муайян карда шавад;

– консепсияи илмии такмили СК-и мутахассисони ояндаи тиб бо назардошти самтҳои дурнамои рушди таҳсилот дар соҳаи тиб таҳия ва асоснок карда шавад;

– технология ва шароитҳои педагогии зарурӣ барои бомуваффақият баланд бардоштани СК-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ асоснок ва фароҳам оварда шавад;

– меъёрҳои арзёбӣ ва мониторинги натиҷаҳои таҳсилот, ки ба талаботи муосири кормандони соҳаи тиб ҷавобгӯ мебошанд, муайян карда шаванд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар давраи солҳои 2020-2022 гузаронида шуда, аз се марҳила иборат аст.

*Дар доираи марҳилаи аввал - марҳилаи муқарраркунанда,* интихоб ва омӯхтани адабиёт оид ба мавзуи мавриди баррасӣ, таҳлили тамоюлҳои рушд ва вазъи кунунии проблема анҷом гирифта, вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳқиқот муайян карда шуданд, инчунин, фарзияҳо пешниҳод ва методика интихоб карда шуданд, маводи барои озмоиш зарурӣ ҷамъоварӣ ва консепсияву асосҳои назариявии таҳқиқот таҳия карда шуданд.

*Дар марҳилаи дуюм - марҳилаи ташаккулдиҳанда,* пойгоҳи таҳқиқот интихоб гардида, технология ва шароитҳои педагогии раванди ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён асоснок ва маводи озмоиш омода карда шуда, таҳқиқоти озмоишӣ баргузор карда шуд.

*Дар доираи марҳилаи сеюм - марҳилаи ниҳоӣ,* маълумоти дар ҷараёни таҳқиқоти мавзуъ бадастомада ҷамъбаст ва ба низом даровардa шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз:

– нуктаҳои асосии психология, педагогика ва фалсафаи гуманистӣ (Г.М. Андреева, П.В. Алексеев, Н.К. Гончаров, Э.К.Бистритский, Л.И.Божович, А.В. Луначарский, Н.К. Крупская, В.И. Шинкарук, В.Г. Платонов, В.А.Шербинин, В.С.Овчинников, Э.И.Моносзон ва дигарон);

– консепсияи такмили салоҳиятҳои касбӣ (И.П. Смирнов, Н.Б. Пугачёва, В. А. Камелина, А. М. Новиков ва ғайра);

– таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи фарҳанги касбӣ ва ҷанбаҳои педагогии муносибати босалоҳият (М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Бобизода Ғ.М., Г.Н.Абдураҳмонов, Т.Атаханов, Ф.Шарифов, М.Б. Каримзода, Р.М. Рогова, Т.И. Ойзерман, И.Н. Сиземская, Б.Т. Лихачев, Н.У. Яричев, Л. С. Вигодский ва дигарон) иборат аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ** аз инҳо иборат аст:

– пажӯҳишҳои муосири назариявӣ, методҳо ва муҳтавои раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус (В.В. Краевский, А. В. Брушлинский, И.Г. Фомичева ва дигарон);

– методҳо ва самтҳои инкишофи салоҳияти донишҷӯён дар ҷараёни раванди таҳсилот (Р.А. Артсишевский, Л.Б. Ляуш, А.Г. Спиркин, Т.И.Ойзерман, В.И. Шинкарук ва дигарон);

– равиши ба шахсият нигаронидашуда дар робита ба раванди таҳсилот ва рушди шахсӣ (М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Бобизода Ғ.М., А.Г.Асмолов, М.Г. Ашманис, Е.В. Бордовская, Г.Е. Залесский, Н.В. Кузмина, Б.М. Теплов, А. Маслоу, В.С. Мухина, В.В. Сериков, Н.А. Менчинская, Е.Н. Шиянов ва дигарон);

– мафҳумҳои калидии технология ва методикаи таҳқиқот дар соҳаи педагогика (А.М. Новиков, Ю.К.Бабанский, М.Н. Скаткин, В. С. Илйин, В.И. Загвязинский).

**Сарчашмаи маълумот:** Осори илмии олимони ватаниву хориҷӣ, методистону педагогҳо ва психологҳо оид ба роҳу усул ва технологияву воситаҳои ташаккули СК-и донишҷӯёни колеҷҳои тиббӣ; қонунҳои ҶТ

«Дар бораи маориф», “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ”, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии ҶТ, Талаботи минимуми ҳатмии Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии ҶТ барои фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиию риёзӣ, нақшаву барномаҳои таълими коллеҷҳои тиббӣ, санадҳои барномавӣ-методӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии Вазорати маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, озмоиши пешқадами омӯзгорони навовару озмоиши пешқадамдоштаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён.

**Заминаҳои эмпирикӣ:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълиму тарбия; омӯхтан ва истифодаи озмоиши пешқадами педагогӣ; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмпирикӣ - суҳбат ва саволномаҳо бо муаллимону донишҷӯён, таҳлилу таҳқиқи ҳуҷҷатгузорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён, гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои арзёбии ташхисӣ, ташкили озмоиши фикрӣ, амсиласозӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Корҳои озмоишӣ дар коллеҷҳои тиббии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон: Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи тиббии Данғара, Коллеҷи тиббии ноҳияи Восеъ гузаронида шуд.

Дар таҳқиқоти озмоишӣ дар маҷмуъ 42 нафар омӯзгорон ва 650 нафар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии дар боло зикршуда иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда шуд, ки аз нигоҳи стратегияи илмии татбиқи тадбирҳои педагогӣ ва ташкилӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии муосири низоми таҳсилоти миёнаи махсус асоснокшуда мебошад;

– раванди такмили СК-и ДКТ ҳамчун яке аз соҳаҳои ояндадори таҳқиқоти илмӣ дар педагогика, ки дорои ҷанбаи байнисоҳавӣ мебошад, таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

– амсилаи консептуалии такмили СК-и донишҷӯёни МТМТ пешниҳод гардид, ки имкон медиҳад фазои таҳсилотиро барои рушди касбии мутахассисониояндаи тиб мусоид созад;

– шароити педагогии барои такмили бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ зарурбуда ва дар амал батасвибрасида ошкор ва асоснок шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ раванди динамикӣ буда, дар доираи он дар ҷавонон салоҳияти касбӣ, мавқеи шахсии гуманистӣ ташаккул меёбанд, ки дар муошират бо ҳамсолон ва ҳамкасбон тадриҷан дақиқу амиқ мешавад ва минбаъд ба вазифаи асосии мутахассиси тиббӣ табдил мегардад.

2. Консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои инсонгаросозии таҳсилоти касбии тиббӣ дар ҷанбаҳои зерин муайян гардад: ҷорӣ намудани фазои интерактивии таҳсилот, робитаи мутақобилаи рушди умумӣ ва касбии табиби оянда, арзёбии сатҳи касбии мутахассис бо назардошти муносибати касбии ӯ.

3. Гузариши ҷузъи муҳтавоии таҳсилоти тиббӣ ба равиши антропологӣ ва касбӣ имкон медиҳад, ки ба саломатии инсон мақоми арзиши иҷтимоӣ дода шавад.

4. Барои истифодаи босамари равиши инсонмарказӣ дар такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҷиҳати бозсозии раванди таҳсилот зарур аст, ки шароит барои амалӣ намудани эҳтиёҷоти инфиродии донишҷӯён ҷиҳати фароҳам овардани фазои эҷодкорӣ ва ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ дар муассисаи таълимӣ чораҳои мушаххаси амалӣ андешида шавад.

5. Барои ташкили раванди самараноки такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ зарур аст, ки арзишҳои тиб ба унсури ҷудонопазири ҷузъи муҳтавоии фанҳои алоҳидаи таълимӣ табдил дода шуда, ҷанбаҳои салоҳияти касбии мутахассисониояндаи тиб муайян ва амалӣ карда карда шаванд.

6. Самтгирии раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ ба ҷузъи касбӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯён ба таври назаррас инкишоф дода шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– ба назарияи СК нуктаҳое ворид карда шуданд, ки нуқтаи назарҳоро дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилотии миёнаи тиббӣ, умуман, оид ба таҳсилоти тиббӣ дар қаринаи такмили СК тағйир доданд;

– асоснокии назариявии принсипҳо ва қонунияти аз тарафи мо ошкоршудаи СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ оварда шудааст;

– вижагиҳои татбиқи равишҳои ангезавӣ, системавӣ ва ба шахсият нигаронидашуда барои баррасии амсилаи консептуалии такмили СК дар мутахассисони соҳаи тиб муайян карда шуданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки:

– шароитҳои педагогии такмили СК-и донишҷӯёни коллеҷ, ки дар рафти таҳқиқот коркард шуданд, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки бо назардошти фаъолона истифода бурдани методҳои интерактивии таълим ба раванди таълим тағйирот ворид кунанд;

– барномаи такмили салоҳиятнокии касбии табибони оянда, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва тасвиб шудааст, СК-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббиро дақиқ менамояд;

– таъминоти илмию методии такмили салоҳияти касбӣ, ки аз ҷониби муаллифи таҳқиқот таҳия шудааст, ҷузъи муҳтавои раванди таълимро дар ҷараёни омодасозии табибони оянда дар иртибот ба ташаккули СК-и онҳо ғанӣ мегардонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути:

– маҷмӯи таҳлилҳои микдорӣ ва сифатии натиҷаҳои ҳамаи марҳилаҳои озмоиш;

– истифодаи методҳои математикии арзёбӣ ва муқоисаи натиҷаҳои корҳои озмоишӣ;

– маҷмӯи маълумоти озмоишӣ бо таҳлили назариявии проблема;

– муқоисаи маълумоти манбаъҳои илмӣ бо натиҷаҳои озмоиш;

– риояи сатҳи дахлдори интихобкунии намуна;

– муайянӣ ва асоснокии назариявии шароитҳои педагогии барои такмили самараноки СК-и мутахассисони ояндаи тиб зарурӣ таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот), *банди 7* –

«Педагогикаи амалӣ» (ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим;).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар татбиқи амалии қисмати назариявии таҳияшуда аз инҳо иборат мебошад:

– имконияти салоҳиятнокӣ ва ҷанбаҳои арзишии касби тиббӣ дар фанҳои гуногуни таълимӣ муайян карда шудаанд, ки ба ташаккули самтгириҳои арзишии онҳо дар мутахассисони ояндаи соҳаи тиб мусоидат мекунанд;

– дар асоси озмоиши фикрӣ ва таҳлили назариявӣ, консепсияи такмили СК-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ пешниҳод карда мешавад;

– шароити педагогӣ ва асосноккунии озмоишӣ муяссар ва ба даст оварда шуданд, ки татбиқи самараноки салоҳиятҳои касбии донишҷӯёнро дар такмили савияи касбии онҳо имконпазир месозанд;

– технология ва амсилаи омодасозии ДКТ ба фаъолияти касбии оянда дар асоси салоҳияти ташаккулёфта пешниҳод ва тасвиби озмоишӣ гирифта шуд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод ва муҳокима шуданд.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳои илмӣ ва мизҳои мудаввар, ки солҳои 2019-2022 дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардидаанд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфта, мусбат арзёбӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 номгӯй мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди

Президенти ҶТ ва дар 4 номгӯй мақолаҳои дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои илмӣ батабърасида интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, сохтори он комилан ба мантиқи кор мутобиқат дорад. Ҳаҷми диссертатсия 177 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ

## 1.1. Моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ

Такмил додани низоми таҳсилотӣ дар шароити кунунӣ куллан, яке аз ҷанбаҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад. Робитаи бевоситаи миёни онҳо ба рушди технологияҳо, таркиби муҳтавоӣ, воситаҳо ва методҳои раванди таълим дар ҷомеаи муосир вобаста мебошад.

Дар замони ҳозира барои низоми таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тайёркунии донишҷӯёни коллеҷҳои дорои рақобатпазирӣ ва тахассуси баланд, ки ба онҳо имкони амалисозии фаъолияти бомуваффақияти касбии онҳоро имконпазир гардонад, мубрамии вижа касб намудааст.

Низоми таҳсилоти ҶТ барои бо мутахассисони соҳибтахассус қонеъ гардонидани кишвар фаъолияти ҳадафмандона амалӣ мекунад, ки он ба тайёркунии донишҷӯёни коллеҷҳои дорои ҳамаи маҷмӯи салоҳиятҳои касбӣ нигаронида шудааст. Ҳолати кунунии технологияҳои иттилоотӣ бо рушди босуръати худ имкон медиҳад, ки дар сурати ҳамгироии онҳо бо илми педагогикаи муосир стратегияҳои инноватсионии таҳсилот таҳия гарданд. Эҷоди амсилаҳои нави таҳсилотӣ коркарди равиши дигарро нисбат ба амсилаи кори синфӣ дар назар дорад, ки он битавонад талаботи дар донишҷӯён ташаккулдиҳии салоҳиятҳои касбиро пурра қонеъ намояд.

Муҳаққиқони машҳури тоҷик Ф.Шарифзода ва А.М. Миралиев оид ба мазмуну муҳтавои предагогика мулоҳиза ронда, чунин нигоштанд: «Афлотун ва ҳамчунин устоди ӯ Сӯкрот ба педагогика на танҳо аз роҳи мантиқ, балки аз нигоҳи ахлоқ наздик шуда, ба чунин хулосаи муҳим омадаанд, ки ҳамагуна маърифат ба худ фурӯ рафтан,

худро бомаърифат кардан ва дар ниҳояти кор рағбат ба мутолиа ва дониш андӯхтан аст» [166, С.50].

Дар асоси таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ мо ошкор намудем, ки ҳанӯз дар давраи атиқа мафҳуми салоҳиятҳои касбӣ падид омадааст. Дар замони мо ба омӯзиши мавзуи мазкур бисёр пажӯҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ машғул шудаанд. Дар таълифоти А.М. Митяева [106, С. 47], И.С. Гаврилова [43, С. 52], С.А. Татяненко [143, С. 98], В.Н. Введенский [37, С. 47] ва олимони дигар мо баррасии масъалаҳои ба савия, сифат ва вижагиҳои СК дахлдоштаро пайдо мекунем.

Мо дар таҳқиқоти пешниҳодшаванда ба мавқеи В.А.Сластенин такя мекунем, ки ӯ дар доираи мактаби илмии худ пешниҳод кардааст [136, С. 81]. Профессор В.А. Сластенин салоҳиятнокии касбиро ба сифати маҷмӯи аз тайёрии психологӣ, назариявӣ ва амалии донишҷӯён иборатбуда баррасӣ менамояд, ки дар асоси он ҷузъи таркибии фаъолиятӣ қарор дорад.

СК ҳам, дар натиҷаи азхудкунии натиҷабахши ҳамаи ҷузъҳои таркибии зикргардида ташаккул меёбад.

Муаллифи таҳқиқот пешниҳод менамояд, ки дар таркиби СК чунин гурӯҳи маҳоратҳо ҷудо карда шаванд [136, С. 70].

Чунончи, гурӯҳи якумро қобилияти арзёбии воқеъбинонаи салоҳиятнокии касбии худ ташкил медиҳад.

Ба гурӯҳи дуюм маҳорати дар раванди таълим ҷудо кардани ҷузъиёти афзалиятнок аз тарафи донишҷӯ мансуб мегардад.

Гурӯҳи сеюм иборат аз қобилияти идроки мантиқӣ ва дар ин асос тасҳеҳ кардани раванди таълим мебошад.

Ба гурӯҳи чорум қобилияти донишҷӯ дар мавриди ворид намудани тағйирот ба раванди таълим бо такя ба ҳадафҳои афзалиятноки таҳсилотӣ дохил мешавад.

Мутобиқи амсилаи мазкур, яқинан, СК бояд дар ҷараёни раванди таълиму тарбия бо истифодаи ҷузъҳои таркибии фаъолиятӣ, ангезавӣ ва

баҳодиҳӣ ташаккул ёбад ва он дар маҷмуъ фаъолияти ҷанбаи касбидоштаро тавсиф менамояд.

Ба ақидаи В.Г. Воронтсова СК чунин ҷузъҳои таркибӣ аз қабили рефлексия, маҳорати пайвастани дониши назариявӣ бо таҷриба ва эҷодкориро дарбар мегирад [41, С. 78].

Муаллифи таҳқиқот чунин мешуморад, ки дар раванди таълим донишҷӯён андаке таҷрибаи ба пажӯҳишҳои дидактикии ватанӣ ва хориҷӣ асосёфтаро ба даст меоваранд ва қодиранд, ки онҳоро ба дигарон иттилоъ диҳанд.

Ба тасаввури В.Г. Воронтсова эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашаванда ва зарурии тавсифномаи касбият аст, зеро бидуни сифати мазкур аз лиҳози касбӣ рушд намудан, ба вуҷуд овардани методҳо ва технологияҳои самараноки педагогӣ имконнопазир мебошад.

Дар ин ҳол, рефлексия ҳамчун маҳорати идроки такрорнашавандагии худ, инчунин, ба таври воқеъбинона ба арзёбии фаъолияти касбии худ рафтор кардан аст.

Муаллифи таҳқиқот муътақид аст, ки ҷузъҳои таркибии номбаргардида дар як низом муттаҳид шудаанд ва мутахассиси хуби дорои салоҳиятнокии касбии ба савияи баланд ташаккулёфтаро тавсиф мекунад.

Бисёрҷанбагӣ ва бисёрсавиягии мафҳуми СК ҳамроҳ бо кӯшиши пажӯҳишгарон ҷиҳати баррасии ин падида дар ҳамаи паҳлуҳои он боиси арзи вуҷуди равишҳои зиёд нисбат ба таърифи он гардид, ки дар навбати худ зарурати тасниф намудани равишҳои мазкурро, пеш аз ҳама, аз ташаккулёбии заминаи мафҳумии он ба миён овард.

Якчанд гунаҳои таърифи «салоҳиятнокии касбӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

И.А. Зимняя вижагиҳои салоҳиятнокии касбиро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки таҷрибаи дар ҷараёни фаъолияти таҳсилотӣ ташаккулёбанда бо гирифтани донишҳо тақвия меёбад ва онҳо ба меъёрҳо ва стандартҳои таҳсилот мутобиқат мекунанд [59, С. 40].

Салоҳиятнокии касбиро Т.И. Шамова ҳамчун маҳорати кор кардан ҳамроҳ бо вуҷуди донишҳои ҷанбаи касбидошта баррасӣ мекунад [161, С. 81].

Равиши консептуалии пешниҳоднамудаи С.Г. Молчанов ва дигар пажӯҳишгаронро таҳлил намуда, мо ба хулоса омадем, ки сифатҳои шахсиятии омӯзгори оянда ва мақоми ӯро, асосан, тамоми маҷмӯи салоҳиятҳои касбии дар ӯ ташаккулёфта муайян мекунанд [107, С. 95].

Дар асоси таҳқиқоти назариявии ватании соҳаи СК масъалаҳои ба ташаккулёбии касбият ва болоравии самаранокии фаъолияти меҳнатӣ бахшидашуда қарор доранд. Онҳо бо услуби рафтори фарди алоҳида, сифатҳои ҷанбаҳои психологию педагогӣ ва касбидоштаи ӯ зич алоқаманд мебошанд.

Дар таълифоти муосир оид ба мавзуи мазкур мо ба бисёр равишҳои гуногун нисбат ба таърифи мафҳуми «салоҳиятнокӣ» дучор мешавем. Масалан, Ю.В. Синягин, В.Г. Зазикин, А.А. Деркач онро ҳамчун савияи муайяни дар мутахассиси оянда ташаккулёбии сифатҳои муҳими касбӣ баррасӣ мекунанд, ки ба муваффақона амалисозии фаъолияти касбӣ, аз ҷумла вуҷуди чашмдоштҳо аз худ ва атрофиён, ҳадафмандӣ, талош баҳри худтакмилдиҳии доимии шахсӣ ва касбӣ имконият фароҳам меоварад [52, С. 92].

Донишмандони ватанӣ ба мо навъҳои гуногуни равишҳоро нисбат ба тавсифномаи падидаи мавриди баррасии мо пешниҳод кардаанд.

Масалан, Амиров С.Д. дар бораи озмоишомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва фаъолиятии касбии донишҷӯён –омӯзгорониояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида мекунад [23, С. 31].

Ба ақидаи Н.Ҳ. Давлатова салоҳияти касбии омӯзгор омили ҳалкунандаи таъмини сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад ва аз ин хотир, баланд бардоштани сатҳи салоҳият ва салоҳиятнокии омӯзгор шарти зарурии инкишофи таълимгоҳ ҳисобида мешавад [49, С. 94 - 98].

Муҳаққиқон Ҳомидов А.А., Маҳмудов О.Р. ташаккули салоҳияти умумӣ ва касбиро ифодакунандаи фаъолияти донишҷӯён дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва аз худ намудани салоҳиятҳои алоҳидаи он мешуморанд [122, С. 124].

Муҳаққиқон Суганова, В.Н. Правдюк ва Е.Н. Ковешникова муътақиданд, ки салоҳиятнокии касбӣ, асосан, ҳангоми таълим додани омӯзгорони оянда ташаккул меёбад. Маҳз дар чаҳорчӯбаи раванди таълим мутахассисони оянда вижагиҳои шахсияти барои фаъолияти омӯзгорӣ зарурбудаи худро ташаккул медиҳанд, рефлексия ва ҳавасмандии онҳо инкишоф меёбад [88, С. 96].

Т.Е. Ковина дидгоҳи худро дар мавриди мафҳуми мавриди баррасии мо пешниҳод намуда, иброз медорад, ки ҳамон талаботе ҷудо карда шаванд, ки мутахассиси оянда онҳоро иҷро намуда, салоҳиятнокии касбиро дар савияи зарурӣ фаро мегирад [89, С. 31]. Талаботи мазкурро метавон ба сифати як навъ меъёрҳои тавсифкунандаи салоҳиятнокии мутахассис баррасӣ намуд:

1. Ба воситаи рефлексия инкишоф додани ҳавасмандӣ ба такмилдиҳии доимии касбӣ.

2. Маҳорати ташхис намудани савияи салоҳиятнокии касбӣ, ба мақсади он ки роҳҳо ва методҳои такмили он ошкор гардад.

3. Доштани қобилияти таҳлил кардани натиҷаҳои таҳқиқоти қаблан анҷомгирифта ва муқоисаи он бо пажӯҳишҳои бештар мубрамбуда.

4. Донистани вижагиҳои рушди пешраванда дар соҳаи касбӣ.

Ба ғайр аз миқёси густардаи ақидаҳо дар бораи таърифи СК мо, инчунин, ба гуногунии равишҳо нисбат ба таърифи ҷузъҳои таркибии он рӯ ба рӯ мешавем.

Масалан, Н.Н. Володин пешниҳод мекунад, ки ҷузъҳои таркибии шахсиятию касбӣ, фаъолиятию касбӣ ва мухтавоию касбӣ ҷудо карда шавад [39, С. 78].

Мавқеи муаллифон Д.А. Новиков ва А.М. Новиков оид ба масъалаи чигунагии меъёрҳои мафҳуми СК ҷолиб мебошад. Онҳо чунин ҷузъҳои таркибии рефлексивӣ, технологӣ, маърифатӣ ва ангезавиро фарқ мекунанд [115, С. 41].

Чунончи, Н.С. Розов пешниҳод мекунад, ки салоҳиятнокӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти ҷанбаи касбидошта мавриди баррасӣ қарор дода шавад, дар сурате ки таҳти мафҳуми салоҳиятнокӣ ӯ соҳаеро дар назар дорад, ки дар чаҳорчӯбаи он фард малака, маҳорат ва донишҳои худро дар амал татбиқ мекунад. Дар ин ҳол, муаллифи мазкур чунин мутахассисро дорои салоҳиятҳои касбӣ ҳисоб мекунад, ки дар раванди ташаккулёбии касбӣ кадом як маҷмӯи салоҳиятҳои заруриро ба даст меоварад [129, С. 89].

В.Н. Введенский [37, С. 74], ба ғайр аз маҳорату донишҳо ба салоҳиятнокии касбии омӯзгор, инчунин, маҳорати корбурди босамари онҳоро дар фаъолияти касбии худ дар назар дорад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, пешниҳод менамоем, ки СК ҳамчун соҳаи баҳамрасии ҷанбаҳои иртибототӣ, проблемавӣ ва консептуалӣ баррасӣ гардад. Таҳти мафҳуми аввалӣ мо таъсири мутақобила ва муоширатро дар назар дорем. Ҷанбаи проблемавӣ имкони муайянкунии ҳадафҳо ва вазифаҳоро фароҳам месозад. Ҷанбаи консептуалӣ бошад, имкони дарк намудани проблемаро бо ҳама мушкилоти он, муайянкунии шароити ҳалли он ва амалисозии арзёбии натиҷаро муҳайё менамояд.

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгарони хориҷӣ ва ватанӣ дар ин соҳа шаҳодат медиҳанд, таҳти мафҳуми СК бояд на фақат рушди сифатҳои касбии фард, инчунин, қобилияти ӯ дар мавриди интихоби роҳи беназири худтакмилдиҳии худ идрок гардад.

Мавҷуд будани васеътарин миқёси равишҳо нисбат ба таърифи СК бисёрпаҳлу ва мураккаб будани мафҳуми мазкурро нишон медиҳад.

СК ба донишҳои андухташудаи салоҳиятҳои ҷанбаи амалидошта иртиботи наздик дорад. Маҳз дар болои ҳамин таҳкурсӣ раванди

ташаккули болоравии минбаъдаи шахсиятӣ ва касбии мутахассис ба вуқуъ меояд.

Дар коллеҷҳои тиббӣ тайёр кардани мутахассисон бевосита бо ташаккулёбии СК дар онҳо дар раванди таълимӣ алоқаманд буда, аз бисёр ҷиҳат ба савияи ҳамкориҳои муассисаи таълимӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ, сохторҳои бозори меҳнат дар асоси баҳисобгирии манфиатҳои ҳамаи паҳлуҳои раванди мазкур вобастагӣ дорад.

Мутахассиси ояндаи тиббӣ салоҳиятнокии касбии худро дар ҷараёни таълим дар КТ ташаккул медиҳад, ки дар чаҳорчӯбаи он таҳкурсии сифатнок бар маънои равиши фаъолиятии шахсият ҳамроҳ бо рушди низоми арзишҳои шахсиятӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми ташаккулёбии СК дар мутахассиси тиббии оянда бояд принсипҳои ҳамкории миёни омӯзгор ва донишҷӯён на танҳо дар кори ташаккулёбии касбӣ, балки дар рушди шахсиятӣ ҳам дар коллеҷ риоя гардад. Сухан дар бораи кори муштарак дар идроки проблемаҳои мавҷуда, муайянкунии вазифа ва ҳадафҳо меравад, ки дар ниҳояти кор, барои рушди ҳар яке аз тарафҳои ҳамкорӣ хидмат мекунад.

Ҳамкориҳои педагогӣ дар ҳамаи зинаҳои раванди таҳсилотӣ ба яке аз муҳимтарин омилҳои мусоидаткунанда дар ҷиҳати дар корманди ояндаи тиббии зинаи миёна ташаккулёбии СК дар КТ мубаддал мегардад. Бояд ба он далел таваҷҷуҳ намуд, ки унсури ҷудонашавандаи салоҳиятнокии касбии корманди тиббӣ ҷанбаи эҷодӣ мебошад, ки он мутахассисро ба такмилдиҳӣ, омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ ва методҳои кор водор сохта, ба болоравии касбии ӯ мусоидат мекунад.

Дар мутахассисони ҷавони тиббӣ метавон ташаккулёбии салоҳиятнокии касбиро бобарор ҳисоб намуд, агар онҳо дар КТ кори мустақилона, маҳорати муайянкунии вазифаҳо ва ҳадафҳоро дар касби худ, қобилияти мутамарказшавӣ ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки марбут ба фаъолияти касбии худ, бо корбурди технологияҳои муосирро ёд гирифта бошанд ва дар ин ҳол чунин сифатҳои инсонӣ ва касбиро аз қабили ҳамдардӣ, таҳаммулпазирӣ хайрхоҳӣ, омода будан ба ҳамкории

босамар, маҳорати ба таври воқеӣ арзёбӣ намудани фаъолияти касбии худро зоҳир намоянд [1, С. 41].

Дар зимн, тавре ки натиҷаҳои мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, табибони оянда на ҳамеша ҳавасмандии кофиро ба омӯзиш доро мебошанд, ки он наметавонад таъсири манфиро ба ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии онҳо нарасонад. Ин ба он вобаста аст, ки муддати тӯлонӣ ҳайати педагогии муассисаҳои таълимии касбӣ дар назди худ вазифаи ба такмилдиҳии сифатҳои касбӣ ва шахсиятӣ нигаронидашударо нагузошта буданд, камбудиҳои ҷиддӣ дар коркардҳои назариявӣ оид ба масъалаҳои дар муассисаҳои таълимӣ ташаккулёбии шароити зарурии педагогӣ мавҷуд буданд, ки ба донишҷӯён зоҳирсозии кӯшиши худтакмилдиҳӣ ва худтаҳлилро имконпазир намояд.

Мо бо истифода намудани равиши салоҳиятнокӣ дар таҳсилот метавонем ба масъалаи марбут савияи сифатии таҳсилот ба гунаи дигар назар андозем. Меъёри калидие, ки тибқи он савияи сифатии таҳсилот арзёбӣ мегардад, салоҳиятнокии касбии баррасишаванда ҳамчун тавсифи интегралии табиби оянда мебошад, ки бо ёрии он омодагии ӯ ба ҳалли масъалаҳои ҷанбаи касбидоштаи дар кори воқеӣ пайдошаванда арзёбӣ мегардад (О.Е. Лебедев, Н.Ф. Родионова, А.П. Тряпитсина).

Мақсади дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккул додани СК инкишоф додани сифатҳои касбии онҳо дар асоси принсипҳои ҳамдардӣ, ҳамгироӣ, ҳамагароӣ ва меҳру шафқат мебошад.

Масъалаҳои марбут ба ташаккулёбии СК дар табибони ояндаро баррасӣ намуда, бояд ба ҷузъи аксиологӣ диққати ҷиддӣ дод, ки он яке аз ҷузъҳои калидии сохтори шахсиятӣ мебошад, чунки маҳз ҷузъи мазкур танзим ва самтгирии фаъолияти инсонро дар ҳамаи соҳаҳо имконпазир менамояд [2, С. 613]. Ба андешаи И.А. Колексникова, ки мо онро пурра тарафдорӣ менамоем, маҳз арзишҳо робитаи мутақобилаи миёни воқеияти атроф ва ҷаҳони ботинии фардро таъмин мекунанд ва бо ҳамин

вазифаи таҳкурсии маъниофарандаеро, ки дар асоси салоҳиятнокии касбии мутахассиси оянда қарор дорад, иҷро мекунад [91, С. 193].

Савияи самаранокии ташаккули СК дар кормандони тибби оянда аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки самтҳои ташаккули низоми арзишҳо дар донишҷӯён дар давраи таҳсил дар коллеҷ инкишоф меёбад.

Салоҳиятнокии касбии мутахассиси ҷавон бо ҳадди аксари амалишавии тамоми неруи билқувваи шахсият, талоши ошкорсозии тамоми миқёси имконоти эҷодӣ бо мақсади ҳар чи бештари расидан ба мақсадҳои гузошташуда ҳам дар фаъолияти касбӣ ва ҳам дар зиндагии шахсӣ мебошад. Раванди мазкур ҷанбаи ҳадафманди бошуурона дорад, дар ин ҳол шахсият пурра ошкор гардида, вижагиҳои инфиродии ба такмилдиҳии сифатҳои касбии он нигаронидашуда амалӣ мегарданд.

Асоси шахсият дар арзишҳо нуҳуфта буда, онҳо бевосита ба ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни КТ ба таври куллӣ ба ҳамаи фаъолияти онҳо таъсир расонида, кирдор ва рафтори ӯро муайян мекунад. Боз як вазифаи ҷузъи аксиологӣ дар он аст, ки он рафтори шахсро дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ӯ ангезанок ва ҳавасманд менамояд [4, С. 570].

Дар ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии кормандони зинаи миёнаи тиббӣ омилҳои зерин таъсири назаррас мерасонанд: савияи таҳсилоти донишҷӯи коллеҷ, мақоми иҷтимоӣ ва касбии ӯ, савияи таҷрибаи касбии ӯ, соҳаи фаъолият дар тиб, талош ва имкони машғулшавӣ ба худомӯзӣ, худро амалӣ намудан дар чорчӯбаи фаъолияти касбӣ. Аз чигунагии ҳамроҳ омадани омилҳои мазкур, аз бисёр ҷиҳат, динамика ва самаранокии ташаккулёбии салоҳияти касбии донишҷӯи КТ вобаста мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳоли ҳозир ихтилоф миёни амсилаи анъанавии таълим, ки асосан ба андухтани малака ва донишҳои ҷанбаи касбидошта самтгиришуда ва ниёзмандии ҷомеаи муосир ба мутахассисони дорои салоҳияти касбии ташаккулёфта ошкор шудааст. Зуҳури чунин ихтилоф ба масъалаи аз будаш камтар баҳодиҳии нақши ҷанбаи арзишии шахсият

вобастагӣ дорад, ки дар натиҷаи он донишҷӯёни коллеҷ ба муҳрае дар «истеҳсолоти» оммавии низоми анъанавии таҳсилот табдил хоҳанд ёфт. Зарурати муайянкунии шароити педагогӣ ва дидактикии зарурӣ барои дар мутахассисони оянда ташаккулёбии СК дар ҷараёни омӯзиши онҳо дар муассисаҳои таълимии миёнаи тиббӣ мубрамияти вижа касб мекунад.

Ҷаҳонбинии касбиро дар раванди таълим бояд ҳамчун дараҷаи пешбиникунандаи рушди ҷанбаҳои арзишӣ, психологӣ ва ахлоқии фарҳанг, ташаккулёбии қабилиятҳои иртибототӣ ва фарҳанги тафаккури мутахассис баррасӣ намуд. Ин, аввалан, ба болоравии шахсияти мутахассиси касбии оянда мусоидат намуда, сониян, ба ӯ имкон медиҳад, ки иштироккунандаи фаъоли раванди созандаи азхудкунии ихтисоси оянда гардад.

Ба раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии Тоҷикистон методологияи ватании анъанавӣ дар соҳаи тиб таъсири назаррас расонидааст. Дар зимн, барои тибби муосир на ҳамеша муяссар гардидааст аз ихтилофоти мавҷудаи миёни коркардҳои амалӣ ва назариявӣ, миёни амалҳо ва донишҳо, ки ногузир дар динамикаи бемор ҳангоми инкишофи номуайяни ҷараёни он ба вуҷуд меоянд, худдорӣ намояд. Ҳамин тавр, дар коллеҷҳои тиббӣ зарур аст чунин мутахассисоне тайёр карда шаванд, ки барои пазируфтани инноватсияҳо ва таҳқиқоти навтарин дар илми тиб омода бошанд.

Донишҷӯёни имрӯзаи муассисаҳои таълимии миёнаи тиббӣ дар фаъолиятиояндаи худ на танҳо барои ҳолати ҷисмонии беморон, балки барои саломатии равонии онҳо низ ҷавобгар мебошанд. Бинобар ин, касби табиб барои ҷомеаи кунунӣ фавқулода муҳим аст. Он ба навъи фаъолияти субъект-субъектӣ мансуб аст, ки амалҳоро дар вазъиятҳои гуногуни психологӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд ва дар навбати худ, аз мутахассиси соҳаи тиб омодагии фаъолият дар шароити пуршиддати ҳам равонию отифавӣ ва ҳам ақлониро тақозо мекунад.

Қайд мекунем, ки дар шароити кунунӣ раванди ташаккулёбии корманди тиббӣ ҷанбаи дугонагӣ дорад ва иборат аз маҷмӯи малакаҳо, донишҳо ва маҳоратҳо ҳамроҳ бо ташаккулёбии сифатҳои аҳамияти касбидошта мебошад.

Ба ақидаи Володин Н.Н. дар замони ҳозира мо танҳо дар борои марҳилаи ташаккулёбии низоми ҳамроҳии психологии шахсияти кормандиояндаи зинаи миёнаи тиббӣ ҳамчун корманди касбӣ дар ҳамаи зинаҳои он метавонем қазоват намоем [39, С. 70].

Мо чунин ҳисоб мекунем, ки барои ташаккулёбии бештар натиҷабахши салоҳиятнокии касбии кормандиояндаи зинаи миёнаи тиббӣ дар ҶТ ҷузъи иттилоотию технологӣ, ки ба таври доимӣ дар ҳоли тағйиру такмилёбӣ мебошад, аҳамияти беш аз пеш зиёд пайдо мекунад. Дар асоси гуфтаҳои боло мо ба хулоса омадем, ки барои раванди ташаккулёбии салоҳияти касбии кормандиояндаи тиббӣ такмилёбии доимӣ ва динамикаи баланди тағйирот хос мебошад.

Сол то сол, тадриҷан, бозори меҳнат ба савияи тайёркунии донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи таълимии тиббӣ талаботи нав ба навро матраҳ менамояд, ки на ҳамеша дар нақшаҳои таълимӣ ба назар гирифта мешаванд, баъзан, ҳатто ихтисори соатҳо аз рӯйи ин ё он фанҳо ба назар мерасад, ки ба раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин, набудани сиёсати ягонаи болоравии шахсии кормандони тиббии оянда низ омили манфӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, омӯзиши нақшаҳои таълимӣ ва стандартҳо, таҳлили кори муассисаҳои миёнаи таълимии тиббии ҶТ ҳамагӣ шаҳодат медиҳанд, ки кори тарбия намудани табибони оянда ба тасҳеҳу ислоҳоти ҷиддӣ зарурат дорад.

Ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии мутахассиси соҳаи тибро мо ҳамчун раванди бардавоми таҳсилоти тахассусӣ баррасӣ менамоем, ки дар натиҷаи он донишҷӯёни муассисаҳои таълимии тиббӣ тайёрии касбӣ

дарёфт мекунанд, ки бетанаффус дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо шумули таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ идома меёбад.

Ҳамин тавр, ҳангоми таълими бефосила фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ва фаъолияти касбии омӯзгорон як навъе бо ҳам омехта мешаванд ва бо ҳамин барои худамалисозии табибони оянда шароит фароҳам меоварад.

Тавре ки таҳқиқоти мо нишон дод, барои он ки тағйироти сифатӣ дар салоҳиятнокии касбии мутахассисони соҳаи тиб муяссар гардад, лозим аст, ки тағйироти зерин дар талабот ба мутахассисони оянда аз рӯйи самтҳои зерин ворид карда шавад:

- ҳамгироии байнифаннии фанҳои таълимии самтҳои гуманитарӣ, дақиқ, табиию риёзӣ ва махсус, ки ҳадафи он рушди ҷаҳонбинии умумии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ва азхудкунии амиқтари маводи таълимӣ мебошад;
- тадбирҳои нигаронидашуда ба баландбардории самаранокии ташаккули СК ва илмии донишҷӯёни коллеҷ, инчунин, ба тақвияи аҳамияти самтҳои гуманитарӣ, дақиқ, табиию риёзӣ ва махсус;
- ба раванди таълим ворид намудани курсҳои иловагӣ, ки ба донишҷӯён дар худ бомуваффақият инкишоф додани салоҳиятнокии касбиро дар ҳамаи зинаҳои раванди таълим имконпазир менамояд;
- такмил додани методикаи тадриси фанҳои таълимии самтҳои гуманитарӣ, дақиқ, табиию риёзӣ ва махсус, бо мақсади он ки он ба навтарин коркардҳои амалию назариявии тандурустии ватанӣ ва хориҷӣ асос ёфта бошад.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои болоиро хулоса намуда, метавонем иброз намоем, ки зарурати амалисозии маҷмӯи тадбирҳои нигаронидашуда ба дигаргунсозии самтҳои технологияҳои таълимӣ ва ҷузъи муҳтавоии раванди таълим ба ҷиҳати тақвияи ҷузъи касбӣ дар рушди мутахассисониояндаи тахассуси тиббӣ фаро расидааст. Чунин ҳисоб мекунем, ки барномаи таълимӣ оид ба рушди салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ бояд бо курси ҳамгирошудаи махсуси

таълимии “Асосҳои дар донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи таълимии тибби ҶТ ташаккулдиҳии салоҳиятнокии касбӣ” такмил дода шавад.

Ин ба он вобаста аст, ки рушди босуръати технологияҳои навтарин ва динамикаи таҳаввулоти муосир ба афзоиши меҳнатталабии дар мутахассисони оянда ташаккулёбии СК ва якбора болоравии талабот ба савияи касбии онҳо, бо мақсади он ки мутахассисони соҳаи тиб ба зоҳир намудани равиши эҷодӣ дар фаъолияти касбии худ омода бошанд, савияи баланди фарҳанг ва талош ба худтакмилдиҳиро дар тамоми зинаҳои омӯзиши худ намоиш диҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур мо ошкор намудем, ки тайёрии мутахассис ба фаъолияти нигаронидашуда ба таҳаввулот, ҷустуҷӯи пайвастаи методҳои нави дарёфт ва коркарди донишҳо, талоши ӯ ҷиҳати фарогирии арзишҳои нав ва қобилият ба тасҳеҳи саривақтии идроки худии воқеиятҳои касбиро пениҳод менамояд.

Дар миёни самтҳои асосии ҳалли масъалаҳои вобаста ба ташаккулёбии салоҳияти касбӣ дар табибони зинаи миёнаи оянда инҳоро қайд мекунем: мутобиқшавии проблемаҳои ҷанбаи методологидоштаи мансуб ба салоҳиятнокии касбӣ, ба тамоюлоти муосир дар соҳаи тиб; ошкор намудани проблемаҳои ҷанбаи методологидоштаи мансуббуда ба СК дар фанҳои таълимӣ; самтгирӣ ба имконоти эҷодии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҳангоми ошношавии онҳо бо навтарин намунаҳои техникаи тиббӣ; тақвияи таваҷҷуҳ ба тибби иҷтимоии инъикоскунандаи ҷанбаи ёрирасонии касби корманди тиббӣ.

Соҳаи тиб дар шароити муосир бо рушди босуръати ихтироoти илмию технологӣ тавсиф мешавад, ки ниёзмандии мубрамро ба мутахассисони баландихтисос ва дунбол дорад. Он дар навбати худ дар назди низоми таҳсилоти тиббӣ вазифаҳои нави мураккаб оид ба тайёркунии чунин кадрҳоро дар чорчӯбаи ҳам таҳсилоти олӣ ва ҳам дар коллеҷҳои тиббӣ ба миён мегузорад. Тибби муосир аз хатмкунандагони муассисаҳои таълимии миёнаи тиббӣ талаб мекунад, ки дар савияи лозимӣ дорои салоҳиятнокии касбӣ, одамони дорандаи сифатҳои волои

ахлоқию этикии дарккунандаи арзиши бузурги касби худ бошанд ва дар назди инсонҳои алоҳида ва умуман ҷомеа масъулият дошта бошанд.

Мутахассисони пешбар чунин ҳисоб мекунанд, ки таҳсилоти тиббӣ дар шароити кунунӣ бояд мутахассисонеро тайёр намояд, ки омода бошанд дар фаъолияти худ навтарин технология ва донишҳоро дар соҳаи тиб, биология ва физика ба кор баранд. Пажӯҳишгарон қайд мекунанд, ки агар дар асоси раванди таълим ғояҳо ва усули инноватсионӣ гузошта шуда бошанд, онҳо ба андозаи қобили мулоҳиза тақвия намудани салоҳиятнокии касбии табибони ояндаро имконпазир месозад [16, С. 87].

Ташаккулёбии мутахассиси соҳаи тиб дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбӣ, ки иборат аз раванди бетанаффус аст, метавон бо чунин субъектҳо (объектҳо) алоқаманд намуд: шахсият; дар ин ҷо мо метавонем гуфт, ки кормандиояндаи соҳаи тиб дар муассисаи таълимӣ омӯзиш мебинад, ё ки ба худомӯзӣ машғул мешавад, ки метавонад ҳам дар хориҷ аз КТ ё дар раванди омӯзиш дар он сурат гирад.

Дар ин ҳолат бояд функсияи таҳсилотии ҷаҳонбинии касбиро қайд намуд, ҳамзамон, метавонад ҳамчун объекти болоравии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббӣ баррасӣ гардад. Дар ин ҳол тағйироти шахсиятӣ дар натиҷаи равандҳое чун амалисозӣ дар ҷараёни фаъолияти касбии ҷузъҳои алоҳидаи салоҳиятнокии касбӣ, рушд ва ҳамгироии он ба вуқуъ меоянд.

Дар шароити кунунӣ беш аз пеш дар асоси тиҷоратӣ расонидани хизмати тиббӣ маъмул мегардад. Мутахассисони дорои тахассуси баланд ба одамони дорои савияи даромадҳои мувофиқ хизмати пулакӣ мерасонанд, ки мо инро падидаи мусбат ҳисоб мекунем, чунки он коҳишёбии сарбориро ба муассисаҳои давлатии тиббӣ имконпазир месозад. Он, махсусан, дар шароити сиёсати давлатии ба муносибгардонии кори муассисаҳои тиббӣ нигаронидашуда мубрам мебошад, ки дар натиҷаи он ҳаҷми хизматрасониҳои ройгон коҳиш меёбад.

Лозим ба зикр аст, ки таҳсилот дар муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ дар замони ҳозира дар ҳолати хуб қарор надорад: аз рӯйи баъзе фанҳо соатҳои таълимӣ ихтисор мешаванд, барномаҳои ягонаи таҳсилотӣ вуҷуд надоранд, нақшаҳои таълимӣ доимо тағйир меёбанд ва тасҳеҳу бозбинӣ мегарданд.

Ба ақидаи В.Л. Аношкина барои пешрафти боэътимоди мутахассис аз рӯйи ҳамаи марҳилаю зинаҳои раванди таҳсилот бояд баҳампайвандӣ ва муттасилии барномаҳои таълимӣ, аз савияи заминавӣ то таҳсилоти баъдидипломӣ вуҷуд дошта бошад [25, С. 82].

Аксарияти таҳқиқот айни замон зарурати навсозии бунёдии таҳсилоти мутасиларо таъкид мекунанд. Таҷрибаи тайёркунии мутахассисонро дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар таҳлил намуда, қайд менамоем, ки албатта, на дар ҳама ҷо, низоми тайёркунии мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳоро метавон мувофиқ бо талаботи муосир донист.

Мо чунин ҳисоб мекунем, ки низоми таҳсилоти тиббии ҶТ бояд аз рӯйи самтҳо ислоҳ гардад, ки самти калидии он бояд инсонгаросозии он бошад. Барои ин зарур аст, ки ҳамаи ҷузъҳои раванди таълим барои равона сохтани он ба рушди захираи билқувваи ботинии фард ва такмилдиҳии салоҳиятнокии ӯ мавриди бозбинӣ қарор дода шавад.

Мутахассисон чунин ҳисоб мекунанд, ки яке аз сабабҳои суқут намудани савияи таҳсилот болоравии навшавии донишҳои ҷанбаи касбидошта дар ҷаҳони муосири фаъолона тағйирёбанда мебошад.

Афзоиши ҳаҷми мубодилаи иттилооти глобалӣ боиси пайдошавии проблемаи навшавии донишҳои махсус гардид, ки дар назди низоми таҳсилот вазифаҳои нави мураккаб гузоштааст ва ҳалли онҳо ислоҳоти амиқи онро талаб мекунад.

Дар робита бо ин мо чунин ҳисоб мекунем, ки проблемаи такмилдиҳии бефосилаи салоҳиятнокии касбиро бояд бо дарназардошти ҳадафҳои таҳсилоти муосир дар соҳаи тиб ҳаллу фасл намоем ва он равиши бештар босамар ба ҳисоб меравад.

Ҳеҷ шакку шубҳае нест, ки тайёркунии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи тиб иборат аз раванди бефосилаи азхудкунии донишҳои навтарини тиббӣ ва раванди доимии рушди СК мебошад, ки ба мутахассис имкон медиҳад, ки ба ҳаллу фасли мураккабтарин масъалаҳо дар ҷараёни фаъолияти касбии худ иқдом намояд.

Ин дар навбати худ, гузариш ба меъёрҳои нави баҳодиҳии натиҷаоварии раванди таълим, воридсозии тасҳеҳот дар ҷузъи муҳтавоии барномаҳои таълимӣ оид ба тайёркунии кормандони тиббии ояндаро пешбинӣ мекунад, то ки онҳо ба талаботи рӯзафзуни тибби муосир посухгӯ бошанд.

Дар миёни чунин меъёрҳои дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК қобилияти донишҷӯёнро ба худтакмилдиҳӣ ва худомӯзӣ, ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифатии қобилиятҳои худ, аз ҷумла омодагӣ барои пазируфтани ҳаҷмҳои назарраси донишҳои навини ҷанбаи касбидошта ном бурдан мумкин аст.

Гуфтаҳои болоро хулоса намуда, метавонем бо қотеият тасдиқ намоем, ки замонависозии низоми тайёркунии кормандони тиббӣ ҳатмӣ ва ногузир аст ва бояд раванди бефосила бошад.

Фаъолияти инноватсионӣ дар назди мутахассиси соҳаи тиббӣ имкониятҳои густардаро аз лиҳози рушди салоҳиятнокии касбии ӯ муҳаё месозад, чунки ӯро ба дидгоҳи нав ба имкони ҳалли масъалаҳои ҷанбаи касбидошта нисбат ба ҷаҳон ба таври куллӣ ва ҷойгоҳи худ дар ҷомеа, касб, раванди таълим водор месозад. Иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ ба таври бунёдӣ донишҷӯро тағйир медиҳад, ӯро маҷбур месозад, ки тамоми захираи билқувваи эҷодӣ ва ақлониашро дар раванди такмилдиҳии салоҳиятнокии касбии худ сафарбар намояд.

Л.П. Реутова фаъолияти инноватсиониро ҳамчун яке аз намудҳои эҷодиёти илмӣ баррасӣ мекунад. Он бо ин тавсиф мегардад, ки фард субъекти фаъолияти маърифатомӯзӣ мебошад ва барои ин неру ва қобилияти худро равона месозад. Дар тафовут аз фаъолияти илмӣ, ки дар он нақши калидиро ҷузъҳои инфиродӣ ва ақлонӣ ифо мекунанд,

фаъолияти таълимӣ бо бартарияти ҷузъҳои отифавӣ ва маърифатӣ тавсиф мегардад. Барои омӯзгор ҷиҳати фаъолияти бомуваффақият танҳо доштани дониши илмӣ кофӣ нест, барои ӯ доштани савияи баланди салоҳиятнокии иртиботӣ муҳим аст, инчунин, психологи хуб будан ҳам барои донишҷӯёнро дар фаъолияти таълимӣ дастгирӣ ва ҳавасманд карда тавонистан аз аҳамият холӣ нест [128, С. 38].

Дар чаҳорчӯбаи фаъолияти амалии таҳсилотӣ чунин ақида устувор гардидааст, ки мафҳуми инноватсия бо навшавӣ маҳдуд намегардад, балки ноилшавӣ ба натиҷаҳоро дар сатҳи болотарин, инчунин дастрасии густардаи маҳсулоти коркардшудаи ҷанбаи ақлонӣ ва технологидошта ба истифодабарандаи қаториро дар назар дорад.

Таҳия ва татбиқи навтарин олоти тиббӣ ва методҳои муолиҷа боиси пайдошавии соҳаҳои навини маҳдуд махсусгардидаи донишҳо, самтҳои нав дар илми тиббӣ асосгардида ба самтҳои гуногуни илмӣ дар соҳаи тиб мегардад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло боиси ногузир болоравии талабот ба таҳсилоти тиббӣ гардид, то ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилотии тиббӣ ба посухгӯӣ ба ситезаҳои нави ҷомеаи муосири иттилоотӣ омода бошанд.

Ба ақидаи А.А. Вербитский, В.А. Юрисов, Н.И. Нечаев тамоюлоти зерини таҳсилоти муосири касбӣ ба таҳсилоти тиббӣ бештар қаробат доранд [38, С. 30]:

1. Корбурди шаклҳои муштараки кори омӯзгорон бо донишҷӯён, вақте ки кори анъанавии таълимии омӯзгор ба фаъолияти бо донишҷӯён якҷояи ҷанбаи маърифатомӯзидошта, ки ҳар ду ҷониби равандро ғанӣ месозад, иваз карда мешавад.

2. Гузариш ба корбурди технологияи рушдкунанда, бозиҳои педагогӣ аз раванди ба таври ҷиддӣ танзимкардашуда.

3. Такя кардан ба фаъолсозии технологияҳои нигаронидашуда ба рушди қобилиятҳои тафаккурӣ бо ёрии технологияҳои интернетӣ.

4. Муносибат ба ҳар як аз савияҳои таҳсилот, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми бефосилаи таҳсилот.

Тарбия ва таҳсилот бо сабаби вижагиҳои ҷаҳонбинӣ доштани худ унсурҳои ҷудонопазири як раванд ба ҳисоб мераванд. Ҳанӯз Л.Н.Толстой ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, муътақид буд, ки инсонро бидуни ба ӯ додани донишҳо наметавон тарбия намуд, зеро раванди таълим дорои унсурҳои тарбия низ мебошад.

В.О. Ключевский ҳам тарафдори ҳамин ақида буд [84, С. 72]. Такмилдиҳии СК ҳамчун раванди таҳсилотӣ дар тамоми муддати ҳаёти фаъолонаи инсон бефосила ҷорӣ мегардад. Шаклҳо, методҳо, ҳадафҳо ва муҳтавои тавсифкунандаи вижагиҳои ҳар яке аз ин марҳилаҳо иваз мешаванд.

Раванди таълиму тарбияи ҷанбаи густардатардошта, ки дар натиҷаи он ҷаҳонбинии донишҷӯ инкишоф меёбад, вай тарафи беҳтар худэҳтиром ташаккул меёбад, сифатҳои касбӣ ӯро ҳамчун мутахассиси рақобатпазир дар соҳаи фаъолияти касбиаш устувор месозанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ се навъи асосии таҳсилоти бефосила маъмул мебошад, ки мо онҳоро дар қаринаи таҳсилоти тиббӣ, ба таври мухтасар баррасӣ мекунем:

1. Таҳсилоти “умрбодӣ”, ки дар тамоми тӯли умр идома меёбад.

2. Таҳсилоти” бефосила”, ки густариши таҳсилотро дар берун аз ҳудуди барномаҳои таълимӣ дар назар дорад.

3. Таҳсилоти “давомдор”, ки таълими марҳилавиро дар доираи низоми таҳсилот дар раванди фаъолияти касбӣ пешбинӣ менамояд.

Таҳсилоти тамоми умр идомакунанда имкон медиҳад, ки ба дараҷаи ҳадди аксар маҳдудаи ин мафҳум тавсеа ёбад, чунки он таҳсилро аз овони кӯдакӣ то синни нафақа фаро мегирад. Аз ҷумла, барои таҳсилоти тиббӣ дар ҶТ ба он метавон таҳсилро дар коллеҷҳои тиббӣ ва баъдиколлеҷҳо мансуб донист.

Ҳамин гуна тавсеа додани ҳудуди таҳсилоти тиббӣ ба ниёзмандиҳои ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар он инсони ҷӯяндаи ин ё он

иттилоот то ҳадде иштирокдори раванди таҳсилот мегардад, посухгӯ мебошад, зеро дар ин вақт инсон ба худомӯзӣ машғул мешавад. Таҳсилоти бефосилагардида, амалан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти фард, ки мустақилона раванди таҳсилотро ба сохтор ворид ва онро идора мекунад. Аммо агар таҳсилоти касбӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбии ҶТ амалӣ гардад, мо метавонем дар бораи шаклҳои ниҳодигардидаи он қазоват намоем [162, С. 29]. Амалишавии чунин шаклҳои таҳсилот дар муассисаҳои низоми таҳсилотӣ, ассосиатсияҳои гуногун ва маҳфилҳо, яъне дар ҳама гуна сохторҳои расман бақайдгирифташуда сурат мегирад.

Бо шаклҳои ғайриниҳодигардида вазъият хеле мураккабтар аст, чунки онҳо бо тағйирёбандагии худ тавсиф мешаванд, онҳо бо гуногунии бештари манбаъҳои иттилоотии худ бо шумули манбаъҳои фосилавӣ алоқаманд мебошанд.

Шакли фосилавии таълим ба қишрҳои густардаи аҳолӣ, аз ҷумла камбизоатҳо ва ё бошандагони нуқтаҳои аҳолинишини дурдасти ҷумҳурӣ дастрасиро фароҳам менамояд. Дар кишвари мо аксарияти одамон шаклҳои ниҳодигардидаи таҳсилотро тарҷеҳ медиҳанд. Дар ҳамин ҳол, технологияҳои иттилоотии босуръат рушдкунанда ба дараҷаи бештар ба афзоиши машҳуршавии шаклҳои таълими ғайриниҳодигардида мусоидат мекунанд.

Технологияҳои иртиботӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълими донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ бояд нақши қобили мулоҳизаро дар кори ҷустуҷӯ ва интиқоли иттилооти дахлдошта ба фаъолияти ояндаи касбӣ дар соҳаи тиббӣ ифшо намоянд, ки он дар навбати худ зарурат ба таълиму тарбияи мутахассисони омода ҷиҳати ба таври пурра истифода намудани иқтидори билқувваи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти омӯзишӣ ва касбии худ ба вуҷуд меорад. Дар ин ҷо мо мебинем, ки пешрафти илмию техникӣ чи гуна ба талаботи матраҳшаванда нисбат ба мутахассисони оянда ва ҷузъи муҳтавоии табибони оянда таъсир мерасонанд.

Таҳти мафҳуми “таҳсилот дар тӯли тамоми умр” мо таҳсилоти бефосиларо, ки аз рӯйи давомдорӣ ба тамоми давраи ҳаёти инсон баробар аст, мефаҳмем.

Боз як принсипи таълими бефосила ба номи “дар паҳнои баробари умр” онро пешбинӣ менамояд, ки донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни омӯзиши худ миқёси калони самтҳои худ салоҳиятҳои гуногуни касбиро такмил медиҳад, маҳоратҳо ва малакаҳои сершумори барои касб аҳамиятдошта, мавзуъҳо барои ӯ ҷолиб ва муфид мебошанд. Омӯзиш аз рӯйи чунин принсип на фақат азхудкунии салоҳиятҳо ва донишҳои навро пешниҳод менамояд, балки эътирофи ҳамаи шаклҳои имконпазири таълимро новобаста аз самти мавзуӣ ва ҳаҷмҳои онро дар назар дорад, ки меъёри асосии он самтгирӣ барои ташаккулёбӣ ва такмилдиҳии СК мебошад.

Раванди таълимии “тамаркуз ба таълим”-ро бояд ҳамчун дигаргунӣ дар муносибат баррасӣ намуд. Дар ин ҷо мо ба гузариш ба таълим аз омӯзиш ва таҳсилот сару кор дорем. Чунин гузариш боиси пайдошавии ду омил мегардад. Омили якум аз он иборат аст, ки мо дар чорчӯбаи таҳсилот дар тамоми муддати зиндагӣ мавҷудияти кадом як бастаи барномаҳо ва курсҳои мураттаб ва танзимшударо эътироф мекунем, ки онҳо ба гурӯҳи муайяни синнусолӣ мутобиқ гардонида шудаанд ва ҳар як фард дар синни мувофиқ метавонад аз он истифода намояд. Ин гуна муносибат мустақилияти комили донишҷӯро дар интихоби муҳлатҳои таълим, ҳаҷми он ё ҷузъи муҳтавоии онро дар назар дорад. Аввалан, низоми мазкур ба шахсони хусусӣ имкони ҳадди аксар озодона интихоб кардани ихтисоси худ, ба миқёси бештар қабул кардани қарорҳои пӯхтаву мулоҳизакоронаро, ки барои онҳо бештар муносибанд, фароҳам меоварад.

Дар миёни омилҳои асосие, ки таҳсилотро тибқи принсипҳои дар боло зикргардида матлуб месозанд, инҳоро номбар мекунем:

- вуҷуд доштани шумораи назарраси мутахассисоне ки малакаҳо ва донишҳои дарёфтнамудаи худро ғайрикофӣ ҳисоб мекунанд;

- бисёр мутахассисон намехоҳанд, ки ба он чи ки комёб шудаанд, қанот намоянд ва ба идома додани таҳсилоти худ талош меварзанд;

- куллан дигаргун шудани талабот аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонишавандаи муосири иттилоотӣ нисбат ба мутахассисон.

Дар хулоса қайд менамоем, ки амалисозии таълим аз рӯйи ҳамин гуна принсипҳо дар коллеҷҳои тиббии ҶТ бо низоми кунунии анъанавии таълимии он комилан имконпазир мебошад.

## 1.2. Равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ

Дар шароити кунунӣ фаъолиятҳои ба ҳалли проблемаҳои ҷанбаи методологидошта нигаронидашуда, ҳам дар соҳаи донишҳои умумиилмӣ ва ҳам дар педагогика, ба таври назаррас фаъол гардидаанд. Нуктаи дар боло зикргардида сабаби мавриди таваҷҷуҳи муаллифи таҳқиқоти мазкур нисбат ба равишҳои методологии дар имрӯз мавҷудбуда гардидааст, ки дар асоси муайянкунии самтҳои стратегии такмилдиҳии назария ва амалияи педагогика қарор доранд. Равишҳои мазкур дар ҳоли ҳозир вазифаи самтҳои калидиро дар соҳаи омӯзиши тайёркунии касбии омӯзгорон иҷро мекунанд. Дар ин робита мо дар назди худ мақсади зеринро гузоштаем: маълумоти равишҳои методологиро аз лиҳози ояндадории онҳо омӯхта, таҳкурсии методологӣ ва назариявии ташаккулёбии касбии шахсияти омӯзгори оянда муайян карда шавад.

Муҳаққиқи тоҷик Юнусов Ю. услҳои (методика ва методологияи) таълимро баррасӣ ва тавсиф намуда, онҳоро чунин зикр кардааст: “Усулҳои зерин аз рӯйи санадҳои амалкунандаи имрӯза роҳнамои омӯзгорони Тоҷикистон мебошанд:

1. Усули тарбиядиҳандагии таълим.
2. Усули илмӣ ва дастрасии таълим.
3. Усули мунтазамӣ ва пайдарпай дар таълим.
4. Усули шууронагӣ ва фаъолиятнокӣ дар таълим.

5. Усули аёният.

6.Усули мустаҳкамии донишҳо ва алоқамандии таълим бо ҳаёт.

7.Усули ҳамгиро ва тафриқа, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ дар таълим [168,с.274].

Истилоҳи “равиши методологӣ” дар илми муосир ба қадри кофӣ дар миқёси густарда истифода мешавад, дар зимн, пажӯҳишгарон дар мавриди мавқеи он дар миёни дигар таърифҳои илмӣ, инчунин, муайянкунии муҳтавои он аз тавофуқ ва иттифоқи назар ҳанӯз хеле дур мебошанд.

Баррасии мафҳуми мазкурро мо аз таҳқиқи ҷузъҳои асосии он, яъне аз мафҳумҳои “методология” ва “равиш”оғоз намудаем.

Моҳияти истилоҳи “методология” мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши вижагиҳои рушди маърифати илмӣ бо шумули педагогика машғул мебошанд, қарор гирифтааст. Таҳлили миқдори қобили мулоҳизаи таҳқиқоти илмӣ тайи ду даҳсолаи охир тағйироти ҷиддиро нисбат ба ҳадафҳои таҳсилот, равишҳо оид ба муҳтаво, инчунин, арзишҳои он нишон додааст. Ҳамзамон, бо афзудани ин гуна таҳқиқот мубрамияти зарурати таърифи истилоҳи “методология” низ боло меравад.

Тавре ки маълум аст, методология дар асоси ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ аз фаъолияти илмӣ, сиёсӣ ва техникӣ то зебоишиносӣ, идоракунӣ ва ғайра қарор дорад.

Дар марҳилаҳои аввалияи инкишофи тамаддун нақши методология дар робитаҳои байни одамон ва олами атроф чандон муайяну мушаххас набуд. Аммо, бо тадриҷан ба фаъолияти меҳнатии инсон ворид гардидани амалиёти ҷанбаи зеҳнидошта, замоне ки инсон самтҳои муносибро барои расидан ба ҳадаф таҳия мекард, дар натиҷа ҷудошавии методология ба шакли алоҳидаи маърифати ақлонӣ ба вуқуъ омад. Пешрафти техника, илм , истеҳсолот ва умуман фарҳанги инсонӣ ба он боис гардид, ки методология мавриди таваҷҷуҳи афкори фалсафӣ қарор гирифт. Принсипҳои ба таври объективӣ ташаккулёфта ба меъёрҳо ва

шаклҳои гуногуни методҳои мантиқан санҷидашудаи дарёфт намудани натиҷаҳои дилхоҳ табдил ёфтанд [2, С. 613].

Ҳамин тавр, мо метавонем иброз намоем, ки равиши ягона дар илми муосир нисбат ба таърифи моҳияти методология вуҷуд надорад. Чунин сершумории равишҳои пешниҳодшаванда аз мо наметавонад тамоюлеро пинҳон дорад, ки тибқи он равишҳои таърифи моҳияти методология аз бисёр ҷиҳат бо ақида дар бораи самти илмӣ ҳамчун методи бо диалектика ва назарияи маърифат ва фалсафа робитаи наздикдошта маҳдуд мегардад. Э.Г.Юдин амсилаи сохтории дониши методологиро баррасӣ намуда, пешниҳод мекунад, ки дар он чор савияи зерин ҷудо карда шавад: технологӣ, илмии мушаххас, умумиилмӣ ва фалсафӣ. Ба он нукта таваҷҷуҳ кардан зарур аст, ки функсияи асосии методология як навъ нишона ё дастурамал будан аст.

Таҳлили таҳқиқоти дигар, ки дар онҳо мавзуи равишҳои методологӣ нисбат ба тайёркунии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёни тиббӣ баррасӣ шудаанд, фаҳмиши моро нисбат ба ин ё он равишҳо тасдиқ менамояд, аммо, мутаассифона, масъалаҳои навъшиносӣ дар ин таҳқиқот, асосан, дар берун аз доираи таваҷҷуҳи муаллифон боқӣ мондаанд.

Мо чунин ҳисоб мекунем, ки дар назди равиши антропологии корбастшаванда ба равандҳои дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии салоҳиятҳои касбӣ вазифаи рушди сифатҳои шахсиятии онҳо, ҳавасмандӣ ба худтакмилдиҳӣ матраҳ аст, ки дар асоси онҳо фаъолнокии маънавии фард қарор дорад. Корбурди чунин равиш ба ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии табибони оянда баҳисбгирии як силсила унсурҳои ҷаҳонбинии онҳоро пешбинӣ менамояд, ки ба инкишофи онҳо бояд таваҷҷуҳро дар ҷараёни таъсиррасонии педагогӣ равона намуд.

Унсурҳои антропологӣ чунинанд:

1. Афзалиятнок эътироф кардани арзишҳои антропологӣ.

2. Дуруст дарк намудани он нукта, ки дар назди тарбия танҳо ҳадафҳои гуманистӣ қарор доранд.

3. Муносибат бо бемор аз мавқеи ҳам объект ва ҳам субъекти ташаккули салоҳиятҳои касбӣ.

4. Дидгоҳ ба тарбия, ҳамчун яке аз унсурҳои калидии салоҳиятнокии касбӣ, инчунин, ҳамчун ба муносибатҳои байниҳамдигарии субъект ва объект.

5. Идроки далели он, ки ташаккули самараноки СК зарурати равиши муштараки субъект ва объектро дар бораи инсон, ҷараёни бемории ӯ пешбинӣ менамояд.

6. Дидгоҳ нисбат ба ҳар як бемор, ҳамчун ба шахсияти дорои ҳуқуқҳои ҷудонопазир ва дорои арзиши бузург.

Агар равиши антропологӣ дар қаринаи масъалаҳои методологӣ баррасӣ гардад, он гоҳ онро бояд ба методологияи ҷанбаи умумиилмидошта мансуб донист, зеро мо ба мавқеи ҷаҳонбинӣ сару кор дорем ва чунки он фарогири дидгоҳи маъмулии инсон ба сохти ҷаҳони атроф, сохтори иҷтимоӣ ва худи инсон мебошад.

Равиши антропологӣ дар қаринаи парадигмаи гуманитарии таҳсилот, умуман маърифати илм, мубрамии вижа касб менамояд, чунки фанҳои гуманитарӣ ба ҷаҳони маънавии фард, маънии зиндагии ӯ ва нишонаҳои арзишии шахсияти ӯ нигаронида шудаанд. Арзиши равиши антропологӣ дар тиб мусаллам ва бебаҳс аст, зеро самтгирии ин намуди фаъолият бо шумули ҷузъҳои илмию амалии он ба инсон бо ҷаҳони маънавии ӯ, солимии ҷисмонию равонии ӯ нигаронида шудааст [152, С. 19- 24].

Мо равиши антропологиро ҳамчун падидаи мансуббуда ба таҳсилоти тиббӣ ва педагогика, ки иборат аз маҷмӯи равишҳои ба ҳифзи солимии одамон нигаронидашуда мебошад, баррасӣ менамоем.

Парадигмаи гуманитариро омӯхта, мо наметавонем танҳо ба таҳлил ва баррасии масъалаҳои дахлдошта ба ҳолати корҳо дар илм таваққуф дошта бошем. Ин гуна сохтор бояд ба афзалияти арзишҳои дар

маҷмӯи худ ташаккулдиҳандаи том дар шахсияти фард асос ёфта бошад. Дар ин робита С. В. Кулневич ва Е. В. Бондаревская моро ба мавҷудияти тамоюлоти зерин дар рушди таҳқиқоти тамомияти шахсияти инсон, ки бо тиб алоқаи бевосита дорад, мутаваҷҷеҳ месозанд [34, 210]:

- аломатҳои ҷанбаи равандию муҳтавоидошта, бо шумули натиҷа, воситаҳо, муҳтаво, объект, субъект, раванд, шароит ва шакл;
- аломатҳои ҷанбаи маъноидошта: маҳоратҳо, донишҳо, эҷодиёт, арзишҳо, раванди таълиму тарбия, идеалҳо;
- аломатҳои ҷанбаи илмию таҳсилотидошта: технология, назария, консепсия, методология, парадигма, идеология ва ғайра;
- аломатҳои ҷанбаи таҳсилотидошта: касб, иҷтимоишавӣ, худташкилдиҳӣ, зеҳният, илм, фарҳанг, таҷриба ва ғайра.

Баррасии таҳсилоти гуманитарӣ аз мавқеи равиши антропологӣ, ки С.В. Белов пешниҳод мекунад, дидгоҳи ӯро ҳамчун низом ва ягонагии раванди ташаккулёбии фарди иҷрокунандаи нақши субъекти созанда, нақши шахс дар муносибат бо шахси дигар, ҳамчун фарди беҳамторо дар назар дорад [151, С. 49].

Равиши антропологиро дар робита бо ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи тиббии ҶТ баррасӣ намуда, бояд қайд кард, ки мафҳуми мазкур ба қадри кофӣ пурғунҷоиш буда, аз дараҷаҳое чун тамомияти фаъолияти касбӣ ва ҳаёти табиб, таҳсилоти тиббӣ, раванди педагогӣ ва худи фард иборат аст.

Ҳангоми баррасии парадигмаи таҳсилоти гуманитарӣ аз мавқеи низоми арзишҳо, мо мебинем, ки донишҷӯён дар қаринаи мазкур на ҳамчун шахсияти ба таври механикӣ азхудкунандаи кадом як маҷмӯаи донишҳои омода, балки ҳамчун инсони омӯзандаи ҳақиқат тавсиф мешаванд. Дар миёни донишҷӯ ва омӯзгор дар ин ҳол чунин муносибатҳои байниҳамдигарӣ танзим мешаванд, ки дар асоси онҳо ҳусни тафоҳум, эътимод, мубодилаи озодонаи афкор, кори муштарак оид ба ҷустуҷӯи шаклҳои бештар муносиби ташкили фаъолияти таълимӣ

қарор дорад. Инсон аз дидгоҳи назарияи гуманитарӣ, на танҳо ҳамчун ҳомили зеҳният балки худи зеҳният баррасӣ мегардад.

Дар миёни олимони барҷастае, ки дар инкишофи антропология саҳми бузург гузоштаанд, номҳои М. Бубер, Х. Плесенер, А. Гелен, М. Шелерро номбар намуд, ки дар таълифоти онҳо миқёси густардаи равишҳои шарҳу тафсири мафҳуми инсонро мушоҳида менамоем [153, С. 27].

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти манбаъҳои адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳанд, антропология аз нуқтаи назари таълимоти махсус дар бораи инсон ба омӯзиши ҷанбаҳои маънавӣ, биологӣ ва ҷисмонии ӯ нигаронида шудааст. Ин ба мо имконият медиҳад иброз намоем, ки дар донишҷӯён инкишофёбии салоҳиятҳои касбӣ ба таври мувозӣ ҳамроҳ бо ташаккули ҷузъҳои муҳимтарини фарҳанги касбии ӯ амалӣ мегардад.

Пешниҳод менамоем, ки муносибатҳои миёни бемор ва корманди тиббӣ ба воситаи тавсифномаи зерин тасаввур гардад:

1. Дидгоҳ ба корманди тиббӣ ҳамчун субъекти фаъолияти мутахассис дар соҳаи худ, ки ба бемори иҷрокунандаи нақши объект ёрии тиббӣ мерасонад. Дар ин ҳол бемор, ки корманди тиббиро чун "падар" мепазирад ва он пешопеш ҳамеша ҳақ мебошад, мутеъона ҳамаи дастуроти корманди тиббиро иҷро мекунад ва ҳангоми ҳама гуна ҷараён доштани беморӣ, ҳатто дар ҳолати номусоид, ба ҳеҷ ваҷҳ шакку шубҳаро дар мавриди дурусткории ӯ ба худ роҳ намедиҳад ва тамоми айбро ба беморӣ ҳавола менамояд;

2. Мавқеи пешбарандаро бешубҳа корманди тиббӣ дар ихтиёр дорад, бемор бошад, дар ин ҳол нақши субъектро иҷро мекунад. Дар миёни онҳо муносибатҳое ба монанди робитаҳои миёни фурӯшанда ва харидори хизматрасониҳои дорои ҷанбаи молию пулидошта барқарор мегардад. Ин ҳам ба воситаҳои худи бемор ва ҳам имтиёзҳои давлатӣ марбут мебошад. Маҳз ҳамин навъи муносибатҳо дар асоси аксарияти даъвоҳо нисбат ба муассисаҳои муолиҷавӣ қарор доранд;

3. Бемор - субъект аст, ки аз корманди тиббӣ расонидани ёриро талаб мекунад, дар ин ҳол, аз мавқеи худи корманди тиббӣ ӯ нақши объекти даъворо иҷро мекунад. Маҳз ба чунин ҷобаҷогузории нақш этикаи масъулиятнокӣ асос ёфтааст, ҳарчанд ки чунин мавқеъро на дар ҳамаи ҳолатҳо метавон пайравӣ намуд.

Ҷанбаи чунин муносибатҳо аз бисёр лиҳоз бо савияи салоҳиятнокии касбии корманди тиббӣ вобастагӣ дорад ва табибон дар кори худ метавонанд бо тамоми навъҳои номбурдаи ҳамкориҳои мутақобила бо беморон дучор шаванд. Кормандони тиббӣ ба монанди ҳамагон инсонҳо мебошанд ва набояд онҳоро аз будашон зиёд муболиға намуд, ба онҳо ҳам иштибоҳоту камбудиҳо ва ба беморони онҳо ҳам хос мебошад. С.П.Боткин ва М.Я.Мудров ба муолиҷа кардани худи инсон, аммо на бемории ӯ даъват мекарданд, онҳо дар асоси консепсияи худ он нуктаро қарор дода буданд, ки барои инсон ягонагии ҷисм ва руҳ хос мебошад.

Бемор бемориро ҳамчун ҳолати организм, ки дур аз вазъи муътадил мебошад, қабул мекунад ва мехоҳад, ки бо ёрии мутахассисони салоҳиятнок бо беморӣ мубориза намояд, дар ин кор бо хушӣ бо ҳар ки ба ёрии ӯ меояд, ҳамкорӣ мекунад. Дар ҳамин ҳол ҳолатҳое ҳам мешаванд, вақте ки бемор бо кормандони тиббӣ низоъ ҳам мекунад ва аз қабули ёрии тиббӣ худдорӣ карда, чунин ҳисоб мекунад, ки ба он ниёз надорад.

Салоҳиятнокии касбии корманди соҳаи тиббӣ бояд ба рушди ӯ ҳамчун мутахассиси касбӣ бо шумули ҷузъҳои шахсиятӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ мусоидат намояд.

Маҳорати беморро иттифоқчии худ сохтан, таҳия намудани хати рафтори ӯ дар раванди муолиҷа бояд дар раванди таълими касбӣ рушд намояд. Касбияти корманди тиббӣ ҳамроҳ бо рушдёбии сифатҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, донишҳо ва малакаҳои касбии ӯ дар КТ ташаккул меёбад. Тавре ки пурсиши донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ нишон медиҳанд, тақрибан 84% донишҷӯён муътақиданд, ки ин донишҳо

барои кормандони тиббӣ лозиманд, дар ин ҳол, онҳо набудани маводи таълимии дахлдорро дар барномаҳои таълимии амалкунанда қайд намуданд.

Тавре ки маълум аст, дар барномаи таълимии коллеҷҳои тиббӣ асосан, ба тиб ва биология ҳамчун илмҳои асосӣ дар бораи одам таъкид карда мешавад. Чунончи, М.Фуко тибро "ҳамшираи калонии ҳамаи илмҳои самти гуманитарӣ" номида буд, аммо фанҳои гуманитарии бо антропология алоқамандбуда, дар зимн, ба ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии тиббии ҶТ таъсири мусбат доранд [3, С. 74].

Маҳз фанҳои гуманитарӣ, ки дар раванди таълим корманди ояндаи тиббӣ онҳоро фаро мегирад, ба ӯ азхудкунии донишҳои ҳамгирошударо, умуман, дар бораи табиат, доир ба одам, сохти ҷисмонию руҳонии ӯ ва бемориҳо имконпазир месозад. Савияи касбияти корманди соҳаи тиб дар шароити кунунӣ аз бисёр ҷиҳат бо қобилияти ӯ ба худтаҳлил, савияи фарҳанги технологӣ ва таҳқиқотии ӯ муайян карда мешавад.

Тавре ки натиҷаҳои мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ҷанбаи гуманитарии равиши антропологӣ нисбат ба ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар робитаи мутақобилаи миёни корманди соҳаи тиб ва бемор, ҳамчунин, умуман бо олами атроф зоҳир мегардад.

Минбаъд ҳангоми баррасии масъалаҳои марбут бо равиши антропологӣ ба ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, мо ба назарияи гуманитарӣ такя хоҳем намуд, зеро маҳз назарияи мазкур ғояҳои асосии ин равишро дар бар мегирад. Тавре ки С.А.Гончаров қайд мекунад, маҳз тавассути методологияи инсонгароёна ба мо муяссар мегардад, ки робитаи мутақобилаи одам ва олами атрофро муқаррар созем, ҷойгоҳи инсонро дар ин ҷаҳон идрок намоем.

Мо, дар ин ҳол, таҳти мафҳуми субъективият (зеҳният) сифати ботинии ташаккулдиҳандаи воқеияти субъективӣ, муҳтаво ва самтгириеро мефаҳмем, ки боиси пайдоиши рафтори инсон ва фаъолияти ӯ мегардад [91, С. 93].

Ҷанбаи антропологии фаъолияти инсон ба пайдошавии мафҳуме ба монанди “бемории тамаддун”дар илми тиб мусоидат намуд, ки тавассути он ҷузъи ҷаҳонбинӣ дар раванди ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мубрам мегардад.

Гуфтаҳои боло ба мо имкони тахмин кардани онро фароҳам месозанд, ки бемории баррасишаванда ҳамчун вайроншавии равандҳои психологӣ ва биологӣ дар инсонро сарфи назар аз мавқеи фарҳанг нисбат ба ин падида бояд ба ҳолатҳои ҷанбаи патологидошта мансуб донист.

Мо бо он муаллифон ба он андеша ҳамфикрем, ки беморӣ иборат аз таҷрибаи ҷанбаи психоиҷтимоӣ буда, дар зимн, бояд он нуктаро ба назар гирифт, ки ихтилоли ҷараёни муътадили равандҳои иттилоотӣ дар организм заминаи ҷиддии беморӣ мебошад. Барои пешгирии бемориро омӯхтан ва он ҳадафи асосии тиб мебошад, донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар раванди таълим ба ҳалли масалаҳое омода мешаванд, ки дар худ ҷанбаҳои руҳонию ҷисмонӣ ва психологию отифавии табиати вуҷуди инсонро ҳамроҳ таҷассум мекунанд. Ҳамин тавр, корманди соҳаи тиб руҳонии ҷисмонӣ мегардад ва ба ҷойи наҷот сухан дар бораи ҳифзи саломатӣ меравад [88].

Масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои рӯҳ ва маънавият барои дониши гуманитарӣ афзалиятнок мебошанд, ки он барои мо дар қаринаи таҳқиқотамон вобаста ба равиши антрополгӣ дар робита бо ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ муҳим аст.

Дониши гуманитарӣ ҷанбаи маънавии инсонро меомӯзад, дар ин ҳол тиб таваҷҷуҳи худро ба моҳияти ҷисмонии ӯ мутамарказ намудааст. Омӯхтани фанҳои гуманитарӣ аз тарафи кормандони ояндаи тиббӣ имкони густаришёбии дидгоҳи онҳоро фароҳам намуда, ба онҳо дидгоҳи зиддидогматикиро нисбат ба табиати инсон, бемории ӯ ва равишҳои пешгирӣ ва муолиҷаи онҳоро талқин мекунад. Мо чунин мешуморем, ки шарҳу тафсири яктарафаи мафҳуми “саломатӣ” фақат бо ҳолати

физиологии организми инсон, бидуни дарназардошти ҳолати руҳонӣ, азобҳо ва дард маҳдуд мебошад.

Лозим аст, ки тафовути миёни соломатии антропологӣ ва биологиро идрок намуд. Таҳти мафҳуми саломатии биологӣ мо ҳолати инсонро, ки онро объективӣ гуфта метавонем, идрок мекунем, яъне онро метавон бо натиҷаҳои дақиқи силсилаи таҳлилҳои марбутаи химиявӣ ва физикӣ, нишондоди олот тавсиф намуд.

Нуқтаи назар ба саломатӣ ҳамчун ба ҳолати куллии организми инсон фаҳмиши саломатиро ҳамчун хайру офият дар ҳамаи ҷузъҳои иҷтимоӣ, психикӣ ва ҷисмонӣ далолат мекунад, аммо ба набудани ин ё он бемориҳо маҳдуд намегардад.

Агар дар зиндагии инсон мушкилот ва нохушиҳо ба вуқуъ оянд, ӯ метавонад аз азобҳои руҳӣ ранҷур гардад. Саломатӣ ба маънои васеи он бо ҳолати отифавии инсон, сарфи назар аз хушҳолӣ, қаноатмандӣ, шавқу завқ, андуҳ, маъюсӣ ё афсурдаҳолӣ вобастагӣ дорад.

Гуфтаҳои болоро хулоса карда, қайд менамоем, ки мафҳуми саломатӣ на танҳо ҳолати ҷисмонии организми инсонро инъикос менамояд, балки падидаи мазкур хеле васеътару мураккабтар нисбат ба равиши маҳдуди тиббӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари тиббӣ, беморӣ бо сабаби халалдоршавии амалкардии организми инсон ба вуқуъ меояд, чунки фақат, сирфан бо воситаҳои тиббӣ мушкилоти инсонро, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ доранд, ошкор кардан имконнопазир мебошад.

Бо корбурди равиши антропологӣ ба ташаккулёбии СК дар корманди соҳаи тиббӣ, инчунин, саломатии инсон, мо омилҳои динӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро дар чаҳорчӯби сохтори шахсиятии фард ба назар мегирем.

Тавре ки аз таҷриба бармеояд, дар шароити кунунӣ, ки бо рушди босуръати пешрафти техникӣ, бо шумули соҳаи тиб тавсиф мегардад, дахолати сунъӣ дар чунин соҳаҳои ҷанбаҳои табиии табиати инсон, аз қабили таваллуди кӯдак ва бордор кардан, тағйир додани таалluқи

ҷинсӣ ва ғайра имконпазир гардидааст. Олимон муътақиданд, ки чунин имконот мубориза бо бемориҳои ирсии одамонро фароҳам оварда, онҳо барои ҳифзи саломатӣ умедворкунанда мебошанд.

Дар ин ҳол бисёр намояндагони илмҳои гуманитарӣ изҳори ташвиш мекунанд, ки ҳамзамон бо ҷанбаҳои воқеан мусбати пешрафти илму техника дар соҳаи тиб, хатари он вуҷуд дорад, ки ба истилоҳ “одами табиӣ” метавонад ба вуҷуди худ хотима дода, дар инкишофи худ ба роҳи “худофарӣ” равон шавад.

Бо нуқтаи назари низоми ягонаи том будани организми инсон мувофиқа карда, метавонем ба савол дар бораи чигунагии хусусиятҳои муштараки мавҷуда миёни равияҳои гуногуни илми тиб ва ғояҳои антропогенӣ имкони посух доданро пайдо намоем. Ба ақидаи И.Г.Фомичева худи принсипҳои инсонмарказӣ посухро ба саволи матраҳгардида ва маҳз: принсипҳои инфиродисозӣ, мубодилаи озодонаи афкор, раванди табии такмилёбии донишҷӯёни КТ дар ростои захираи билқувваи ақлонӣ ва эҷодии ӯро инъикос мекунанд [154, С. 74].

Инфиродисозӣ принсипе мебошад, ки бевосита ба СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мансуб аст. Қатъи назар аз барномаи таълимии барои ҳамаи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии тиббӣ муштаракбуда, ҳар яки онҳо шахсияти беҳамто ё мунҳасир ба фард бо захираи билқувваи ақлонию эҷодӣ, дидгоҳҳои худ ба ҳаёт, касб ва ҷойгоҳи худ дар ин ҷаҳон мебошанд. Муколамаро дар қаринаи таҳқиқоти худ мо, ҳамчун яке аз технологияҳои самти интерактивидоштаи истифодашаванда дар раванди ташаккулёбии СК дар кормандони тиббии оянда баррасӣ менамоем, ки дар чаҳорчӯбаи он донишҷӯён мубодилаи афкор ва ақидаҳои худро анҷом медиҳанд, дидгоҳҳои гуногунро муқоиса мекунанд, мавқеи худро оид ба ин ё он масъалаҳо таҳқиқ, тасҳеҳ ё тарафдорӣ мекунанд.

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло зикршуда, амсилаи таҳиянамудаи худро ҷиҳати дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулдиҳии СК барои баррасӣ пешниҳод менамоем:

1. Принсипи ҳамшарикӣ, амалисозии захираи нерӯи эҷодии донишҷӯ;

2. Такмилдиҳии ҷаҳонбинӣ ва худамалисозӣ;

3. Унсури тақлид дар раванди таълим, равиши чандирӣ ба амалисозии барномаҳои таълимӣ;

4. Рушди соҳаи отифавию ангезишӣ. Сифати ҷанбаи ҷаҳонбинӣ ва эҷодидошта;

5. Рушди ҷузъи гуманистӣ дар салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

Амалия мубрамияти афзояндаи коркарди амсилаи ташаккулдиҳии СК дар мутахассисони соҳаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси амсилаи таҳсилоти инсонмаркаӣ нишон медиҳад. Дар асоси чунин амсила бояд принсипҳои зерин қарор дошта бошанд: худтаъйидӣ, озодӣ, инкишоф, ҳифозат, худифодакунӣ ва ғайра. Бояд таъкид намуд, ки дар ин ҳолат нақши омӯзгор аз вазифаҳои ӯ дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти анъанавӣ хеле тафовут дорад. Агар қаблан омӯзгор донишҳоро танҳо бозгӯ мекард, акнун дар шароити нав омӯзгорон бо донишҷӯён ҳамшарикони баробарҳуқуқ мегарданд, ки ҳамроҳ роҳро ба сӯйи ҳақиқат ва маърифати олами атроф ҷустуҷӯ мекунанд. Дар зимн, ҷузъи муҳтавоии раванди таҳсилотӣ тавассути шаклҳои интерактивӣ ва ҳамкории эҷодӣ дар миёни ҳамаи тарафҳои фаъолияти омӯзишӣ амалӣ мегардад.

Азбаски дар ростои инсонмаркаӣ, мақсади таҳсилоти муосир кашфи сифатҳои беҳамтои шахс, ҳадди аскари худифодакунии ӯ мебошад, пас чунин равандро амалан наметавон инкор намуд. Чунин равиш ҳамеша бо шаклҳои анъанавии таҳсилот дар ихтилоф хоҳад буд, чунки онро наметавон пешакӣ лоиҳакашӣ, банақшагирӣ ва пешгӯӣ намуд. Қобили қайд аст, ки бисёр муҳаққиқон, методистон, донишмандон, омӯзгорони амалкунанда ва назариётчиён дар ҷустуҷӯи посухҳо ба саволҳои дар боло матраҳгардида мебошанд.

Амсилаҳои гуногуни таълим, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор додани вижагиҳои инфиродии донишҷӯёнро имконпазир месозанд, пешниҳод карда мешаванд. Дар миёни онҳо машғулияти иловагӣ, таълими инфиродӣ, ҳалли якҷояи супоришҳои мустақилона ва ғайраро метавон номбар намуд.

Равиши интерактивӣ дар татбиқ ба таҳсилоти тиббӣ аз ҷустуҷӯи методикаҳои натиҷабахши нигаронидашуда ба ошкорсозии донишҷӯёни қобилиятноке, ки пурра арзиши ҳаёти инсон ва донишҳои тиббиро идрок мекунанд, иборат мебошад.

Татбиқи чунин равиш бояд унсури муҳими амсилаи инсонмарказӣ дар таҳсилоти тиббӣ бошад. Дар ин ҳол ҷанбаи оммавии касби тиббӣ, имкон намедиҳад, ки сад дар сад танҳо донишҷӯёни фавқулода боистеъдод, фидоиёни касби худро тарбия намоем. Бо ёрии равиши антропологӣ метавон ҳадди аксар ба ташаккулёбии ормонии СК наздик омад.

Ба ақидаи А.П. Валитская доныше, ки ба ҷанбаҳои арзишӣ нигаронида шудаанд, ҷаҳонбиниро тарбия мекунанд, онҳо бо ғояҳои манзараи кушодаи томи олами атроф муттаҳид шудаанд ва ҷойгоҳ ва нақши инсонро дар ин ҷаҳон нишон медиҳанд. Идроки равандҳои мазкур, ки аз дидгоҳи сифатӣ ба ихтирооти назариявию амалии тиббӣ тағйири шакл намудаанд, равиши созандаро ба истифодаи донишҳои фалсафӣ ва методҳо дар соҳаҳои гуногуни антропологияи тиббӣ дар назар доранд [35, С. 19].

Принсипҳои асосии инсонмарказии корманди соҳаи тиббӣ инҳо мебошанд: падидаи инсон бо арзишҳо ва мушкилоти ӯ ба мавқеи афзалиятнок гузошта мешавад, инсон арзиши асосӣ аст ва вазифаи ахлоқии корманди тиббӣ он аст, ки ҳама чизро барои офияти инсон анҷом диҳад.

Мубрам будани арзишҳои инсонмаркази бо чунин омилҳои ҷанбаи иҷтимоию фарҳангидошта вобаста мебошад [4, С. 56]:

- пешрафти донишҳои илмӣ дар бораи одам, падид омадани навтарин самтҳои илмӣ дар бораи вижагии фаъолнокии маърифатии инсон дар тамоми муддати ҳаёти ӯ;

- ҷиддишавии талабот нисбат ба савияи таҳсилотии мутахассиси муосир, ислоҳоти ногузири ҷузъи муҳтавоии таҳсилоти кунуниро ба дунбол хоҳад дошт;

- пешрафти илмию техникӣ, рушди босуръати саноат ва технологияҳои рақамӣ.

Дар замони мо шуури инсонмарказӣ аксарияти соҳаҳои тиб ва умуман тандурустиро фаро мегирад. Ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, манфиати одамон ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳамаи меъёрҳои зарурӣ, тавре қабул карда мешаванд, ки онҳо ба ҳар як инсон, ҳам ба бемор ё корманди соҳаи тиббӣ мувофиқат дошта бошанд, дар ин ҳол наметавонад ҳолате ба миён ояд, ки гурӯҳи одамоне пайдо мешаванд, ки ба онҳо ҳама гуна ”меъёрҳои ниҳоят муҷозбуда” мувофиқ намеоянд.

Дар қаринаи вижагиҳои корбурди равиши антропологӣ дар ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни муасиссисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ иборат аз рағбати кӯшиши дар ин раванд корбурди методҳои акмеология мебошад, ки бояд ба ҳадди ақали кашфи захираи билқувваи эҷодӣ ва ақлонии корманди тиббӣ, расидани ӯ ба қуллаи касби худ мусоидат намояд. Тавассути эҷодиёт корманди соҳаи тиббӣ маҳорати касбии худро ташаккул дода, сифатҳои шахсиятии худро инкишоф медиҳад ва ҷойгоҳи худро дар олами атроф идрок менамояд [8, С. 7-14].

Корманди ояндаи тиббӣ салоҳиятнокии касбии худро ташаккул дода, дар бораи чунин мафҳумҳои гуногунҷанба ба монанди мансаб, тахассус, мутахассис, касб ва ғайра огоҳӣ пайдо мекунанд, ки ба воситаи онҳо принсипҳои равиши антропологӣ нисбат ба ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ мубрам мегарданд.

Мутахассиси соҳаи тиб бояд дорои қобилиятҳои гӯш фаро додан ба бемор, зоҳир намудани меҳрубонӣ ва ҳамдардиро дошта бошад. Ӯ аз лаҳзаи бо бемор гуфтугӯ намудан ба раванди муолиҷа оғоз менамояд. Муоширот унсури ҷудонашавандаи он мебошад. Масалан, В.М. Бехтеров он мутахассисеро, ки ҳангоми суҳбат бо бемор натавонист ҳолати ӯро сабук намояд, корманди тиббӣ ҳисоб намекард [39, С. 70 - 78].

Агар бемор ба корманди тиббӣ эътимод надошта бошад, агар ӯ дар табиб талоши сабук кардани ранҷҳои ахлоқии худро набинад, агар корманди тиббӣ ба методҳои равондармонӣ рӯ наоварад, чунин мутахассис ҳақ надорад, ки одамонро муолиҷа намояд. Маълум аст, ки отифаи инсон метавонад ба амалкарди узвҳои гуногуни инсон таъсири мусоид ё манфӣ расонад. Корманди тиббӣ бояд саъй намояд, ки на танҳо отифаҳои манфии беморро бартараф намояд, балки тавонад, ки отифаҳои мусбатро ба вуҷуд оварад, ба ҳар роҳ ба пайдошавии онҳо мусоидат кунад ва ба онҳо ҷанбаи бардавомӣ бахшад.

Корманди тиббии дорои салоҳиятнокии баланди касбӣ, бояд талаботро барои ба одамон ба вуҷуд овардани некхоҳӣ ва эҳсосоти некро ҳис намояд. Ҳамин тавр, таъсиррасонии бошуурона ба ҳолати равонии бемор, муносибати дилсӯзона ба ҳолати психологии ӯ, бешубҳа ба беҳшавии натиҷаҳои муолиҷа мусоидат мекунад. Муносибати расмӣ ба ранҷҳои шахсии бемор, муносибати беэҳтиётона ба ҳолати психологии ӯ метавонад ба ҷараёнии умумии муолиҷа, вазъи умумии бемор таъсири манфӣ расонад. Аз корманди тиббӣ талаб карда мешавад, ки беморро ба худаш мутаваҷҷеҳ карда тавонад, дар ӯ ҳиссиёти мусбатро ба вуҷуд оварда тавонад ва ниҳоят самимӣ бошад [5, С. 51].

Тағйироте, ки дар соҳаҳои дониши илмии табиатшиносӣ ва гуманитарӣ ҷараён доранд, барои ошкорсозии проблемаҳои бо инсон иртиботдошта фавқулода муҳиманд. Мо шоҳиди пайдошавии фанҳо ва самтҳои нави илмӣ дар соҳаҳои илм мегардем, ки соҳаҳои маълум ва анъанавии донишҳои илмиро ғанӣ ва мукаммал мегардонанд.

Агар психосоматикаро аз мавқеи равиши антропологӣ баррасӣ намоем, он гоҳ мо метавонем дар бораи вай ҳамчун самти илмии байнифаннӣ сухан бигӯем, ки бояд таъсиррасонии ҳолати отифавии инсонро ба равандҳои ҷанбаи физиологидошта биёмӯзад; ҳамчун як соҳаи психология вокунишҳои рафтории натиҷаи бемориро омӯзад, ки чигуна механизмҳои психологии инсон метавонанд ба ҳолати физиологии бемор таъсир расонанд; аз мавқеи психотерапия ошкор намоянд, ки чи гуна беасаргардонии таъсироти манфии эҳсосоти номусоид ба организм имконпазир аст; омӯхтани робитаи миёни ихтилолоти ҷанбаи психосоматикидошта ва шароити зиндагӣ, анъанаҳои фарҳангӣ.

Равиши байнифаннӣ вижагии ҷолиб дорад, он иборат аз имкони кушоду равшан интиқол додани методҳо дар байни фанҳои гуногуни илмӣ аст, ки ҳангоми ҳаммонандии миёни соҳаҳои фанҳои баррасишаванда имконпазир мебошад. Муқоисаи миёни низоми хунгардиши инсон ва лӯлаҳои интиқоли мавод, ки ба объектҳои техникӣ мансуб аст, маълуми ҳамагон мебошад. Дар ин ҳолат мо метавонем дар бораи пайдошавии самти байнифаннии физикаи тиббӣ сухан бигӯем.

Дар натиҷаи чунин таъсироти мутақобил самтҳои байнифаннии иртиботдошта бо тиб аз қабили биохимия, биоинформатика, биомеханика ва ғайра арзи вуҷуд намуданд. Дар зимн, чунин хавфҳо дар мавриди он, ки корбурди методологияҳои фанҳои дигар бо кадом роҳе қодир ба тағйир додани мафҳум дар бораи объекти асосии таҳқиқот мебошанд, бебунёданд. Чунончи, агар физика аз рӯйи қиёс ба тавсифи кори низоми хунгардӣ ёрӣ расонад, ин маънои онро надорад, ки табиб ё биолог ба инсони аз моддаи зинда, узвҳо, бофтаҳо ва ҳуҷайраҳо ташаккулёфта ба таври дигар нигоҳ кунанд.

Ба вижагиҳои робитаҳои ҷанбаи байнифаннидошта дар таҳсилоти тиббӣ таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Бисёр фанҳои илмие мавҷуданд, ки ба таҳқиқоти ҳамон як ашё ва падидаҳо машғуланд, ки дар ин ҳол пайдошавии робитаҳои байнифаннӣ ногузиранд. Аммо, чун тиб фанни

гуманитарӣ аст, ки ба ёрии одамон нигаронида шудааст, пас ҳангоми пайдошавии робитаҳои байнифаннӣ он бояд мақоми афзалиятнок дошта бошад.

Солҳои охир бисёр кашфиёт дар илму техника дар пайвандгоҳи фанҳои информатика, биология, физика ва тиб ба вуқуъ омаданд. Олоту афзор ва технологияҳои наве ихтироъ шуданд, ки принсипи кори онҳо аз тиб бевосита дур мебошад ва дар нигоҳи аввал ба салоҳиятнокии касбии кормандони тиббӣ иртибот надорад. Дар ин ҳол, бидуни фарогирии ихтирооти навини техникӣ дар соҳаи тиб табиб наметавонад ба бемор ёрии тахассусӣ расонад. Бинобар ин, зарурати боисрори ба барномаи таълимии табибони оянда ворид намудани самтҳои илмии байнифаннӣ воҷиб мебошад.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои адабиёти илмии соҳавӣ мо ошкор намудем, ки нимаи дувуми асри гузашта бо паҳншавии “трансгуманизм” мафкурае, ки тибқи он бо ёрии навтарин дастовардҳои илм ва техника имконияти сифатан беҳсозии табиати ақлонию ҷисмонии инсон фароҳам мегардад, шухрат ёфта буд. Воқеан ҳам, ҳаллу фасли чунин масъалаҳои мағрурона метавонанд ба навтарин дастовардҳо дар соҳаҳои донишҳое аз қабили хиради сунъӣ, биомуҳандисӣ, робототехника, биофизика ва бисёр дигар фанҳо мусоидат мекунанд.

Дар радифи омилҳои зикршуда пайравӣ аз принсипҳои ҷанбаи иҷтимоию гуманистидошта, аз қабили эҳтироми озодиҳо ва ҳуқуқи инсон, ба ҳар шахс таъмин намудани дастрасӣ ба ҳамаи дастовардҳои муосири тиббӣ, ҳисси масъулияти кормандони соҳаи тиббӣ дар назди беморон ва натиҷаҳои фаъолияти муолиҷавии худ метавонад саҳми худро гузорад. Тарафдорони мафкураи трансгуманизм муътақиданд, ки бо истифодаи принсипҳои дар боло зикргардида метавон инсонро аз беморию азобҳо наҷот бахшид.

Дар зимн, сабабҳо ва натиҷаҳои тағйирот дар ҷаҳонбинии корманди соҳаи тиббӣ дар низоми арзишҳои ӯ, фаҳмиши тамоми

аҳамияти касби тиббӣ аз тарафи ӯ, нақши худ дар он ва масъулият дар назди одамони мушаххас ва умуман ҷомеа ифода меёбад [85, С. 69-79].

Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки мавзуи асосии афкори башарӣ мавзуи инсон будааст. Дар зимн, тафриқасозии донишҳои илмӣ дар давраи навтарини таърих, боиси он гардид, ки фанҳои махсусгардидаи маҳдуди баррасикунандаи "пораҳои" алоҳидаи табиати инсонӣ арзи авуҷуд намуданд, ки пайомади он дегуманизатсияи илм дар бораи одам, аз ҷумла тиб гардид. Бояд дар хотир дошт, ки инсон низоми нотамом ва кашфгардида, дар навбати аввал, объекти омӯзиши маҳз фанҳои гуманитарӣ мебошад. Ба ин проблема, ба ғайр аз фалсафа боз бисёр соҳаҳои фарҳанг ва маърифати олам, бо шумули дин, санъат, адабиёт, тиб ва дигар соҳаҳои маърифати гуманитарӣ машғул шудаанд. Агар ҷисми инсонро физиология омӯзад, он гоҳ моҳияти иҷтимоии ӯро сотсиология, рухи ӯро бошад, психология меомӯзанд. Дар ҳамин ҳол то рӯзҳои мо ҳам тасаввури ягона дар бораи ҳамаи ҷанбаҳои моҳияти инсон дар шакли ҳамгирошудаи онҳо коркард нашудааст [82, С. 73-83].

Тавре ки пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, решаҳои ғояҳои инсонмарказӣ ба гузаштаи дур рафта мерасад. Бо мурури асрҳо ғояҳои мазкур ба тағйироти сершумор дучор омадаанд, ҳарчанд ки нуктаҳои калидии онҳо, амалан бетағйир мондаанд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи такрорнашавандагӣ ва арзиши бешакку шубҳаи ҳар як мавҷуди инсонӣ меравад [3, С. 74].

Ҳамин тавр, нақши равиши антропологӣ нисбат ба раванди дар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ ташаккулёбии СК дар он аст, ки кормандони соҳаи тиб дар бораи инсон ҳамчун маҷмӯи тамоми ҷанбаҳои ӯ, ки баррасии ҷузъиёти ҷисмонӣ, психологӣ ва иҷтимоии ӯро имконпазир месозад, тасаввурот дошта бошанд. Азбаски СК шомили на танҳо тавсифоти касбӣ балки тавсифномаи шахсиятии мутахассис ҳам мебошад, пас корбурди равиши антропологӣ дар таҳқиқоти мо, ки ба ташаккулёбии СК дар кормандони соҳаи тибби оянда бахшида шудааст, муътамад ва асоснок аст.

Бояд қайд намуд, ки дар мавриди равиши антропологӣ сухан гуфта, набояд ба дидгоҳҳои ҷанбаи гуманистидоштаи кормандони соҳаи тиббии оянда маҳдуд гардид. Он на камтар нисбат ба саломатии худ, ба фаҳмиши худ дар талоши худтакмилдиҳӣ, ҳадди аксари амалисозии захираи билқувваи ақлонӣ ва эҷодии худ аҳамиятнок аст. Дар қаринаи мазкур мо дар таҳқиқоти худ масъалаҳои вобаста ба ҷанбаҳои субъективӣ ва объективии ҷаҳонбинии кормандони соҳаи тиббии ояндаро баррасӣ мекунем.

Дар ҳамин марҳилаи навсозии низоми таҳсилоти ҶТ талаб мекунад, ки муносибат ба нақш ва мавқеи субъекти раванди таҳсилот тағйир дода шавад.

Донишҷӯ, ҳамчун яке аз чунин иштирокдорон, вазифаи объектро иҷро мекунад, ки ба ӯ омӯзгор таъсир мерасонад, ҳамзамон, субъекти муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоӣ, ки дар раванди таҳсилотӣ фаъолона иштирок мекунад, фаъолияти пурмаҳсули ҷанбаи ҷаҳонбинӣ ва эҷодидоштаро амалӣ месозад. Барои ин ӯ бояд малакаҳои тафаккури эҷодӣ, маҳорати додани баҳои мувофиқро ба падидаҳои ҷараёндошта, ҳам дар ботини худ ва ҳам дар берун аз он дарёфт намояд, роҳи ҳалли проблемаҳои ҷанбаи шахсӣ ва касбидоштаро пайдо намояд.

Албатта, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ узви комилҳуқуқи ҷомеаи муосир (ҳамзамон объект ва субъект аст) дар оянда иштирокдори фаъоли равандҳои ҷанбаҳои гуманитарӣ, иҷтимоию истеҳсолӣ ва тиббию технологидошта мегардад. Бинобар ин,вижагиҳои шахсии ӯ, мақсаднокӣ ва хислати ӯ ба ченакҳои ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии ӯ таъсири калон мерасонад.

Раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон аз ду нуқтаи назар баррасӣ намуд. Ҳамин тавр, мо ташкили мақсадноки раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро аз тарафи омӯзгорон дида метавонем. Дар ин ҳол, донишҷӯён дар муҳити якҷо бо омӯзгорон ташаккулёфтаи интерактивӣ асосҳо ва

муқарраროти арзишии илми тибро дар савияи стандарти додашуда азхуд мекунанд.

Тавсифномаи асосии раванди таълимиро оид ба ташаккулёбии СК дар кормандони тиббии оянда баррасӣ менамоем:

- омӯзгор ва донишҷӯ ҳамроҳ масъалаҳои дорои ҷанбаҳои касбӣ, иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ғайраро муҳокима мекунанд;

- дар миёни иштирокдорони ҳамкориҳои педагогӣ муносибатҳои ошкорои боэътимод ташаккул меёбанд, ки ба донишҷӯён ҷиҳати ифодаи ҷаҳонбиниашон ҳадди аксар мусоидат менамояд;

- муошират ва рафтори омӯзгор бо ошкор будан ва муносибаташ бо донишҷӯён ҳамчун ҳамшарики баробар фарқ мекунад.

Мо ошкор намудем, ки чи гуна дар ҷараёни дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК ба субъект аз тарафи омилҳои сершумори дохилӣ ва берунӣ таъсир расонида мешавад.

Ангезаҳои берунии дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК омилҳои зерин мебошанд: низоми таҳсилот, ки талаботи маънавӣ ва моддиро муайян мекунад, савияи ақлонии мутахассиси оянда; муҳити таҳсилотӣ ва иртиботию иттилоотӣ, ки захираи билқувваи мутахассисро дар интиқол, дарёфт ва истифодаи иттилооти ҷанбаи касбидошта вобаста мекунад; талоши донишҷӯ ба маърифати ҷаҳони инсон ва олами атроф.

Ба ангезаҳои дохилӣ шавқу завқ, умеди инсон, талоши ӯ ба такмилдиҳии шахсият мансубанд. Дар ин ҳол метавон робитаи мутақобилаи миёни ангезаҳои дохилӣ ва березуниро мушоҳида намуд.

Дар раванди таълим аҳамияти азхудкунии донишҳои мушаххаси назариявиро кам надониста, қайд мекунем, ки ба ҳар ҳол корҳои таҷрибаомӯзӣ дар ташаккулёбии СК дар кормандони тиббии оянда аз нақши муҳимтарин бархӯрдор мебошад.

Табиби оянда малакаҳои касби тиббиро дар чаҳорчӯбаи ҳолатҳои мушаххас азхуд намуда, муқарраროти ҷаҳонбинии худро амалӣ намуда,

онҳоро дар таҷриба месанҷад, имкон дорад, ки дидгоҳҳои худро нисбат ба касби худ тағйир диҳад.

Одатан, таҷрибаомӯзии тиббӣ дар заминаи кафедраҳои клиникии муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ гузаронида мешавад. Донишҷӯён ба нигоҳубини беморон машғул мешаванд, таърихи бемории беморонро ба расмият медароранд, таҳти роҳбарии роҳбарони таҷрибаомӯзӣ амалҳои тиббиро анҷом медиҳанд. Чунин таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ, ки бо онҳо коллеҷ шартнома дорад ва муассисаҳое, ки дорои захираи билқувваи илмию техникӣ мебошанд, роҳандозӣ мегардад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ муҳимтарин ҷузъиёти дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК мебошад, ки дар ҷараёни он донишҷӯён таҷрибаи фаъолияти муолиҷавиро азхуд мекунанд.

Масъалаи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ-ро баррасӣ намуда, ба чунин натиҷагириҳо ноил гардидем:

– мушорикат додани мутахассиси оянда ба арзишҳои ҷаҳонбинии касби табиб имкон медиҳад, ки дар донишҷӯ намунаи рафтори ҷамъиятии ба инсони равшанфикр хосбуда ташаккул ёбад;

– салоҳиятҳои касбии ташаккулёбанда дар донишҷӯ ва омӯзгор муносибатҳои байниҳамдигарии инсонгароёнаро на танҳо дар байни онҳо дар ҷараёни ҳамкориҳои педагогӣ, балки ба ҳамин гуна муносибатҳо дар оянда дар миёни мутахассиси ҷавон ва бемори ӯро дар назар дорад;

– яке аз омилҳои асосии ҳавасмандкунандаи технологияҳои таълимии ҷанбаи интерактивидошта ва муколамаҳои таълимӣ ба мавқеи ҷаҳонбинии донишҷӯ табдил меёбад;

– дар донишҷӯи коллеҷи тиббӣ ташаккулёбии СК тавассути равиши фарофаннӣ ба омӯзиши фанҳои илмии табиӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, ҳамаи равишҳои аз тарафи мо баррасигардида бо ҷанбаҳои мусбат ва камбудиҳои хоси худ фарқ мекунанд, як имкониятро фароҳам намуда, ҷиҳати дигарро маҳдуд месозанд, барои расидан ба баъзе ҳадафҳо самарабахш бошанд, барои ҳалли дигар масъалаҳо коршоям нестанд. Метавонем тасдиқ намоем, ки чун қоида, корбасти равишҳои мазкур бо омилҳои ҷанбаи низомофардошта вобастаанд, ки такяи асосӣ болои онҳо буда, имкони таҳқиқи ин ё он зуҳуроти педагогиро аз ин ё он дидгоҳ имконпазир месозад.

Азбаски барои ҳар яке аз ин равишҳо дар алоҳидагӣ норасоиҳои муайян хос мебошанд ва имкон намедиҳанд, ки масъалаҳои матраҳшуда дар маҷмуъ таҳқиқ гарданд, он гоҳ мантиқӣ мебуд, ки захираи билқувваи онҳоро муттаҳид созем, то ки онҳо ба ҳамон падидаҳои ҳамгироёна посух диҳанд, ки ба дониши муосири педагогӣ хос мебошанд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур мо дар назди худ вазифа нагузоштем, ки таҳлили амиқи равишҳои методологии дар ҳоли ҳозир мавҷудбударо амалӣ намоем. Мо таваҷҷуҳи худро танҳо ба ин ё он нуктаҳое мутамарказ сохтем, ки дар қаринаи таҳқиқоти мо мубрам мебошанд, яъне равишҳое, ки имкон медиҳанд, масъалаҳои барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқот ошкор гарданд ва ба муайянкунии самтҳои стратегии таҳқиқоти мо вобастагӣ доранд.

Маҳз ҳамин гуна равишҳое, ки таҳкурсии методологии таҳқиқоти барои баррасӣ пешниҳодгардидаро ташкил додаанд, дар асоси худ нуктаҳои афзалиятноки сохтаҳои назариявии марбутаро доранд ва бояд вазифаи амалисозии ҳар чизи беҳтарро дар ин самт иҷро намоянд.

## 1.3. Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ

Ҳангоми таҳияи консепсияи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо дар навбати аввал, масъалаҳои вобаста ба таҳсилотро ҳамчун бо падидаи иҷтимоию фарҳангидошта баррасӣ намудем. Аз ин нуқтаи назар, мо аз миёни проблемаҳои таҳсилот дар соҳаи тиб як қатор ҷанбаҳоро ҷудо кардем, ки дар миёни онҳо вобастагии низоми таҳсилот аз вазъияти иҷтимоию иқтисодии кишвар; таҳқиқоти ҷанбаи байнифаннидошта; масъалаҳои вобаста ба салоҳиятнокии касбӣ, ҳам дар илм ва ҳам дар низоми таҳсилот; нақши рушди технологияҳо бо шумули технологияҳои иттилоотӣ, инчунин, инсонгаросозӣ дар кори ташаккули СК муҳим мебошанд.

Дар ин робита иброз медорем, ки дар муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ омӯзиши илми тиб бояд маҷмуи фанҳо дар бораи инсон, чи асосӣ ва чи фанҳои ба ҳам наздикро дар бар гирад. Дар вазъияте, ки омӯзгорони гуногун ба донишҷӯён соҳаҳои мухталифи илм дар бораи инсонро таълим медиҳанд, барои донишҷӯён тасаввур кардани манзараи томи инсон, ки моҳияти руҳонӣ ва биологии ӯро фаро мегирад, душвор мебошад. Таҳсилоти тиббӣ бояд коркардҳои ҳамаи фанҳои илмии ба инсон бахшидашуда, ҳамаи ҷиҳатҳои пешқадами санъат, илм ва фалсафаи вобаста ба инсонро истифода намояд.

Муҳаққиқони тоҷик Ф.Шарифзода ва А.М. Миралиев дар маҷмуъ оид ба таҳсилот мулоҳиза ронда, зикр кардаанд, ки “Таҳсилот яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа, ояндаи ҳар як миллат ва кишвар ба шумор меравад. Рушду нумӯи ҳар як мамлакат бо таълим ё маориф робитаи қавӣ дорад. Пешравии ҷомеаро бидуни рушди ҳамаҷонибаи илм ва таълим тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро ҳеҷ амал ба ҷомеа мисли таҳсилот таъсири амиқ расонда наметавонад” [166, с.8 ].

Тиб, пеш аз ҳама, дар худ фанҳои илмии табиатшиносиро муттаҳид месозад. Аммо дар ин ҳол тиб машғулияти сирф инсонгароёна мебошад, бинобар ин донишҳои ҷанбаҳои маънавӣ ва фарҳангии ҳаёти инсон аз аҳамияти бузург бархӯрдор мебошад [8, С. 7-14]. Дар зимн, тамоюли комилан қонунмандонаи афзоиши махсусшавии маҳдуд ва тафриқашавии соҳаҳо дар тиб идома дорад. Бинобар ин, проблемаи муолиҷаи бемориҳои соматикӣ бидуни донишҳои амиқи табиати руҳонӣ ва отифавии инсон боз ҳам мубрамтар мебошад.

Пайомади чунин махсусгардонӣ маҳдудшавии биниши проблемаҳои клиникӣ мегардад, табиб шароити идроки томи шахсияти бемор, организми ӯро аз даст медиҳад, тиб мисли ин ки ба якчанд соҳаҳои маҳдуд "таҷзия мешавад", ки ҳар яке аз онҳо бо методҳо ва арзишҳои худ тавсиф мешаванд. Ин тамоюлҳо бо сабаби робитаи ғайрикофии миёни амалияи клиникӣ ва назария дар таҳсилоти тиббӣ амиқтар мегардад [52, С. 174].

Тавре ки омӯзиши амалияи тиббӣ нишон медиҳад, "тибби муосир самтгирии гуманистии худро аз даст дода, ба маҷмӯи амалҳои ҷанбаи техникӣ ва амалидошта қаробат пайдо мекунад" [195, С. 395-399].

Тафриқасозӣ ва махсусгардонии илм онро аз арзишҳои ахлоқӣ дур андохта, аз симои инсонӣ маҳрум месозад, ки он то ҳадде барои тибби илмӣ ҳам хос мебошад [83, С. 50].

Барои он ки ин гуна ихтилоф бартараф карда шавад, дидгоҳе лозим аст, ки ба донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ бо исрор дар инсон дидани мураккабтарин низоми ғайрихаттии синергетикиро талқин намоянд. Илм ҳанӯз аз идроки муфассали чунин масъалаҳо дур мебошад. Мо тасаввур мекунем, ки проблемаи мазкурро метавон ба воситаи ҳамгиросозии фанҳои махсус, гуманитарӣ ва илмии табиатшиносӣ ҳаллу фасл намуд. Барои он ки донишҷӯи коллеҷи тиббӣ манзараи ҷаҳони муосир ва дар он кадом ҷойгоҳро ишғол кардани инсонро, возеҳан бидонад, зарур аст, то ки донишҳои тиббии ӯ бо маърифат оид ба табиати маънавии инсон зич ҳамгиро бошанд.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо оид ба омӯзиши сарчашмаҳои адабиёти соҳавӣ имкони хулосабарории онро фароҳам намуданд, ки проблемаҳои асосии марбут бо ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ба чунин омилҳо вобастагӣ доранд:

– нокифоягии савияи омодасозии кадрҳои тиббӣ;

– нокифоя будани фаҳмиши донишҷӯён дар бораи арзишҳои саломатӣ, ҳаёт ва ғайра;

– дахолати омилҳои динӣ дар масъалаҳои вобаста ба саломатӣ ва зиндагии инсон;

– равандҳои ҳамгироӣ ва тафриқасозӣ дар ҷараёни муқобилияти миёни шаклҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тиб;

– таъсири нокифояи ғояҳои антропология ва биоэтика дар амалия ва назарияи таълими кормандони соҳаи тиб;

Омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои матраҳгардида аз тарафи мо, аз мавҷудияти проблемаҳои қобили мулоҳиза бо сабаби коркарди нокифояи ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии таҳсилоти тиббӣ, омодагии ғайриқаноатбахши дохилшавандагон, ҳолати ғайриқаноатбахши моддию техникии муассисаҳои таълимии миёнаи тиббӣ, инчунин, вуҷуд доштани норасоиҳо дар омодасозии ҳайати илмию омӯзгорӣ гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамин тавр, мо бояд иброз намоем, ки ҷузъи таҳсилотии ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии кормандони ояндаи соҳаи тиббӣ таваҷҷуҳи хеле зиёдро аз тарафи давлат тақозо мекунад, то ки нақшаҳои таълимӣ ва стандартҳо бо талаботи ҷомеаи муосир ба таҳсилоти тиббӣ ва умуман ба тиб мувофиқ гардонида шаванд.

Камбудии таҳқиқоте, ки проблемаҳои инсонро аз мавқеи тасаввуроти том, ҷузъи инсонгароёнаи салоҳиятнокии касбии ҳам донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ва ҳам омӯзгорон баррасӣ мекунанд, ба мушоҳида мерасад. Яқин аст, ки таҳсилоти тиббӣ ба тавсеаи заминаи муҳтавоӣ аз ҳисоби фанҳои гуманитарӣ ва илмии табиатшиносӣ шадидан ниёз дорад.

Гуфтаҳои боло бори дигар тасдиқ мекунанд, ки дар низоми таҳсилоти кишвар проблемаҳои қобили мулоҳиза мавҷуданд, ки дар миёни онҳо набудани консепсияи коркардшудаи салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ ном бурда мешавад. Барои он ки ин проблемаҳоро ҳал намоем, зарур аст, ки дар ҳамаи сатҳҳо технологияҳо, махзани додаҳои электронии аз тарафи олимони ватанӣ таҳиягардида, коркардҳои худи муассисаҳои таълимӣ ва захираҳои интернетии ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба таври самаранок ба кор бурда шаванд [8, С. 7-14].

Бо ёрии технологияҳо ва методҳои нав мо имконият дорем, ки дар таҳсилоти тиббӣ ва худи равиш нисбат ба касби тиббӣ тағйироти ҷиддӣ ворид намоем, инчунин, раванди ташкили худи таълимро такмил диҳем. Имконияти инкишоф додани малакаҳо ва маҳоратҳо дар дигар савияҳои сифатии боз ҳам болотар, бо шумули қобилият ба таҳлилу таркиб, пайдо кардани роҳҳои ҳалли проблемаҳои бисёрпаҳлуи ҷанбаи ҷаҳонбинидошта, дар раванди таҳсилот истифода кардани технологияҳои интерактивӣ ба таври густарда имконпазир мегардад.

Барои расидан ба ҳадафҳои зикргардида зарур аст, ки дар худи ҳамон марҳилаҳои аввали таҳсил дар КТ ба донишҷӯён ҷаҳонбинии касбӣ талқин гардад. Мунсифона, бояд иқрор шуд, ки дар ин самт то ба имрӯз тағйироти мусбат рӯи кор намомадааст. Рушди муассири тиб ва биология боиси амиқу густардатар гардидани донишҳо дар бораи организми инсон, ёфтани роҳҳои нави ҳифзи саломатии инсон мегардад, аммо ҳар гуна консепсияи таҳишудаи навин танҳо ба яке аз ҷанбаҳои проблемаи нигоҳдории тандурустӣ мансуб мегардад, зимнан, дар миёни ҳамаи ҷанбаҳо робитаи бешубҳа ва вобастагии байниҳамдигарӣ вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, мо хеле муҳим меҳисобем, ки саломатӣ дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҳамчун як низоми ҷудонашаванда бо тамоми ҷанбаҳои биологӣ, иҷтимоӣ ва маънавии он баррасӣ карда шавад. [45, С. 80].

Дар робита бо самтгирии гуманитарии низоми таҳсилоти тиббӣ лозим аст, ки аз дидгоҳи яктарафа ба мутахассиси ояндаи соҳаи тиббӣ, ҳамчун ба яке аз мансабдорони сершумори ояндаи кадом як ниҳоди ҷамъиятӣ даст кашид. Ба ақидаи мо, махсусгардонии маҳдуд ҳангоми омодасозии мутахассиси оянда метавонад ба болоравии мансабии ӯ манфӣ инъикос ёбад, зеро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мутахассиси дорандаи донишҳои ихтисосии маҳдуд метавонад муштарӣ пайдо накунад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад медонем, ки низоми таҳсилотӣ ба мутахассис имкон диҳад, то фаъолияти касбии худро дар чаҳорчӯбаи васеътар роҳандозӣ кунад. Барои ин кор бошад, зарур аст, ки ҷузҳои умумиилмӣ ва гуманитариро тақвият дод.

Имрӯз яқин гардидааст, барои он ки равиши ҷаҳонбинӣ, ҳамчун амсилаи асосии методологии пажӯҳиши мо таъмин карда шавад, зарур аст, ки ташкили бонизоми раванди таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ роҳандозӣ гардад. Дар навбати аввал, зарур аст, ки консепсияи илмӣ таҳия гардад, технологияи таълимдиҳанда интихоб шавад ва ҷузъи муҳтавоӣ бо такя ба амсилаи коркардгардидаи корманди соҳаи тиб таҳия гардад, инчунин, дар асоси омодасозии шароити педагогӣ, ки ҳалли масъалаҳои педагогии дорандаи салоҳиятнокии касбии ташаккулёфта дар савияи зарурӣ таъмин намояд.

Барои амалисозии ғояи худтакмилдиҳии шахсӣ ва касбии инсон дар раванди инкишофи мустақилонаи ӯ, амалисозии тавоноии худ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият зарур аст, ки афзори ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ интихоб карда шавад, то ки онҳо битавонанд худро ҳадди аксар дар ҷараёни фаъолияти касбӣ амалӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки савияи ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар он ифода мегардад, ки чавон то кадом андоза омода ва қодир аст донишҳои ҷанбаи касбидоштаро ба даст оварад, ҳамчун шахсияти ҳаматарафа инкишоф ёфта, низоми арзишҳоро таҳия

намояд, донишҳои дар ҷараёни дарсҳои таълимӣ бадастовардаашро ба таври интиқодӣ мулоҳиза намояд, ки чи тавр онҳоро метавон дар фаъолияти амалӣ ба кор бурд. Дар ин ҳол такяи асосӣ бояд болои вижагиҳои тафаккури донишҷӯ, болои ҷузъи ақлонӣ ва отифавӣ ва болои ангезаҳои аз тарафи ӯ интихоб гардидани касб гузошта шавад.

Барои он ки, проблемаи мазкур ҳалли худро ёбад, ба ақидаи мо, бояд ба самтҳои зерин ҳаракат намуд: тавассути дар раванди таҳсилотӣ ҷорӣ сохтани технологияҳои навтарини педагогӣ, ба вуҷуд овардани ангезаҳо ва ҳавасмандиҳо ба фаъолияти фаъолонаи эҷодии таълимӣ; ноил шудан ба болоравии савияи касбии омӯзгорон; инкишоф додани пойгоҳи иттилоотӣ ва моддию техникии раванди таълим; таъмин кардани ҳамкории зич миёни омӯзгорон ва донишҷӯён, инчунин, ҳадди аксар фаъол сохтани фаъолияти ҷанбаи маърифатидошта дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ тавассути ташкили босамари машғулиятҳои мустақилона.

Барои табиби муосир дар шароити селаи бузурги иттилоот дигар мустақилона азхуд карда тавонистани иттилоот кофӣ нест. Имрӯз ҳаётан зарур аст, ки табиб бояд дорои фарҳанги комилан нави иттилоотӣ дар асоси қарорҳои қабулгардида донишҳои дастаҷамъӣ қарор дошта бошанд. Пас, корманди тиббии муосир бо иттилоот тавре кор карда тавонад, ки дар шароити кунунӣ ҷузъи ҷудонашавандаи салоҳиятнокии касбӣ мебошад.

Вижагии раванди рушди таҳсилоти тиббӣ, инчунин, он нақше, ки ҷузъи арзишию маъноӣ дар ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббӣ дорад, имкони онро фароҳам намуд, ки таҳияи амсилаи консептуалии раванди таълим дар коллеҷҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди равиши гуманистӣ дар кормандониояндаи тиббӣ нисбат ба касби худ нигаронида шудааст, амалӣ карда шавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар чаҳорчӯбаи назарияи педагогӣ амсила бояд ҷузъҳои калидӣ ва низоми робитаи байни онҳоро инъикос намояд, ки ба туфайли он мо метавонем объекти мавриди пажӯҳиши худро амиқтар таҳқиқ намоем. Дар зимн, худи амсилаҳо метавонанд бо гуногунии худ тафовут дошта бошанд ва ҳар як намуди он ба ҷанбаи мушаххаси пажӯҳиш вобастагӣ дорад. Мо дар интихоби худ ба амсилаи консептуалӣ таваққуф намудем, чунки он сохтори низомро инъикос мекунад, инчунин, имкони пайгирӣ кардани робитаи сабабу оқибатии миёни ҷузъҳоро фароҳам месозад. Дар ҳолати мо ба сифати низоме, ки амсила мешавад, таҳсилоти тиббӣ баромад мекунад, дар ин ҳол соҳаи мақсадноки онро мо ташаккулёбии ҷаҳонбинии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ва ба сифати самти дурнамо дар онҳо ташаккулёбии СК баромад мекунад.

С.А.Дружилов махсусияти амсиласозии ин ё он фаъолиятро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки дар ин ҷо он нукта аҳамияти калон касб мекунад, ки муҳаққиқ чигуна ба объекти амсиласоз муносибат мекунад. Зеро фаъолияти ба сифати чунин объект баромадкунандаро метавон дар намуди раванд ва дар намуди сохтор тасаввур намуд.

Амсилаи консептуалие, ки мо пешниҳод менамоем, имкон медиҳад на танҳо ҷузъҳои таркибии сохторӣ, балки робитаҳои асосие, ки байни онҳо дар ҷараёни дар кормандони ояндаи тиб ташаккул ёфтани СК вуҷуд дошта бошад, ошкор карда шаванд.

Амсиласозӣ мавзуи таҳқиқоти пажӯҳишгарони хориҷӣ ва ватанӣ аз қабили А.И. Галактионов [44, С. 105], Г.В. Суходолский [141, С. 102], А.Т. Велфорд [172], В.А. Пономаренко [56, С. 83] ва дигарон будааст.

**Расми 1. Амсилаи консептуалии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ**



Таҳлили адабиёти илмии соҳавиро аз рӯйи мавзуи баррасишаванда амалӣ намуда, мо амсилаи консептуалии ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудем, ки аз дидгоҳи объективӣ ба касби тиббӣ ва олами атроф ба таври кулли, инчунин, мавқеҳо ва арзишҳои ҷаҳонбинии касби тиббӣ ҷузъҳои педагогӣ, психологӣ ва акмеологии раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббии ҶТ иборат мебошад.

Дар амсилаи пешниҳодгардида мо омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таҳаввулоти амиқ ва идроки ҷузъҳои технологию муҳтавоии таҳсилот бо мақсади самараноктар ташаккулёбии СК дар кормандони ояндаи тиб равона месозем.

Натиҷаи асосии чашмдоштии бахши ҳадафии амсилаи пешниҳод гардида ташаккулёбии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ афзоиши савияи салоҳиятноки мутахассисони оянда тавассути тавсеаи пойгоҳи муҳтавоии таълими касбӣ ба воситаи такмилдиҳии ҷузъи зеҳниятии онҳо мебошад.

Амсила, ҳамчунин ҷузъиёти зеҳниятӣ ва праксиологии ҷаҳонбинии касбии тиббиро низ ба ҳисоб мегирад, ки имкон медиҳад, на танҳо низоми объективии арзишҳои фаъолияти тиббӣ, балки тавсифномаҳои шахсии кормандони тиббии аз омодагигузашта дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода шавад.

Амсилаи пешниҳодкардаи мо вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳсилоти тиббӣ, арзишҳои ҷанбаҳои гуманистӣ ва тиббидошта, ки дар асоси ҷузъи муҳтавоии раванди таълим қарор доранд ва барои ташаккулёбии муҳити таҳсилотии намуди интерактивӣ заруранд, меъёрҳое, ки тибқи онҳо динамикаи дар табибони оянда ташаккулёбии СК арзёбӣ мегардад ва натиҷаҳое, ки мо аз амалишавии лоиҳаи мазкур интизор дорем, муайян менамояд.

Ҳангоми эҷод кардани амсилаи аз тарафи мо пешниҳодшаванда, на танҳо муҳтаво, балки худи раванди омӯзиши касбии корманди ояндаи тиббӣ, ки дар асоси он ҳамгироии фанҳои таълимии самтҳои иттилоотию технологӣ ва иҷтимоию гуманитарӣ қарор дорад, тарроҳӣ мешавад.

Амсила, ҳамчунин саҳми қобили мулоҳизаи фаъолияти ҷанбаи беруназтаълимидошта ва худомӯзии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ тавассути иштироки онҳо дар кумакрасонӣ ба ниёзмандон дар асоси ихтиёрӣ ва дигар амалҳои ҷанбаи иҷтимоидоштаро пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин, фаъолияти донишҷӯён дар соҳаи таблиғи тиббӣ пешбинӣ мегардад.

Амалисозии ҳамгиросозии фанҳои самтҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва иттилоотию технологӣ тавассути корбурди равиши бинарӣ ба ташкили раванди таълим ба нақша гирифта мешавад, ки имкон медиҳад робитаҳои зарурии байнифаннии миёни фанҳои даври иҷтимоию гуманитарӣ ва тиббӣ амалӣ карда шавад. Ба ин мақсад таҳияи курси таълимии “Асосҳои ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон” роҳандозӣ гардид. Барномаи ин давра аз рӯйи принсипи бахшию модулӣ мураттаб шудааст.

Тавре ки таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ нишон медиҳад, бартарии амсилаи бахшию модулии раванди таълим яқин аст. Курсе, ки аз рӯйи чунин принсип тартиб дода шудааст, шомили захираи педагогӣ ва психологии барномаи таълимӣ мебошад, чунки он имкон медиҳад, ки суръати азхудкунии маводи таълимӣ аз тарафи донишҷӯёни алоҳида бо дарназардошти қобилиятҳои инфиродии онҳо тағйир ёбад. Курси махсус, ҳамчунин имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар дар доираи ҳам фанҳои касбӣ ва ҳам фанҳои илмии табиӣ рушд намоянд.

Ба ғайр аз ин, курсе, ки дар асоси принсипи бахшию модулӣ мураттаб мегардад, имкон медиҳад, ки таъсиррасонӣ ба ҳавасмандии донишҷӯён ба таҳсил амалӣ карда шавад. Тавре ки таҷрибаи педагогӣ

нишон медиҳад, донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар асоси худ ба фарогирии донишҳои нав ҳавасмандӣ доранд. Курсе, ки аз рӯйи принсипи бахшию модулӣ муратаб мегардад, дорои захираи билқувваи дидактикӣ ба қонеъгардонии ниёзмандиҳои кормандони ояндаи тиббӣ дар худифодакунӣ, дар талоши онҳо ба муваффақият дар фаъолияти касбии худ мебошанд, ки ба он ба дараҷаи қобили мулоҳиза ба коркарди методҳои интерактивии кори таълим мусоидат менамояд.

Дар сохтори курс шаш модул мавҷуд аст, ки дутои онҳо ҳамчун фанҳои ҷанбаи гунаидошта (вариативӣ) тадрис мешаванд, ки дар зинаҳои гуногуни раванди таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Тавсифномаи ҷанбаи равандию фаъолиятидоштаи амсила имкон медиҳад, ки дар бораи шароити педагогии зарурӣ барои ташаккулёбии муҳити интерактивии таҳсилотӣ, ки мақсади он амалисозии ҷузъҳои субъективӣ, методикӣ, равандӣ ва маърифатии фарогири раванди таълимӣ мебошад, фароҳам оварда шавад. Технологияҳои таълимии самти интерактивӣ ба ташаккулёбии муҳити интерактивии мусоидаткунанда барои ҳавасмандии донишҷӯён ба фаъолияти маърифатӣ ҳадафгирӣ шудааст. Донишҷӯён дар муҳити ошкорои педагогӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосии ҷаҳонбинии худро озодона ифода мекунанд.

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии амсилаи пешниҳоднамудаи мо ва стандартҳои таҳсилотӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки амсилаи мо ба дархостҳои давлат пурра ҷавобгӯ мебошад, он имконият медиҳад, ки мутахассисони соҳаи тиббии қодир ба ҳадди ақал амалисозии иқтидори билқувваи эҷодӣ ва ақлонии худро дар шароити бозори рақобатпазири муосири меҳнат омода созад.

Ғайр аз ин, амсилае, ки мо пешниҳод намудем, самтгирии ҷаҳонбинии таҳсилоти тиббиро таъмин менамояд ва он дар стандартҳои дар ин замон амалкунандаи таҳсилот пешбинӣ шудааст.

Сохтори амсилаи пешниҳодшударо таҳлил намуда, чунин вижагиҳои онро ҷудо мекунем:

– самтгирӣ дар рушди тиб, ки ба принсипҳои гуманистӣ ва дар донишҷӯён ва омӯзгорон ташаккулёбии СК асос ёфтааст;

– амсила равишҳои ҷаҳонбинӣ ва салоҳиятнокӣ, самтгирии байнифаннии ҳамгироёнаи раванди таълимиро инъикос менамояд;

– дар асоси он захираи билқувваи ҷаҳонбинии фанҳои биологӣ ва тиббӣ, технологияҳо ва афзорҳои онҳо, ки ба рушди тавоноии ақлонӣ ва эҷодии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ нигаронида шудааст, қарор дорад.

Дар миёни ҷузъҳои таркибии амсилаи пешниҳоднамудаи худ мо шароити педагогиро қайд мекунем, ки барои дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК зарур мебошанд. Маҳз онҳо қобилияти ҳаётӣ, дастрасиро барои донишҷӯён ва омӯзгорон ва қобилияти амалисозии самараноки омодасозии босифати донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро ба фаъолияти касбии оянда тасдиқ менамоянд. Ба чунин ҷузъҳои таркибӣ инҳо мансубанд:

– динамикаи дар донишҷӯён ташаккулёбии СК аз рӯйи меъёрҳои объективӣ арзёбӣ мешаванд;

– ҷузъи ҳадафманди таълими касбӣ аз унсурҳои гуманистӣ ва ҷаҳонбинӣ, эътиқод, принсипҳо ва самтгириҳои ахлоқии шахсӣ иборат мебошад;

– бахшҳои гуногуни фанҳои самтҳои махсус, тиббӣ ва иҷтимоию гуманитарӣ шомили нуктаҳои мубоҳисавӣ, вазифаҳо, масъалаҳои ҷаҳонбинӣ, ки дар ҷараёни таълими муҳити интерактивӣ мусоидат мекунанд ва он ба донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ имкон медиҳад, то ба моҳияти проблемаҳои соҳаи тиб сарфаҳм бираванд ва асосҳои ҷаҳонбинии худро бошуурона ташаккул диҳанд;

– дар раванди таҳсилот гурӯҳҳои донишҷӯён барои машғулиятҳои муштарак аз рӯйи мавзуъҳои мушаххас ташаккул меёбанд ва онҳо ба ташаккулёбии салоҳиятнокии иртиботӣ, ки яке аз муҳимтарин ҷузҳои СК мебошад, дар кормандониояндаи тиббӣ мусоидат мекунад;

– бо мақсади рушди муассири СК технологияи оид ба идоракунии машғулиятҳои мустақилона амалӣ карда мешавад;

– дар раванди таълим вазъиятҳои ҳавасмандкунандаи худмубрамсозӣ ва зуҳуроти салоҳиятҳои касбӣ, ки ба азхудкунии малакаҳо ва донишҳои касбӣ мусоидат мекунанд, амалӣ мегарданд.

Мо дар асоси таҳлили муқоисавии шароити педагогӣ онҳоро аз рӯйи вижагиҳои таъсири интерактивии донишҷӯён ва омӯзгорон ба якдигар ба чунин категорияҳо тасниф намудем: ба шахс самтгиришаванда, технологӣ, иттилоотӣ ва маърифатӣ.

Вижагиҳои шароити педагогиро нисбат ба таҳсилоти тиббӣ баррасӣ менамоем. Шароити иттилоотӣ гуфта мо технологияҳоеро ҳисоб мекунем, ки имкон медиҳанд ҷузъи таркибии муҳтавоии фанҳоро бо такя ба шомилсозии ҷанбаҳои ҷаҳонбинидошта, амалисозии курси махсуси таълимии нигаронидашуда ба рушди салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, инчунин, коркарди вазифаҳои махсус, ки донишҷӯён дар ҷараёни таълими фосилавӣ ё кори мустақилона иҷро мекунанд, сохторӣ намоем.

Ҳамаи сохторҳои зикргардида дар таркиби худ методикаҳои ҳавасмандкунандаи дар донишҷӯён ташаккулёбандаи малакаҳои худташкилшавӣ ва интихоботи гунавии асосёфта доранд, ки ба донишҳои илмии тиббӣ, инчунин, ҷамъбаст ва таҳлили иттилоот, ки ба инкишофи равиши ҷаҳонбинӣ, ҷамъоварии ғояҳо ва ақидаҳои худи донишҷӯён, мусоидат мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои лоиҳа ошкорсозии он аст, ки чигуна донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ арзишҳои аз тарафи онҳо омӯхташавандаи фанҳои гуманитарӣ ва тиббиро дарк ва арзёбӣ менамоянд. Дар чунин шароити идрок нақши афзалиятдоштаро касбияти омӯзгор, тавоноии илмӣ ва хирадмандии ӯ иҷро мекунад. Барои донишҷӯ маҳорати касб, салоҳиятнокӣ ва сифатҳои шахсии ӯ бояд намуна бошад.

Мо курси таълимии “Асосҳои ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни муссисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ”- ро таҳия намудем, ки дар он

робитаҳои байнифаннии миёни фанҳои гуногуни таҳсилотӣ амалӣ шудаанд.

Курси махсуси мазкур бояд ба чунин ҳадафҳо ноил мешуд:

– бо ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ густариш ва амиқ намудани методҳо ва ҷузъи таркибии муҳтавоии фанҳои махсуси таълимӣ;

– тағйир додани ҷузъи муҳтавоӣ тавассути шомил сохтани донишҳои номуайян ва ихтилофнок, ки боиси мубоҳисаҳо гарданд ва дар чаҳорчӯбаи онҳо донишҷӯён метавонистанд нуқтаи назари худро оид ба ин ё он масъалаҳои ҷаҳонбинӣ пешниҳод ва асоснок намоянд;

– баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ба фанҳое, ки дар кормандони ояндаи соҳаи тиб ташаккулёбии ҷаҳонбинии касбиро имконпазир месозанд;

– ташаккул додани муҳити таҳсилотии интерактивӣ, ки имкон медиҳад донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ муқоиса, таҳлил ва мушоҳида карданро омӯзанд ва ҳам мавқеи ҷаҳонбинии худ ва ҳам мавқеи алтернативиро арзёбӣ намоянд.

Дар назди курс вазифа гузошта шуда буд, ки дар донишҷӯёни муссисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ ҷузъҳои зеҳниятӣ ва иттилоотию технологии салоҳиятнокии касбиро ташаккул диҳанд; дар донишҷӯёни муссисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ салоҳиятнокии касбиро дар савияе ташаккул диҳанд, ки ба онҳо имкони бомуваффақият дар соҳаи тиб амалисозии фаъолияти касбиашонро фароҳам намояд.

Дар ҷараёни омодасозии фаъолияти ояндаи касбӣ, ба ғайр аз ҷузъи таркибии муҳтавоии барномаи таълимӣ мо методҳо ва шаклу воситаҳоеро интихоб кардем, ки фаъолияти таълимиро тавре ташкил менамоянд, ки он ба ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии кормандони ояндаи соҳаи тиб нигаронида шуда бошад. Ҳамаи инҳо дар маҷмуъ категорияи шароити технологиро (методӣ) ташкил намуданд.

Мо ба туфайли интихоби муносиби методҳои таълиму тарбия дар чаҳорчӯбаи шароити технологӣ метавонем дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии ҳавасмандии ҷанбаи маърифатидоштаро дар

ҷараёни иҷрои супоришҳои чи дастаҷамъӣ ва чи инфиродӣ шавқу рағбати донишҷӯёнро ба фаъолияти маърифатӣ баланд бардорем. Методҳои фаъоли таълим имкони ҳавасмандкунӣ ва дастгирии фаъолнокӣ ва ташаббуси донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, дар онҳо рушд додани малакаҳои маърифатӣ ва ташаккул додани маҳоратҳои иртиботиро дар ҷараёни ҳамкориҳои гурӯҳӣ ва байнишахсӣ фароҳам меоваранд.

Самаранокии баланди раванде, ки дар ҷараёни он маҳоратҳо, донишҳо, эътиқодот ва дидгоҳҳо ва инчунин, вижагии амалисозии онҳо дар раванди дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК сурат мегирад, ба туфайли шаклҳои гуногуни ҳамкориҳо дар миёни ҷанбаҳои мазкур таъмин мегардад. Ташкил ва баргузории ҳамлаҳои мағзӣ, лоиҳаҳои дастаҷамъӣ, мизҳои гирд ва мубоҳисаҳо мусоидат мекунанд. Дар чаҳорчӯбаи курси махсус тасвиби ҳамаи шаклҳои дар боло номбаргардидаи ҳамкориҳои байни иштирокдорони раванди таҳсилот сурат гирифтанд.

Ҳангоми таҳия ва интихоби таъминоти методӣ мо вазифаи асосии дар назди худ гузошташуда - дар донишҷӯёни муссисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ ташаккулёбии салоҳиятнокии касбиро ба роҳбарӣ гирифтем.

Дар чаҳорчӯбаи таъминоти методӣ методикаи ба он шомилнамудаи ҷанбаҳои самтгирии ҷаҳонбинӣ, супоришҳои таълимии мутобиқгардида ба шаклҳои интерактивии таълим таҳия шуда буданд, супоришҳо оид ба таҷрибаомӯзии касбӣ ва таълимӣ омода карда шуда, инчунин, бо омӯзгорон оид ба тайёрӣ ба кор тибқи методҳои нав баргузор карда шуданд.

Ҳангоми коркарди амсилаи ташаккулёбии СК дар ҷараёни омодасозии табиби оянда мо инчунин, ба шаклҳо ва методҳои анъанавии ташкили раванди таълим рӯ овардем, дар ин ҳол ҳам донишҷӯён ва ҳам омӯзгорон дар ифодакунии мавқеъҳо, ақидаҳои худ дар мавриди методикаҳо ва технологияҳои истифодашаванда комилан озод буданд.

Ин гуна технологияҳо, ҳамчунин ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии касбӣ дар табибони оянда таъсири мусбат хоҳад дошт.

Ба категорияи сеюм шароите дохил мешаванд, ки ба инкишофи сифатҳои шахсии корманди соҳаи тиб мансуб мешаванд. Онҳо вижагии самтгирии онҳоро ба назар мегиранд; самтгирии мутахассисро ба ҳавасмандии устувори ташаккулёбии таҳкурсии ҷаҳонбинӣ, ҳамчун муҳимтарин ҷузъи таркибии мутахассиси муосири тиббӣ; дараҷаи идроки аҳамияти дарёфти малакаҳо ва донишҳо барои фаъолияти касбииояндаи корманди соҳаи тиб.

Бояд қайд намуд, ки савияи дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии салоҳиятнокии касбӣ, аз бисёр ҷиҳат ҳам ба ҳавасмандии донишҷӯ, шароити дохилӣ ва берунӣ ва педагогӣ, ҳам ба ташаббуси худи фард вобастагӣ дорад.

Ба ангезаҳои берунӣ мо вазифаҳои иҷтимоии ҳалшаванда тавассути таҳсилоти тиббӣ, таъсири омӯзгорон, хешовандони наздик, дигар категорияҳои одамони атрофи донишҷӯёнро мансуб менамоем. Онҳо ба таври назаррас ба ташаккулёбии равиши пурмасъулият ба касбиояндаи худ дар донишҷӯён таъсир мерасонанд. Дар ин ҳол, муҳимтарин шароити ташаккулёбии бомуваффақияти кормандиояндаи соҳаи тиб ангезаи дохилии ӯ мебошад. Он дар талоши донишҷӯ бо кӯшишҳои худӣ барои расидан ба ҳадафҳояш ифода меёбад. Дар ин ҷо бояд ангезаҳои таълимро (таъсиррасонии берунӣ дар назар аст) аз ангезаҳои омӯзиш (ҳавасмандии дохилӣ) фарқ намуд.

Сабабҳои ба дараҷаи ҳавасмандии дохилӣ таъсиррасонро баррасӣ намуда як қатор механизмҳои дар донишҷӯён ташаккулёбии салоҳиятнокии касбиро ҷудо мекунем, ки дар миёни онҳо муқаррароти арзишӣ, устувории отифавӣ, худбаҳодиҳӣ, дараҷаи худтакмилӣ, талош ба фаъолияти маърифатӣ ва ғайра мебошанд.

Ба туфайли чунин равиш донишҷӯён бартарафсозии монеаҳои психологӣ, эҳсоси нобоварӣ ба қобилиятҳои худ ҷиҳати фаъолияти маърифатӣ, саросемагӣ ва хиҷолатнокӣ дар ҷараёни мубоҳисаҳои

оммавӣ ва дар муоширати ҷанбаи шахсидоштаро ёд мегиранд. Дар амалияи корманди тиббӣ маҳорати бо беморони худ робитаро дар асоси эътимод ва кушодагӣ барқарор намудан басо муҳим мебошад.

Шароити раванди таълимро, ки ба тавсифоти шахсияти донишҷӯ мансуб аст, баррасӣ намуда, бояд таваҷҷуҳро ба шароити тавсифкунандаи шахсияти омӯзгор, дар навбати аввал, талоши дар донишҷӯён инкишофдиҳии ҳавасмандкунии фаъолияти маърифатӣ равона намуд.

Барои дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии муқаррароти ҷаҳонбинӣ омодагии ҳайати педагогӣ ҷиҳати амалисозии имконоти ҷаҳонбинии фанҳои дахлдор шароити муҳим мебошад. Мо пешниҳод менамоем, ки чунин омодагиро дар семинарҳои махсус барои ҳайати педагогӣ, ки қисми озмоиш оид ба ташаккулёбии муқаррароти касбии ҷаҳонбинӣ дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мебошад. Бо ин мақсад ҳамроҳ бо омӯзгорон супоришҳои махсус таҳия шуда буданд, ки ба низоми арзишҳои тиббӣ ва он фаслҳои фанҳои бахши иҷтимоию фарҳангӣ асос ёфта, дар чаҳорчӯбаи онҳо далелҳо аз таърихи тиб, инчунин, мавзуъҳои баҳсбарангез дар давоми инкишофи бисёрасраи илми тиб мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Дар раванди чунин омодагӣ омӯзгор ба донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ барои ҷустани роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои махсус ёрӣ мерасонад, муваффақиятҳои онҳоро ҳавасманд месозад ва ҳамроҳ бо онҳо нобарориҳоро баррасӣ мекунад, ки ба туфайли он донишҷӯён ба таври объективӣ арзёбӣ кардани фаъолияти омӯзишии худро ёд мегиранд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин ҳолат худи омӯзгор, фаъолнокии эҷодии ӯ, эҳсоси боварӣ ва шавқу завқ ба фанни худ барои донишҷӯён намунаи тақлид мегардад.

Ба ғайр аз ин, дар чунин семинарҳо тасвиби технологияҳое ба вуқуъ меоянд, ки бозиҳои тиҷоратӣ ва нақширо пешбинӣ менамоянд. Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои нав ва санҷиши ҷамъбасти омодагии

донишҷӯёни коллеҷ, пеш аз ҳама, ба бозиҳои нақшӣ рӯ оварда мешавад. Баргузории бозиҳои тиҷоратӣ бошад, иштироки мутахассисони иҷрокунандаи нақши экспертҳоро дар назар дорад. Бо ёрии тавсияҳо ва машваратҳои онҳо омӯзгорон тавонистанд наздик ба ҳолати воқеӣ нақшҳои тарафҳои гуногуни раванди муолиҷаро иҷро кунанд. Машқу тамринҳои мазкур аз рӯйи меъёрҳои ҷанбаи психологию педагогидошта арзёбӣ мешуданд, дар ин ҳол ба ҳамкории байни донишҷӯён ва омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус дода мешуд.

Мо маводи ба марҳилаи пешакии омодагӣ дахлдоштаро таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки шароити педагогии барои бомуваффақият татбиқшавии амсилаи пешниҳоднамудаи мо барои дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии СК дар раванди таълим таҳти таъсири омилҳои зерини барои касби тиббӣ хосбуда қарор дорад:

1) ҳангоми омӯхтани фанҳои махсусан маҳдуди тиббӣ амалисозии донишҳои ҷанбаи ҷаҳонбинидошта душвор аст, ки он ба махсусияти ҷузъи таркибии муҳтавоӣ вобаста аст;

2) азхудкунии донишҳои ҷанбаи маҷмӯию ҳамгироёнадошта, ки равиши психосоматикиро ба раванди муолиҷавӣ дар бар мегирад;

3) ҳамкории байни донишҷӯён ва омӯзгорон, ки ба равиши пурмасъулият ва алоқамандона нисбат ба ташаккулёбии асосҳои ҷаҳонбинии кормандониояндаи соҳаи тиббӣ таъсири мусбат мерасонад;

4) азхудкунии донишҳои ошкорсозандаи вижагиҳои равандҳои иттилоотӣ дар организми инсон, самтҳои гуногуни фанҳои самти психологидошта.

Амсилаи консептуалии ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни муссисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ чунин функсияҳои муайянкунандаи талаботи ба савияи самаранокии амалисозии он пешниҳодшавандаро дар бар мегирад:

1) функсияи ҷаҳонбинӣ, ки дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ фаҳмиши нақши ҷамъиятии тиб ҳамчун касб ва идроки масъулияти худ дар назди беморон ва ҷомеаро ба таври умумӣ кумак мекунад;

2) функсияи мутобиққунанда ба донишҷӯён кумак мерасонад, ки ба ин ё он шакли фаъолияти ҷанбаи таълимидошта дар ҷараёни таълими касбӣ мутобиқ гардад;

3) функсияи ташхисӣ, ки имкон медиҳад таҳлил ва арзёбии савияи касбии омӯзгорон, савияи омодасозии донишҷӯён дар зинаҳои гуногуни таълим амалӣ гардад.

4) функсияи вокунишӣ, ки дар донишҷӯён таҳлил ва арзёбии савияи касбии худро инкишоф медиҳад;

5) функсияи рушддиҳандаи ба ташаккулдиҳии муҳити навъи интерактивӣ нигаронидашуда, ки дар чаҳорчӯбаи он донишҷӯ малакаи далелноксозии мавқеи худ, мубодилаи афкор, мубоҳиса кардан аз рӯйи масъалаҳои касбӣ ва умумиинсониро фаро мегирад;

6) функсияи тарбиякунанда;

7) функсияи маърифатӣ.

Функсияҳои ҷудогардида дар амсилаи консептуалии пешниҳодшаванда ҳамчунин метавонанд ба сифати динамикаи тавонои раванди ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, инчунин, сифати савияи натиҷаҳои матлуб баррасӣ гарданд. Азбаски амалисозии робитаҳои вуҷуддошта дар миёни ҷузъҳои таркиби амсила мавҷудияти технология ва барномаи муҳтавоии амалисозии онро барои ҳар як раванди мушаххаси таълим дар назар дорад, мо як силсила тавсифномаҳои ҷанбаи сифатию функсионалидоштаро ошкор намудем:

а) ҷанбаи бефосилаи робитаҳои миёни ҷузъҳои таркибӣ имкон медиҳанд, ки низом ба сӯйи ҳадафи пешбинишуда дар шароити иҷро шудани ҳар як функсияи ба он вогузоргардида ҳаракат намояд. Дар мавриди ташаккулёбии мавқеъҳои ҷаҳонбинӣ бошад, ин маънои рушди донишҷӯро аз идроки моҳияти арзишҳо ба самти азхудкунии принсипҳои методӣ ва амалисозии онҳо дар назар дорад;

б) мавҷуд будани сохтори дахлдор на танҳо дар амсила, балки дар чаҳорчӯбаи раванди таълимии воқеӣ доштани тасаввури дақиқро оид ба силсиламаротиби вазифа ва арзишҳо, робитаҳои байниҳамдигарии

миёни ҷузъҳои таркибиро имконпазир месозад. Дар ин ҳол, робитаи миёни ҷузъҳои таркибӣ имкон медиҳанд, ҳамдигаривазкунии онҳо муяссар гардад, ки ба он ҷанбаи равандҳои педагогии ғайрихаттӣ ва синергетикӣ мусоидат мекунанд. Низомҳои дорои савияи баланди сохторишавандагӣ бо пешгӯишавии натиҷаҳо ва босуботӣ тавсиф мешаванд;

в) идорашавандагии амсилаи ташаккулёбии СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ идоракунии муштаракро дар назар дорад, ки дар чаҳорчӯбаи он донишҷӯён ва омӯзгорон дар ҳамкории зич саъй менамоянд, ки захираи билқувваи эҷодӣ ва ақлонии худро ошкор созанд;

г) дастрасӣ ва содагии истифодаи робитаҳои миёни ҷузъҳои таркибии амсиларо, ҳамчунин метавон ба тавсифномаи сифатии он мансуб донист. Сохтор ва ченакҳои ба таври муфассал таҳиягардидаи функсияҳои ҳар як ҷузъи таркибӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки амсила метавонад дар шароити дигар ҳам амал карда, дигар вазифаҳои педагогиро иҷро намояд.

Натиҷанокии амсилаи дар табибони оянда ташаккулёбии салоҳиятнокии ҷаҳонбинӣ, ҳамчунин ба омилҳои алоқаманд бо тамомияти сохторҳои он вобаста аст:

– робитаи миёни ҷузъи муҳтавоии таҳсилот, ҳамкориҳои педагогии омӯзгорон ва донишҷӯён тавассути муҳити интерактивӣ дар раванди таълим, ки ба амалишавии захираи билқувваи отифавӣ ва ақлонии табибони оянда мусоидат мекунад;

– ҳадафманд будани раванди таҳсилотӣ ба ноилшавии ҳадафи асосӣ;

– таъмини касбияти кормандони тиббӣ ба воситаи ташаккулёбии ҷаҳонбинии онҳо ва идроки муҳимтарин нақши касби табибӣ барои ҷомеа ва масъулияти худ дар назди беморон ва умуман, ҷомеа.

Таҳияи амсилаи дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии ҷаҳонбинии тиббӣ дар раванди таҳқиқоти таълимдиҳии воқеии мутахассисон амалӣ шудааст, он ба талаботи зарурӣ посухгӯ буда, ба

ҳалли масъалаҳои ҷанбаи таҳсилотидошта равона гардидааст. Ҳангоми коркарди он ҳамаи принсипҳои амсиласозӣ, инчунин, талаботе ки ба ташкили раванди таълим матраҳ мегарданд ва он ба ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯён нигаронида шуда буданд, риоя шудаанд.

Албатта, ҳангоми сохтани амсилаи дар табибони оянда ташаккулдиҳии СК мо он далелро ба ҳисоб гирифтем, ки он имкон медиҳад раванди босамари дар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ ташаккулёбии сифатҳои ҷанбаи ҷаҳонбинӣ ва касбидошта, ки ба онҳо барои фаъолияти касбииояндаашон зарур аст, роҳандозӣ гардад.

Вижагиҳои хос ва тавсифномаи асосии амсилаи дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбии салоҳиятнокии касбиро ҷамъбаст ва таҳлил намуда, якчанд самтҳои ҷанбаи консептуалидоштаро оид ба ташаккули ҷанбаи эмпирикии таҳқиқотамон тавсия намудем:

1. Барномаи оид ба омодасозии кормандони соҳаи тиббӣ ба манзараи биоэтикии ҷаҳон ва равиши антропологӣ асос ёфтааст.

2. Мо дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ташаккулёбӣ ва такмилдиҳии салоҳиятнокии касбиро ҳамчун раванди бефосила баррасӣ менамоем.

3. Имконоти ҷаҳонбинии муҳити таҳсилотии навъи интерактивӣ ба дастгирии донишҷӯён дар саъю кӯшиши онҳо ҷиҳати инкишоф додани салоҳиятнокии касбии онҳо, амалисозии худ дар касби худ мебошад.

## Хулосаҳои боби якум

Дар натиҷаи ҷамъбасти маводи дар ин боб бозгӯигардида, ки ба таъсиррасонии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ба салоҳиятнокии ҷаҳонбинии онҳо дар чаҳорчӯбаи амсилаи раванди таълимӣ бахшида шудааст, ба натиҷаҳои зерин расидем:

1. Мо дар сохтори амсилаи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии ҶТ ҷудо намудани

сифати психологии фард, ҷаҳонбинии касбии ӯ, қобилияташро ба амалисозии касбии уҳдадориҳои ӯ мақсаднок ҳисоб мекунем. Ба сифати таҳкурсии идеологӣ мо принсипҳои интерракативӣ ва инсонгароёнаро, ки раванди таълим ба онҳо асос ёфта ва имкон медиҳанд, ки ҷаҳонбинии касбии кормандони ояндаи соҳаи тиббӣ бо самаранокии ҳадди аксар ташаккул ёбанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

2. Барои таҳиясозии бомуваффақияти амсилаи пешниҳодгардидаи таълими кормандони ояндаи соҳаи тиб, зарур аст, ки фанҳои тахассусӣ, табиӣ-илмӣ ва гуманитарӣ дар заминаи ҷаҳонбинӣ муттаҳид карда шаванд, зеро донишҷӯи коллеҷҳои тиббӣ қодир аст, аҳамияти касби тиббии худ ва нақши худро дар он дарк намуда, тарзҳои гуногуни рафтори кормандони соҳаи тиб, муносибатҳои инсонгароёнаро азхуд карда, асосҳои ҷаҳонбинии худро ташаккул диҳад.

3. Мо салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро аз мавқеи аксиологӣ тавсиф ва самтгирии онро ба чунин арзишҳои тиб, чун саломатии ҷомеа умуман ва ҳаёти инсони ҷудогона, равиши инсонгароёна дар муносибат бо беморон, эҳсоси навъдӯстии ба касби тиббӣ хосбуда ҷанбаи фаъолияти ёридиҳандаро пешбинӣ менамоем.

4. Дар ростои равиши арзишӣ, таҳсилоти тиббӣ иборат аз раванди дар корманди ояндаи соҳаи тиббӣ ташаккулдиҳии самтгириҳои арзишӣ мебошад, ки ба фаъолноксозии механизмҳои худтакмилдиҳӣ дар шахсияти ӯ нигаронида шудаанд. Савияи касбияти табиби муосир ба арзишҳои касбӣ, шахсиятӣ, ҷаҳонбинӣ, ақлонӣ ва умумиинсонӣ асос ёфтааст.

5. Амсилаи консептуалии ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи мо пешниҳод гардидааст, бо самтгирии пешгӯикунандаи худ фарқ мекунад, зеро вазифаи он аз ташаккул ва такмилдиҳии СК иборат буда, шаклҳои интерактивии технологияҳои таълимиеро фарогир аст, ки ба ошкорсозӣ ва фаъолсозии тавоноии

дохилии кормандони ояндаи соҳаи тиб дар ҷараёни такомулёбии касбии онҳо мусоидат мекунанд.

6. Мо ба равиши консептуалӣ дар ҷараёни таҳқиқоти худ дар марҳилаи таҳияи дастгоҳи методологӣ, инчунин, дар рафти муайянкунии самтҳои бештар ояндадор ва тасвиби он нуктаҳои назариявиро ҳангоми таҳлили назариявии ин ё он ҷанбаҳои мавзуи баррасишаванда ошкор намудем. Дар натиҷаи таҳлили савияи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо тавонистем самтҳои асосии кори ҷустуҷӯиро муайян намоем ва самаранокии амсилаи пешниҳодшавандаро на танҳо дар доираи таҷриба, балки дар амалия ҳам дар раванди омодасозии касбии мутахассисони оянадаи соҳаи тиб асоснок намоем.

# БОБИ 2. САНҶИШИ ОЗМОИШИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ ДАР ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ

## 2.1. Вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш

Таҳлили илмии таҳқиқоте, ки олимони пешбар дар соҳае, ки мавриди баррасии мо қарор дорад, ба муаллиф имкон дод, ки амсилаи консептуалии ташаккули салоҳиятҳои касбиро дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ таҳия созад. Ҳангоми таҳияи амсила тағйироти дидгоҳҳо нисбат ба воқеияти босуръат ивазшавандаи ҷаҳони муосир ба назар гирифта шуд, ки он эътирофи арзишҳои ҷанбаи инсонгароёнаи касби тиббиро дар бар мегирад ва он бояд муҳимтарин ҷузъи омодасозии табибони оянда барои фаъолияти касбӣ гардад. Амсила ба талаботи матраҳшаванда нисбат ба амсиласозии равандҳои таҳсилотӣ ҷавобгӯ аст, ки онҳо низомҳои синергетикӣ мебошанд ва бо ноустуворӣ ва ростхатта набудани худ тавсиф мешаванд.

Амсилаи пешниҳоднамудаи мо дорои вижагиҳои зерин аст:

- он ду равиши асосӣ-чаҳоншиносӣ ва салоҳиятнокиро инъикос мекунад;

- амсила бунёди фазои интерактивии таҳсилотиро пешбинӣ мекунад ва раванди омӯзиш бошад, ҷанбаи байнифанниро доро аст;

- дар асоси ҷузъи муҳтавоии раванди таълим нуктаҳои салоҳиятнокии фанҳои гуманитарӣ, биологӣ ва тиббӣ, афзорҳо ва коркарди онҳо қарор доранд, ки ошкорсозии имконоти эҷодӣ ва зеҳнии донишҷӯи соҳаи тибро фароҳам меоваранд;

- амсила самтҳои дурнамои рушди илм ва амалияи тиббиро ба назар мегирад, он бар принсипҳои гуманизм бо истифодаи васеи

таҳсилоти интерактивӣ асос ёфтааст ва такмили мунтазами СК-и донишҷӯён ва ҳайати омӯзгоронро дар назар дорад.

Яке аз ҷузъҳои калидии амсила маҷмӯи шароити педагогии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ мебошад. Шароити мазкур савияи қобили ҳаётӣ будани амсила, дастрас будани онро барои донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорон тасдиқ мекунад ва инчунин, имкон медиҳад, ки татбиқи босамари раванди омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти касбииояндаи онҳо дар соҳаи тиб таъмин карда шавад. Маҷмӯи шароити мазкур аз инҳо иборатанд [85, С. 69]:

- дар доираи ҷузъи мақсадноки омодасозии касбӣ вуҷуд доштани эътиқодот, самтгириҳои ахлоқӣ ва таваҷҷуҳ ба саломатӣ ҳамчун арзиши бунёдии зиндагии инсон;

- унсурҳои принсипҳои касбӣ, силсилаи вазифаҳо ва масъалаҳое, ки ба муҳтавои фанҳои тиббӣ ва иҷтимоию гуманитарии тақозокунандаи баррасӣ ҷиҳати ташкили фазои интерактивӣ дар раванди таҳсилот, ки ба ташаккули таҳкурсии салоҳиятнокӣ дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ мусоидат мекунанд, ворид карда шудаанд ва унсури муҳими он идроки амиқи вазифаҳои дар назди тиб матраҳбуда мебошанд;

- ба донишҷӯён таълим додани қобилияти мустақилона идоракунии фаъолияти ҷанбаи таълимию касбидошта, ки ҷузъи муҳими салоҳиятнокии касбии онҳост;

-самтгирии раванди таҳсилот ба худамсалисозӣ ва худинкишофёбии донишҷӯён;

- истифодаи ҳолатҳои ба таври сунъӣ эҷодшуда дар раванди таҳсилот, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, то малакаҳои касбиро дар шароити наздик ба фаъолияти воқеии касбӣ коркард намоянд;

- дар раванди таълим васеъ истифода кардани шаклҳои дастаҷамъии фаъолияти донишҷӯён тавассути таъсиси гурӯҳҳои муваққатӣ оид ба кор дар лоиҳаҳои муштарак, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои нав, ки ба таври назаррас савияи салоҳияти иртиботии

онҳоро баланд мебардорад ва он барои намояндагони ихтисосҳои тиббӣ хеле муҳим аст:

- барои арзёбии савияи ташаккули СК-и донишҷӯён меъёрҳои объективӣ истифода мешаванд.

Мо пас аз гузаронидани таҳлили муқоисавӣ, шароити педагогиро вобаста ба шакли ҳамкории интерактивии миёни омӯзгор ва донишҷӯи коллеҷи тиббӣ ба чор категория тақсим кардем: ба шахсият самтгиришуда, технологӣ, иттилоотӣ ва маърифатӣ.

Инак, вижагиҳои ин шароитро дар робита бо таҳсилоти тиббӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Шароите, ки ба категорияи иттилоотӣ дохил карда шудаанд, технологияҳоеро дар бар мегиранд, ки имкон медиҳанд ҷузъи муҳтавоии фанҳои таълимӣ бо роҳи ба онҳо ворид сохтани ҷанбаҳои касбӣ сохта шаванд; амалисозии курси махсуси таълимӣ, ки ба такмили салоҳиятнокии касбии ДКТ нигаронида шудааст; таҳияи нақшаҳои таълимӣ ва таъминоти методии таҳсилоти фосилавӣ ва кори мустақилона. Ба таркиби ҳамаи ин ҷузъҳои сохторӣ тавсияҳои методӣ ва технологияҳои ба ташаккули малакаҳои худтанзимкунии донишҷӯён нигаронидашуда ворид карда шудаанд, ки ба гуногунии раванди таълим асос ёфта, ба донишҷӯ озодии васеи интихобро фароҳам меорад.

Яке аз вазифаҳои марказии лоиҳа муайян кардани он нукта аст, ки донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ арзишҳои фанҳои тиббӣ ва гуманитариро чи гуна дарк мекунанд ва баҳо медиҳанд. Дар ин ҷо маҳорати педагогӣ ва коршиносии ҳайати омӯзгорони муассисаи таълимӣ нақши бузург мебозад. Воқеан ҳам, дар назари донишҷӯён сифатҳои касбӣ ва шахсии онҳо бояд дар таҳсил ва фаъолияти касбииояндаи онҳо намуна бошанд.

Таҳия ва татбиқи курси ҳамгироии таълимии пешниҳоднамудаи мо, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ нигаронида шудааст, барои

муассирсозии ин раванд ва ҳамзамон бо таҳкими робитаҳои байнифаннӣ дар миёни бахшҳои фанҳои стандартии таълимӣ пешбинӣ шудааст.

Ин курси махсус ҳадафҳои зеринро дорад:

- тавсеаи ҷанбаҳои касбии методикаи омӯзиш ва ҷузъи муҳтавоии фанҳои таълимии махсус, онҳоро бо вазифаҳои ба ҳам зиддиятдошта мухолиф, баҳсбарангез барои фаъол сохтан ва барангехтани мубоҳисаҳои ҷолибу зинда, мубоҳисаҳо дар миёни табибони оянда, ки ба рушди малакаҳои иртиботӣ ва малакаҳои дифоъ аз ақидаҳои худ мусоидат мекунанд, ғанӣ гардонанд.

- ташаккул додани фазои интерактивии таҳсилотӣ дар доираи раванди таҳсилот бо мақсади ташаккул додани қобилияти донишҷӯён дар таҳлил, мушоҳида ва арзёбии савияи рушди салоҳиятҳои худ;

- ҳавасмандии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро ба он фанҳои таълимӣ, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо дар соҳаи касбӣ ва такмили СК-и онҳо мусоидат мекунанд, афзоиш диҳад.

Илова ба муайян кардани ҷузъи муҳтавоии барномаи таълимӣ дар ҷараёни омодасозии ДКТ ба фаъолияти оянда, мо методҳои ташкилӣ, шакл ва афзорҳои корҳои омӯзиширо интихоб кардем, ки ба такмили СК-и онҳо нигаронида шудаанд. Маҷмӯи ин ҷузъҳои раванди таълимро категорияи шароити технологии (методологии) педагогии таҳиянамудаи мо барои бомуваффақият татбиқ намудани амсилаи консептуалии пешниҳодшаванда ташкил дод.

Методҳои дуруст интихобгардидаи таълиму тарбия дар доираи амалисозии гурӯҳи технологии шароити педагогӣ бояд ба ҳавасмандии ДКТ барои иҷрои вазифаҳои таълимии ҳам инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъӣ ва фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии онҳо мусоидат кунанд. Истифодаи шаклҳои фаъоли омӯзиш (бозиҳои нақшӣ, мизҳои мудаввар, лоиҳасозӣ ва ғайра) ба фаъолият ва зуҳури ташаббуси табибони оянда таъсири мусбат мерасонад, ҳамкории дохилигурӯҳиро ташаккул ва

тақвият медиҳад ва ба рушди қобилияти иртиботии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Ташаккули эътиқодот, малакаҳо ва донишҳо дар ДКТ тавассути ҳамкории онҳо дар ҷараёни рушди салоҳиятҳои касбӣ сурат мегирад. Ба ин ҳадафҳо тавассути гузаронидани чорабиниҳое аз қабили мизҳои мудаввар, кор аз болои лоиҳаҳои дастаҷамъӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо ва дигар шаклҳои интерактивии фаъолияти таҳсилотӣ ноил гардидан мумкин аст [156, С. 281 - 294].

Дар раванди таҳия ва интихоби воситаҳои методии мавҷуда, мо вазифаи асосӣ – зарурати такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ-ро ба роҳбарӣ гирифтем.

Дар доираи ташкили таъминоти методӣ тавсияҳои методӣ оид ба ворид намудани унсурҳои дониши касбӣ ба ҷузъи муҳтавоии фанҳои таълимӣ, супоришҳои омӯзишӣ барои гузаронидани мубоҳисаҳо пешниҳод карда шуданд, барои ҳайати омӯзгорон оид ба ҷорӣ намудани ин навгониҳои методӣ дар фаъолияти амалӣ тавсияҳо таҳия карда шуданд.

Категорияи навбатии шароити педагогӣ ба рушди сифатҳои шахсӣ дар табиби оянда, масалан, ҷанбаи муошират бо одамони дигар, муносибат ба касбиояндаи худ ва зарурати рушди бардавоми таълимӣ ва касбӣ, қобилияти муошират ва ҳамкории самаранок бо ҳамкорон ва беморон дахл дорад.

Бояд қайд кард, ки савияи ташаккулёбии салоҳияти касбӣ дар донишҷӯён аз бисёр ҷиҳат на танҳо ба шароити педагогии барои ин фароҳамгардида, балки ба ҳавасмандии ҷанбаҳои дохилӣ ва берунии худи донишҷӯ низ вобаста аст. Ангезаҳои беруна таъсири ҷомеа, хешовандон, ҳамсолон, омӯзгорон, шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки шаклҳои гуногун доранд. Таъсири чунин омилҳо хеле қавӣ аст. Дар ҳамин ҳол, манбаи асосии ҳавасмандкунии худи шахс, ангезаҳои ҷанбаи

ботинидошта мебошад. Қавитарин ангеза барои ноил шудан ба чизе ин хоҳиши ботинии анҷом додани он аст. Аз ин рӯ, дар раванди таълим омӯзгорон бояд на ба таъсири беруна ба донишҷӯ, балки ба фаъолсозии ҳавасмандии ботинии ӯ барои зарурати гирифтани таҳсилоти босифат таваҷҷуҳ дошта бошанд.

Таъсири мусбат ба рушди ҳавасмандии ботинӣ бо чунин афзорҳои такмили салоҳиятҳои касбӣ, аз қабили дастуроти арзишӣ, устувории отифавӣ, савияи худтакмилдиҳӣ ва хоҳиши фаъолияти маърифатии ДКТ таъмин карда мешавад.

Дар доираи амсилаи консептуалие, ки мо барои такмили салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ таҳия кардем, вазифаҳое муайян карда шуданд, ки талабот ба савияи самаранокии амсилаи пешниҳодшударо муайян мекунанд:

- вазифаи салоҳиятнокӣ ба ташаккули фаҳмиши аҳамияти бузурги касби худ барои ҷомеа ва нақши худ дар ҳифзи саломатии одамон дар табибони оянда равона карда шудааст;

- вазифаи арзишӣ-маъноӣ ба аҳамияти муносибати шахсиятӣ ва иҷтимоии табибони оянда барои касби худ ва дар маҷмӯъ ба ҷомеа нигаронида шудааст;

- вазифаи мутобиқшавӣ омодагии донишҷӯёнро ба доираи васеи методҳо ва шаклҳои корҳои таҳсилотӣ дар доираи омодагии касбӣ муайян мекунад;

- ба туфайли вазифаи ташхис, мо метавонем тағйироти мусбатро дар раванди таълим ва динамикаи рушди СК-и ҳам донишҷӯён ва ҳам ҳайати омӯзгорон дар марҳилаҳои гуногуни таълими касбӣ таҳлил кунем;

- вазифаи маърифатӣ ба идроки донишҳои амалӣ ва бунёдии марбут ба фаъолияти касбӣ ва нақше, ки ин донишҳо дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ аз тарафи ДКТ мебозад, самтгирӣ шудааст;

- вазифаи инкишофдиҳанда пурра дар фазои интерактивии таҳсилотӣ амалӣ карда мешавад, ки дар он донишҷӯён имконият доранд мавқеи худро оид ба баъзе масъалаҳои дорои хусусияти касбӣ ва салоҳиятнок баён ва ҳимоя кунанд;

- вазифаи вокунишӣ инкишофи қобилияти дар донишҷӯён таҳлил ва мулоҳиза кардани фаъолияти таҳсилотии худ ва рушди салоҳиятҳои касбиро дар назар дорад.

Барои амалӣ намудани робитаҳои калидии байни ҷузъҳои амсила вуҷуд доштани технологияҳо ва барномаҳои мушаххас дар доираи раванди таҳсилотӣ зарур аст, ки дар робита ба он мо баъзе тавсифоти ҷанбаи сифатию функсионалидоштаро ҷудо намоем:

- яке аз тавсифоти муҳими сифатии амсилаи пешниҳодшуда дастрасӣ ба робитаҳои ҷудогардидаи байни ҷузъҳои амсила барои доираи васеи донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон мебошад;

- сохторбандии на танҳо худи амсилаи консептуалӣ, балки раванди таҳсилот, ки мувофиқи сохтори он амалӣ карда мешавад, имкон медиҳад, ки занҷираи силсиламаротибии вазифаҳо ва ҳадафҳои он, вазифаи ҳар як бахш ва вижагиҳои ҳамкорӣ байни ҷузъҳои таркибии он муфассал муаррифӣ карда шавад. Баррасии робитаҳои сохтории байни ҷузъҳои амсила ба мо имкон медиҳад возеҳан бифаҳмем, ки раванди таҳсилот як низоми синергетикӣ буда, дорои хусусияти пешгӯинашавандагӣ ва ғайримарказии ин низомҳо мебошад. Метавон тасдиқ намуд, ки савияи сохторбандии низом пешгӯӣ ва устувории онро муайян мекунад;

- хусусияти муттасили ҳамкории байни ҷузъҳои таркибии амсилаҳо ба тамоми низом имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои худ ноил шавад, ба шарте ки ҳамаи ҷузъҳои он вазифаҳои худро иҷро кунанд. Дар робита ба ташаккули асосҳои салоҳиятнокӣ дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, ин маънои рушди нуқтаи назари онҳоро аз фаҳмидани силсиламаротиби арзиш то азхудкунии усулҳои татбиқи онҳо, инчунин, таҳлил ва арзёбии

холисонаи рушди худ дар ин фаҳмиш ва дарки дараҷаи масъулияти онҳо барои қарорҳои қабулшударо дорад;

- идорашавандагӣ боз як хусусияти муҳими сифатии амсила аст, ки маънои ҳамкории зичи омӯзгор ва донишҷӯ дар ҷараёни таълимро дорад ва дар он табиби оянда саъй мекунад, ки аҳамияти иҷтимоии фаъолияти касбииояндаи худро дарк кунад, имконоти зеҳнӣ ва эҷодии худро дар ҷараёни баланд бардоштани СК-и худ ба ҳадди аксар расонад.

Маълум аст, ки муваффақияти ниҳоии раванди таҳсилот бештар ба марҳилаи лоиҳакашии он вобастагӣ дорад. Барои таҳияи чунин лоиҳа, омӯзгор бояд тамоми донишҳои дар ихтиёр доштаашро (мавзуӣ, дидактикӣ, методологӣ) истифода барад, то амсилаи офаридашуда раванди таҳсилотро ба қадри кофӣ инъикос намояд, ба талаботи меъёрии раванди ташаккули салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ ҷавобгӯ бошад, инчунин, ба сафарбаркунии имкониятҳои отифавӣ ва зеҳнии донишҷӯён мусоидат намояд [116, С. 11].

Дар асоси вижагиҳои бонизоми объекти лоиҳакашишаванда мо тавсифоти зерини лоиҳавиро қайд кардем: методологӣ; фаъолиятию равандӣ; муҳтавоӣ; ҳадафнок ва ташхисӣ.

Инак дар бораи ҳар яке аз ин вижагиҳои бонизом муфассалтар таваққуф менамоем. Масалан, дар лоиҳаи мо дар байни ҳадафҳои омодасозии касбии тиббӣ мо самти гуманистии он, ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни омӯзгорони муассисаҳои таълимии тиббӣ, огоҳии табибони оянда аз аҳамияти иҷтимоии касби худ ва масъулияти онҳо барои ҳаёт ва саломатии беморон муайян карда шуд. Мо такмили салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ-ро ҳадафи асосии ин таҳқиқот донистем. Мо ин ҳадафи калидиро ба якчанд зерҳадафҳо тақсим кардем, ки онҳо инъикоси ҳалли масъалаҳои муайянест, ки дар назди бахшҳои алоҳида гузошта шудаанд, ки аз фанҳои табиатшиносӣ, педагогӣ, психологӣ ва гуманитарӣ иборатанд.

Дар доираи бахши методологӣ принсипҳои асосии равиши антропологӣ инъикос ёфтаанд, ки риояи онҳо имкон медиҳад раванди ҷудонопазири такмили салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ таъмин карда шавад.

Дар доираи тавсифи муҳтавоӣ, амсила дорои тасаввури биоэтикии олами атроф мебошад, ки дар такмили салоҳиятҳои касбии мутахассисониояндаи соҳаи тиб нақши муҳим мебозад.

Бахши фаъолиятию равандӣ маҷмӯи технологияҳо, методҳо, шароити педагогии раванди таҳсилот ва ҳамаи зинаҳои такмили салоҳиятҳои касбиро дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ дар бар мегирад.

Таҳлили умумии вазифаҳо ва ҳадафҳои дар назди барнома матраҳбуда, муҳтаво ва вижагиҳои сохтории он ба мо имкон дод, ки хусусиятҳои хоси лоиҳаи пешниҳодшударо муайян кунем. Азбаски такмили савияи касбии мутахассисониояндаи соҳаи тиб ба такмили СК-и онҳо асос ёфтааст, ба фанҳои табиию математикӣ дар доираи барнома таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Дар натиҷаи гузаштани марҳилаи асосии бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарии барномаи таълимӣ, донишҷӯи коллеҷи тиббӣ бояд дорои дониш ва малакаҳои зерин бошад ва инҳоро **бидонад:**

- дар бораи техника ва методҳои таҳлили фалсафӣ;

- дар бораи қоидаҳои муносибати байни табиб ва бемор, дар бораи принсипҳои тарзи ҳаёти солим;

- дар бораи нақши корманди тиб дар ҷомеа, дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ;

- дар бораи принсипҳо ва қоидаҳои рафтори касбии корманди тиббӣ, дар бораи меъёрҳои этикӣ ва ахлоқии онҳо, дар бораи ҳуқуқҳои беморон ва кормандони соҳаи тиб, фаҳмидани он, ки заминаи ҳуқуқии соҳаи тандурустӣ дар шароити муосир дар асоси кадом принсипҳои ахлоқӣ бунёд ёфтааст;

- дар бораи методҳои асосии ҳаллу фасли ҳолатҳои низоъбарангез;

- дар бораи методикаҳои пешгирии ҳолатҳои ҳаяҷоновар ва умуман дар бораи психологияи бемор.

Инҳоро **фаро гирад:** маҳорати мустақилона баён кардани мавқеи худ оид ба ин ё он масъалаҳо, мантиқан фикр кардан ва таҳлил кардан, дар назди омма сухан гуфтан, мубоҳисаҳоро пеш бурдан, нуқтаи назари худро аз нуқтаи назари ахлоқӣ ва этикӣ асоснок кардан.

Дар асоси натиҷаҳои азхудкунии барнома, донишҷӯён бояд ҳам салоҳиятҳои касбӣ ва ҳам фарҳангии умумиро аз худ кунанд.

Ин салоҳиятҳо танҳо самтҳои асосии раванди таълимро оид ба рушди ҷузъҳои калидии салоҳиятҳои касбии онҳо дар ДКТ муқаррар мекунанд, аммо онҳо ҷузъҳои мушаххасе надоранд, ки ба ташаккули асосҳои салоҳиятнокии мутахассиси соҳаи тиб нигаронида шуда бошанд. Барои ҳалли ин масъала зарур аст, ки ин салоҳиятҳо бо як ҳадафи умумӣ муттаҳид карда шаванд, ба ибораи дигар, он ҷузъҳоеро муайян кунанд, ки дар ташаккули унсурҳои гуногуни салоҳиятҳои касбии онҳо дар ДКТ нақши ҳалкунанда доранд. Дар доираи ҷузъи гуногунии барнома усулҳои азхудкунии донишҳои касбӣ ва худи донишҳо пешниҳод карда мешаванд, ки дар курсҳои махсус бо унсурҳои таълими ҳамгироёна дар соҳаи тиб ва микробиология тадрис мешаванд.

Курсҳои иловагӣ ба таъмини таҳкурсии такмили заминаи гуманистӣ ва ташаккули СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ мусоидат мекунанд, зеро барномаи стандартии анъанавӣ ба принсипҳои равиши ба салоҳиятнокӣ асосёфта дар рушди СК-и табибони оянда ва инчунин, ба назари мо, зарурати мавҷудияти ҷанбаи касбиро дар раванди ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ба қадри кофӣ пешбинӣ намекунад [86, С. 95].

Бо мақсади баланд бардоштани савияи самаранокии раванди такмили ҷузъҳои алоҳидаи салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои

тиббӣ, муаллифони таҳқиқот нуктаҳои лоиҳаро, ки дар муассисаи таълимии тиббӣ амал мекунад, дақиқ ва васеътар намуданд.

Мо чунин мешуморем, ки баъзе нуктаҳои бахши ҳадафнок ба баъзе тадқиқу шарҳҳо ниёз доранд, масалан, ҳадафи асосии раванди таҳсилот дар коллеҷи тиббӣ муайян кардани такмили СК-и донишҷӯён аст ва тибқи ин ҳадаф ба бахшҳои дигаре, ки сохтори барномаро ташкил медиҳанд, тасҳеҳоту ислоҳот ворид карда шаванд.

Мушкилоти хусусияти объективидоштаро, ки ба зинаҳои ибтидоии таълими касбии ДКТ хосанд, зикр кардан лозим аст:

– кам будани донишҳо дар соҳаи тиб;

– фанҳои тиббиро на назариётшинос, балки мутахассиси амалкунандае, ки таҷрибаи кор дар муассисаҳои тиббиро дорад ва ба мавзуи этикаи тиббӣ ва биоэтика наздик аст, тадрис намояд;

– танҳо шахсе, ки дорои дониши амиқ ва озмоиши амалии соҳаи тиббуда метавонад асосҳои “Этикаи тиббӣ”-ро пурра аз худ кунад, зеро ин фан хусусияти амалӣ дорад ва бо амалияи тиббӣ зич алоқаманд аст.

Дар асоси ин омилҳо, шубҳаҳои худро дар бораи мақсаднокии тадриси чунин фанҳо ба монанди этикаи тиббӣ танҳо дар марҳилаҳои ибтидоии омӯзиш дар коллеҷи тиббӣ баён менамоем.

Ҳамин тариқ, зарурати возеҳи тағйироти ҷанбаи ташкилидошта дар раванди таълими этикаи биологию тиббӣ вуҷуд дорад. Албатта, ин фан дорои баъзе мавзуъҳоест, ки онҳоро аллакай дар байни донишҷӯёни курси якум муҳокима кардан мумкин аст, дар ҳоле ки қисми асосии мавод, ба эътиқоди амиқи мо, бояд дар доираи барномаи таълимии курси чорум тадрис шавад, ки самаранокии азхудкунии донишҷӯён аз ин фанни мушаххасро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Мо чунин мешуморем, ки дар тадриси ин фан мутахассисони ду тахассус бояд ҷалб карда шаванд: файласуф бояд донишҷӯёни курси 1-ро бо асосҳои ҷанбаи фалсафии масъала ошно созад ва табиби боозмоиш бояд ба донишҷӯёни

курси чорум қисми дахлдори барномаро омӯзонад. Мо итминон дорем, ки чунин ташкили раванди таълим ҳангоми тадриси курси биоэтика азхудкунии хуби ин маводро аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ба ҳадди аксар расонида, назарияро бо малакаҳои амалӣ ҳамоҳанг месозад.

Дар баробари ин, ҳатто чунин ташкили раванди таълим, ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, ҳанӯз ҳам омодагии пурраи донишҷӯёнро ба муҳокимаи проблемаҳои биоэтикӣ таъмин намекунад ва ба ҳадафҳои раванди таҳсилот пурра ҷавобгӯ буда наметавонад. Ин камбудӣ, ба ақидаи И.А.Шамов, ки эксперти ЮНЕСКО дар ин соҳа мебошад, метавонад бо ҷорӣ кардани дарсҳои иловагӣ дар давраи курсҳои 3-4, инчунин, фарогирии ҳатмии проблемаҳои марбут ба этикаи биотиббӣ дар доираи тадриси фанҳои тиббӣ ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ безарар гардонида шавад. Бо ин ақида розӣ нашудан душвор аст [3, С. 74].

Аҳамияти донишҳо оид ба асосҳои биоэтика барои табиби амалкунанда хеле муҳим мебошад. Дар ниҳоят, маҳз чунин донишҳо сатҳи умумии фарҳангии ҳам мутахассиси мушаххас ва ҳам ҷомеаро куллан инъикос мекунанд.

Ташаккули салоҳиятҳои биоэтикӣ, самтгирии гуманистии онҳо донишҷӯёнро водор месозад, ки ба олами табиати зинда, худи шахс дар маҷмӯи тамоми ҷанбаҳои он таваҷҷуҳи амиқтар дошта бошад. Ҳамзамон, рушди босуръати технологияҳои биотиббӣ дар назди файласуфон, масъалаҳои фавқулода мураккаб, пеш аз ҳама ҷанбаи ахлоқидоштаро бо мақсади пешгирии оқибатҳои фалокатоварие, ки метавонанд аз истифодаи воситаҳои нави биологии таъсиррасонанда ҳам ба инсон ва ҳам ба табиатро матраҳ намояд. Ин далели муҳимтарини зарурати ташаккули СК дар мутахассисони оянда мебошад.

Дар расми 2 мо сохтори манзараи биоэтикии ҷаҳонро пешниҳод кардем.




**Расми 2. Сохтори манзараи биоэтикии ҷаҳон**

Ҷанбаи дигари муҳими манзараи биоэтикии корманди соҳаи тиб пешрафти босуръати технологии тибби муосир мебошад, ки дар назди инсоният оид ба мушкилоти ахлоқӣ ва ҳуқуқии фаъолияти касбӣ масъалаҳои нави қаблан номаълумро матраҳ менамояд.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо қайд мекунем, ки ҷаҳонбинии биоэтикӣ як шохаи нави донишҳои фалсафӣ мебошад, ки ба олами илм марбут аст ва ба фаъолияти касбии мутахассисони касби тиббӣ марбут буда, ба мутахассиси соҳаи тиб имкон медиҳад, ки амалисозии захираи билқувваи худро, бо такя ба меъёрҳо ва арзишҳои эстетикӣ, ахлоқӣ, илмӣ, ҳуқуқӣ, гуманистӣ, биоэтикӣ ба ҳадди аксар расонад.

Салоҳиятнокии касбӣ, ҳамчунин аз нуқтаи назари ҷанбаи технологияҳои иттилоотии манзараи умумии ҷаҳонӣ баррасӣ карда мешавад. Он ба мутахассис имкон медиҳад, ки ба шароити ҷомеаи

иттилоотӣ мутобиқ гардида, бо навовариҳои технологии он, имкониятҳои қаблан номаълумро дар ҷамъоварӣ, тавлид ва интиқоли миқдори зиёди маълумот фароҳам оварад. Ҷаҳонбинии ҷанбаи иттилоотию технологидошта, ки аз ҷониби мутахассиси муосир ташаккул ёфтааст, ҳамчун яке аз ҷанбаҳои муҳими сатҳи касбии ӯ, методҳои кори ӯ, савияи сифат ва самаранокии онро муайян мекунад. Ҳамзамон, табиби оянда рафтори як навъи технологӣ ва иттилоотиро инкишоф медиҳад, ки ба ӯ имкон медиҳад ба равандҳои рақамисозии ҷомеаи муосир мутобиқ шавад. Омӯзиш ва ташаккули ихтисоси ӯ дар шароити фазои таҳсилотии муассисаи таълимии муосир сурат мегирад, ки барои рушди касбӣ ва шахсии ӯ, худтакмилдиҳӣ, азхуд кардани малакаҳои кор бо воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Мо ҷаҳонбинии иттилоотию технологиро дар ташаккули СК-и ДКТ ҳамчун қобилияти табиби оянда дар возеҳан тасаввур намудани вижагиҳои касби интихобкардаи ӯ, маҳорати амалӣ намудани фаъолияти ҷанбаи иттилоотию технологидошта бо риояи меъёрҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии кор дар фазои иттилоотӣ баррасӣ менамоем. Ин навъи ҷаҳонбинӣ ба ҷанбаҳои иттилоотӣ, гуманитарӣ ва иҷтимоии рафтори корманди соҳаи тиб таъсир мерасонад [135, С. 49].

Боз як ҷанбаи дигари салоҳиятнокии касбии корманди тиб ташаккулёбии ҷаҳонбинии инсонмарказӣ (антропосентрӣ) дар ӯ мебошад, ки мувофиқи он одам ҳамчун маркази коинот амал мекунад ва дар он ӯ ҳадафи асосии олам аст, ки худидоракунанда ва низоми кушода мебошад. Ҷузъҳои таркибии ин низоми интегралӣ бисёр зернизомҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастагӣ доранд (зарраҳои элементарӣ, олами табиати зинда, инсон, ҷомеа ва ғайра), ки дар он тафаккури ратсионалистии бар принсипҳои илмию мантиқӣ асосёфтаи корманди тиб бартарӣ дорад. Бояд қайд кард, ки ҳама гуна сохтусози ба салоҳият асосёфта дорои хусусиятҳои антропологӣ мебошад, зеро то ин ё он

андозае инсон бо дарки воқеияти атроф, нерӯи созанда ва фаъолияти маърифатӣ дар маркази ҳама гуна манзараи ҷаҳон қарор дорад. Аз тарафи табиб зоҳиршавии таваҷҷуҳи амиқ ба ҷаҳони ботинии бемор нақши таъсири тибро ба ҷомеа ва умуман ба илм афзоиш медиҳад. Асоси ҷаҳонбинии антропологии корманди тибро гуманизми навъи инсонмарказӣ (антропосентрӣ), огоҳии мутахассиси тиб дар бораи масъулияти худ барои саломатӣ ва ҳаёти бемор мебошад.

Консепсияи пешниҳоднамудаи мо барои ҳалли проблемаҳои дидактикии зерин, ки дар раванди ташаккули СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ ба миён меоянд, пешбинӣ шудааст:

– проблемаҳои вобаста ба интихоби маводи мувофиқи таълимӣ барои фанҳои гуногун ва давраҳои ормӯзишӣ бо мақсади мутобиқ кардани ҷузъи муҳтавоии он тибқи равиши ҷаҳонбинӣ;

– зарурати васеъ намудани методҳои омӯзиши маводи таълимӣ, ҷузъи муҳтавоии он, инчунин, мураттаб сохтани сохтори он тибқи вазифаҳои раванди таълим. Дар ин ҷо методи тавсеаи бахши донишҳои асосӣ бо ҷанбаҳои касбӣ мувофиқ хоҳад омад. Дар ин кор усулҳо ва воситаҳои фаъолият, инчунин, манбаъҳои беруназтаълимӣ метавонанд нақши муҳимро иҷро намоянд;

– проблемаи дарки аҳамияти худташкилдиҳии ҳайати омӯзгорон ва ДКТ барои ташаккули СК дар байни табибони оянда;

– проблемаи иттилоотисозии раванди таълим бояд аз ду мавқеи ба ҳам вобастагидошта баррасӣ карда шавад. Аз як тараф, имкони дастрасӣ ба ҳаҷми зиёди иттилоот дар мавзуъҳои касбӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо такя ба равишҳои хеле мухталиф назари худро оид ба ин ё он масъалаҳо муайян созанд. Аз тарафи дигар, ҷустуҷӯ, коркард ва таснифи миқдори зиёди иттилоот ҳам дар кор бо воситаҳои гуногуни технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ва ҳам дар самти худташкилдиҳӣ, сохтани кори босамар ва оқилона бо сарчашмаҳои иттилоот малакаҳои дахлдорро талаб мекунад;

– ҳалли проблемаи робитаи байниҳамдигарии донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар ҷараёни таълим озмоиш ва тасаввуроти андухтаи донишҷӯёни коллеҷи тиббиро оид ба масъалаҳои саломатии инсон, арзишҳои касби тиб ва ғайраро истифода намоем. Баррасии донишҳои назариявӣ аз ин мавқеъҳо имкон медиҳад, ки ҷаҳонбинии кормандони ояндаи тиб, дидгоҳи онҳо нисбат ба фаъолияти касбии ояндаи худ ва нақши худ дар тиб ташаккул ёбад;

– проблемаи марбут бо мушаххассозии ҳадафҳо ва вазифаҳо имконияти мониторинги динамикаи раванди ташаккули асосҳои салоҳиятнокии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро, ки маҳсули таъсири фазои интерактивии таҳсилотӣ бо дарназардошти захираи билқувваи отифавӣ ва зеҳнии табибони оянда мебошанд, дар назар дорад.

Ҳамин тавр, тавсифоти лоиҳавӣ дар доираи бахши муҳтавоии он ташаккули ҷузъи муҳтавоии раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро дар асоси ҳамгироии фанҳои таълимии самти иттилоотию технологӣ ва гуманитариро ба дарназардошти ҷанбаҳои равандӣ ва муҳтавоии раванди таълим дар назар дорад. Мо дар ду курси аввали омӯзиш истифодаи равиши ҳамгироёнаи таълими барномаи аз ҷониби мо таҳияшударо мувофиқи мақсад мешуморем, ки дониши фанҳои гуногунро ба мақсади ҳамаҷониба шарҳ додани аҳамияти иҷтимоии касби корманди тиб талаб мекунад. Тавре ки аз таҳлили ҷузъи таркибии муҳтавоӣ шаҳодат медиҳад ва он ба такмили СК-и ДКТ нигаронида шудааст, асосан ба равиши байнисоҳавӣ дар омӯзиши низоми арзишҳои касби тиббӣ асос ёфтааст.

Иттилоотро дар бораи вижагиҳои амсилаи раванди такмили салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ натиҷагирӣ ва ҷамъбаст намуда, мо пешниҳод менамоем, ки салоҳияти касбиро яке аз сангҳои асосӣ дар таҳкурсии фаъолияти касбии ташаккулёбанда бо таъсири байниҳамдигарии зиччи ҷузъҳои зерин баррасӣ намоем [7, С. 23]:

– маҷмӯи донишҳои донишҷӯ, ки имконоти зеҳнии ӯ ва хоҳиши фаъолияти маърифатии ӯро тавсиф мекунад;

– маҷмӯи манфиатҳо, ангезаҳо ва арзишҳои дорои хусусияти касбӣ, ки динамикаи рушди касбии мутахассиси ояндаи тиббиро муайян мекунанд;

– маҷмӯи малакаҳои касбии донишҷӯи коллеҷи тиббӣ, ки озмоиши маҷмӯии ӯро инъикос мекунад.

Дар оянда, амсилаи такмили салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ амалисозии як курси махсусро дар баробари фанҳои махсус дар доираи ду курси ниҳоӣ дар назар дорад. Бо кумаки амалисозии барномаи курсҳои махсус, рушди малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳои иттилоотию технологии ДКТ ба нақша гирифта шудааст, ки ба ин мақсад ташкили омӯзиши махсус барои ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ зарур аст. Ин омодасозӣ ҳангоми таҳияи амсилаи раванди такмили салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ пешбинӣ шуда буд ва амалисозии он дар доираи семинарҳои махсус барои ҳайати омӯзгороне, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок кардаанд, сурат гирифт.

Муошират бо омӯзгорон, омӯзиши ҳуҷҷатҳои ҳисоботии шуъбаҳо ва кафедраҳои воҳидҳои гуногуни сохтории муассисаҳои таълимии тиббӣ аз зарурати омӯзиши иловагии омӯзгорон дар раванди такмили СК-и ДКТ шаҳодат медиҳанд. Гузашта аз ин, тавре, ки санҷиши омӯзгорон нишон дод, худи масъалаи рушди салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ барои аксари онҳо ғайричашмдошт буд ва барои баъзеҳо шубҳаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд овард.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, барномаи омодасозии омӯзгорон ба фаъолият оид ба такмили салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ шомили мубоҳисаҳо дар бораи аҳамияти касби корманди тиб барои ҳифзи саломатии инсон ҳамчун арзиши бунёдӣ, дар бораи зарари муносибати рӯякии мутахассисони соҳаи тиб ба вазифаҳои касбии худ ва дар бораи дигар проблемаҳои на камтар мубрами соҳаи тандурустӣ мебошад. Дар

ин марҳилаи омӯзиш, мо тавонистем омӯзгоронро бовар кунонем, ки дар ҷудоӣ аз салоҳиятнокии касбии онҳо дар бораи омодасозии босифати тиббии табибони оянда сухан гуфтан ғайриимкон аст. Минбаъд мо худи лоиҳа, барнома ва тавсияҳои методии оид ба кор бо ДКТ барои такмили СК-и онҳо пешниҳод кардем. Ба таври илова омӯзиши ҳайати омӯзгорон барои кор бо технологияҳои интерактивии таҳсилотӣ дар муассисаи махсуси такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон ташкил карда шуд. Ду гурӯҳи омӯзгорон аз ин омӯзиш гузаштанд. Дар доираи ин кор омӯзгорон бо методикаҳои ҳамкории лоиҳавӣ ва гурӯҳӣ дар доираи истифодаи технологияҳои интерактивии таҳсилотӣ шинос шуданд. Ин имкон дод, ки савияи тахассусии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ хеле баланд бардошта шавад.

Боз як вазифаи дигари курси махсус омодагии омӯзгорон ба ташкили фаъолияти худомӯзии донишҷӯён, инчунин, ҳавасмандгардонии онҳо ба баланд бардоштани СК-и худ, рушди сифатҳои шахсии муҳим барои фаъолияти бомуваффақияти касбӣ буд.

Барномаи пешниҳоднамудаи мо оид ба такмили СК дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ ба низоми мукаммали ҳалли масъалаҳои ҷанбаи касбидошта дар соҳаи тандурустӣ асос ёфта, ба талаботе, ки дар шароити муосир ба кормандони тиб гузошта мешаванд, пурра мувофиқат мекунад.

Ҷузъи асосии барнома технологияҳои интерактивии педагогӣ мебошад, ки ба туфайли он донишҳо ва малакаҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро самаранок ошкор ва ҳадди аксар амалӣ намуда, онҳоро дар доираи машғулиятҳои амалии таълимӣ ва фаъолияти воқеии касбӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки донишҳо дар бораи ташкили фаъолияти инноватсионӣ, инчунин, доштани донишҳои гуманитарӣ, дар якҷоягӣ бо саъю кӯшишҳои субъектҳои алоҳидаи фаъолияти таълимӣ дар коллеҷи

тиббӣ, имкон медиҳад, ки шакли дастаҷамъии салоҳият дар муассисаи таълимӣ инкишоф дода шавад.

Ин дар назди ҳайати омӯзгорони муассисаи таълимии тиббӣ вазифаи аввалиндараҷаи фароҳам овардани шароити фазои интерактивии таҳсилотӣ дар коллеҷро матраҳ менамояд, ки дар он ҳамаи аъзои гурӯҳ нақши бениҳоят муҳими салоҳияти касбиро ҳамчун муҳимтарини ҷузъи касби омодасозии мутахассиси соҳаи тиб дарк мекунанд. Ин ҷузъ имкон медиҳад, ки дар доираи ҳалли проблемаҳои саломатӣ ба дастовардҳои пешрафтаи илм, санъат ва фалсафа такя кунем. Имрӯз, мо аллакай дар бораи салоҳияти синтетикӣ, ки салоҳияти инсонгароёна ва мошиниро дар бар мегирад, сухан меронем, ки ин натиҷаи рушди босуръати технологияҳо дар соҳаи тиб гардидааст.

Дар робита ба ин, мо назари дигарро ба таҳсилоти тиббӣ ҳамчун самти инноватсионии такмили салоҳиятҳои касбӣ пешниҳод менамоем, ки хусусияти стратегӣ дорад ва ба ҷузъи муҳтавоии биоэтикӣ, равиши антропогенӣ ва салоҳиятҳои синтетикии фарогири ҷузъҳои гуманитарӣ ва мошинӣ асос ёфтааст [155, С. 247].

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои матраҳгардида дар раванди такмили салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ, мо ба сохтори раванди таълим бо мақсади таъмини ҷанбаи тамомияти ҷузъи лоиҳавии амсила ислоҳот ворид кардем, то ки ҷанбаи тамомияти ҷузъи лоиҳавии амсиларо таъмин намояд, инчунин, робитаҳои мавҷударо таҳким бахшида ё робитаҳои нави миёни ҷузъҳои технологӣ, функсионалӣ ва муҳтавоии омодасозии касбии корманди ояндаи соҳаи тибро танзим намояд.

Аз ин рӯ, боз як ҷузъи дигари муҳимтарини барномаи мо худомӯзӣ мебошад, ки тавассути он мо раванди худомӯзии донишҳо ва малакаҳои дорои ҷанбаи касбии ба таври мунтазам ташкилшавандаро дар назар дорем. Мувофиқи боз як тасвияти дигар худомӯзӣ - ин ҷараёни рушди

беохири дониши нав мебошад, ки ба эҳтиёҷоти фард ба донишҳо асос ёфтааст.

Дар робита ба ин, мо дар барномаи худ гузаронидани бозиҳои тиҷоратиро, ки хусусияти гуногунии тақлидӣ доранд, пешкаш намудем, ки дар ҷараёни он донишҷӯён рафтори худро дар ин ё он ҳолатҳои ғайристандартӣ дар муошират бо ҳамкорон ё беморон ё фаъолияти касбӣ тақлид мекарданд. Илова бар ин, мавзуъҳои лоиҳаҳои ҳам дастаҷамъӣ ва ҳам инфиродӣ таҳия карда шуданд, ки донишҷӯён онҳоро дар доираи кори мустақилона омода намуда, минбаъд дар доираи машғулиятҳои синфӣ пешниҳод мекунанд. Чунин тренингҳо ва татбиқи лоиҳаҳои таълимӣ ба ДКТ имкон медиҳанд, ки малакаҳои қабули қарорҳои мувофиқи фавриро дар ҳолатҳои мураккаб ҳангоми фаъолияти касбии худ коркард намоянд. Бо мақсади бомуваффақият ба амал баровардани фаъолияти худомӯзии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, нақшаҳои таълимӣ бояд унсурҳоеро дар бар гиранд, ки ба ташаккули сифатҳои зарурии шахсӣ дар табибони оянда нигаронида шудаанд ва онҳоро ба худтакмилдиҳии шахсӣ ва касбии ҳавасмандкунанда равона месозад. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи раванди худтарбиякунии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, ки дар баробари раванди таълим дар доираи барномаи таълимӣ ба амал меоянд, сухан ронем. Азбаски раванди худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ омили ҷиддии такмили шахсияти фард аст, ин самтро ба таври ҳаққонӣ яке аз воситаҳои муассири такмили СК аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ номидан мумкин аст. Ангораи сохтории барномаи раванди таҳсилотию тарбиявии такмили СК аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ дар расми 3 нишон дода шудааст.

**Сохтори раванди таҳсилотию тарбиявии раванди рушди ҷаҳонбинии касбии донишҷӯ**

**Омодасозии назариявӣ** – маҷмӯи фанҳои таълимӣ, ки барномаи омодасозии касбию назариявиро оид ба рушди ҷаҳонбинии касбии донишҷӯ таъмин мекунанд

**Омодасозии амалӣ –** маҷмӯи машқҳои амалӣ (таҷрибаҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ), ки воридшавии донишҷӯро ба ҷаҳонбинии касбӣ таъмин менамояд

**Машғулиятҳои амалӣ** – маҷмӯи машқҳои амалӣ (таҷрибаҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ), ки ба донишҷӯ ҷаҳонбинии касбиро фароҳам меорад

**Сохтори ташкилию идоракунии раванди таҳсилотию тарбиявӣ** ба ҳама зернизомҳо мувофиқи барномаи таълимии коллеҷи тиббӣ бо мақсади рушди ҷаҳонбинии касбии хатмкунандагони коллеҷҳо хизмат мерасонад

**Фаъолияти мутобиқшудаи** касбии тиббӣ санҷишҳои касбии донишҷӯёнро дар шароити кори воқеӣ ё тақлидии коллеҷи тиббӣ ифода мекунад

**Ниҳоди кураторӣ** – маҷмӯи фаъолиятҳои интерактивӣ, ки ба рушди босамари ҷаҳонбинии касбии донишҷӯ дар фаъолияти беруназсинфӣ нигаронида шудаанд

**Расми 3. Ангораи сохтории раванди барномаи раванди таҳсилотию тарбиявии такмили салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ**

Раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи лоиҳаи таҳиянамудаи мо шароит фароҳам меорад, ки онҳо аз рӯи ихтисосҳои маҳдуди тиббӣ дар асоси принсипҳои инсонпарварӣ омода шаванд ва ин ба табибони оянда имкон медиҳад, ки дар ташаккули огоҳии онҳо оид ба аҳамияти иҷтимоии касби табиб ва нақши онҳо дар ҳифзи саломатии одамон мусоидат мекунанд. Ноил шудан ба ин ҳадаф зарурати ислоҳ кардани ҷузъи муҳтавоӣ, технологияҳо ва шароити педагогии раванди таҳсилот, инчунин, тағйир додани нуқтаи назари омӯзгоронро дар самти дарки

нақши муҳими такмили СК дар мутахассисони ояндаи тиб дар назар дорад.

## 2.2. Технологияи татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ

Дар ҷараёни фаъолияти таҳсилотии коллеҷҳои тиббӣ, ки ба ташаккул ва такмили СК-и донишҷӯён нигаронида шудаанд, омӯзгорон ба миқёси густардаи технологияҳо ва методикаҳо рӯй меоваранд, ки савияи самаранокии онҳо, асосан аз интихоби муносиби шароити зарурии педагогӣ барои ҳалли ин масъала фароҳам оварда шудааст.

Инак баъзе аз ин шароитро қайд мекунем:

- истифодаи васеи чунин шаклҳои раванди таҳсилот, ба монанди мубоҳисаҳои миёни донишҷӯ ва омӯзгор, ки ба ошкорсозии ҳадди аксари нерӯи отифавӣ (эҳсосотӣ) ва зеҳнии донишҷӯ мусоидат мекунад;
- шиносоӣ бо методикаи омӯзиш ва ҷузъи муҳтавоии фанҳои омӯхташавандаи ҷузъҳои салоҳиятҳо;
- дар раванди таҳсилот истифода намудани вазифаҳои таълимие, ки ҷанбаи байнисоҳавӣ доранд ва донишҷӯёнро ба мубоҳисаҳои фаъол ҳавасманд мекунанд.

Мо ҳамчун як қисми озмоишвии таҳқиқоти мазкур санҷиши технологияҳои таҳияшуда, воситаҳо ва методҳои ҷанбаи интерактивидошта, инчунин, шароити педагогии иҷрои вазифаҳои дар назди барнома гузошташударо ташкил кардем. Фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ дар шароити нав дар назди ҳайати омӯзгорон ба сатҳи касбии онҳо талаботи наву баландтар мегузорад ва он бояд ба онҳо маҳорати ташаккули фазои интерактивии таҳсилотиро фароҳам орад, ки ба рушди босамари салоҳиятҳои касбӣ дар донишҷӯёни коллеҷ мусоидат мекунад [117, С. 137].

Дар доираи таҳқиқоти худ, мо тасмим гирифтем, ки технологияҳои инноватсионии таҳсилотиро бо шаклҳои анъанавӣ якҷоя кунем. Ба андешаи мо, хеле муҳим аст, ки дар доираи амсилаи асосии раванди таълим ҷузъи муҳими бунёдӣ мавҷуд бошад.

Ҳамзамон, ислоҳоте, ки дар соҳаи маориф ҷараён дорад, таваҷҷуҳро ба самти прагматизми бештар мегузорад, ки бо истифода аз равиши фаъолиятию бонизом ба раванди омӯзиш ба он хеле мусоидат кардан мумкин аст. Дар натиҷаи таҳқиқоти худ мо ба хулосае омадем, ки беҳтарин гунаи навсозии ин амсила омезиши ҳамоҳангии прагматизм бо таълим додани асосҳои бунёдии фанҳои дахлдор мебошад.

Агар дар доираи шаклҳои анъанавии таълим мо бо лексияҳо, семинарҳо ва машқҳои амалии маъмулӣ шинос шуда бошем, пас технологияҳои инноватсионии таълимӣ ба мо шаклҳои рушдёбанда ва модулии омӯзиш, шаклҳои проблемавӣ, бозӣ ва ғайраро пешниҳод менамоянд.

Равиши субъект-субъектӣ асоси низоми модулии омӯзиш мебошад. Ин амсила имкон медиҳад, ки бо дарназардошти вижагиҳо ва манфиатҳои фардии донишҷӯён тамомияти раванди таълим таъмин карда шавад. Технологияҳои педагогӣ дар ҷараёни раванди таҳсилот ченакҳои асосии равандии онро, аз ҷумла вазифаҳо, ҳадафҳо, методҳо ва шаклҳо, тавсифоти ҳамкории байни донишҷӯён ва омӯзгорон ва ғайраҳоро ба таври ҳадди аксар инъикос мекунанд, ки ин муҳимтарин омили раванди самараноки такмили СК аз ҷониби ДКТ мебошад.

Дар ҷараёни азхудкунии муҳтавои меъёрии барномаи таҳсилотӣ донишҷӯён фанҳои махсуси тиббӣ, таърихи тиб, психология, фалсафа, педагогика, ҳуқуқшиносӣ, биоэтика ва ғайраро меомӯзанд. Дар доираи густариш додани ҷузъи муҳтавоии омӯзиш дар коллеҷҳои тиббӣ ба нақшаи таълимӣ омӯзиши валеология, мантиқ, тибби биологӣ ва ғайра ворид карда мешавад.

Илова бар ин, донишҷӯён метавонанд бо хоҳиши худ омӯзиши иловагии асосҳои тибби оилавӣ, тибби экологӣ ва ғайраҳоро интихоб кунанд.

Чунин тағйирот дар доираи раванди таҳсилот, ки ба баланд бардоштани савияи СК нигаронида шудааст, тибқи нақшаи марҳилавӣ бо таъмини назорат аз болои нигоҳдории давомнокӣ ва тамомияти раванди таълим амалӣ карда шуданд.

Лексияҳои мо ба ҷузъҳои сохтории мантиқӣ, гуманитарӣ, психологӣ, дидактикӣ ва методологӣ асос ёфтаанд, ки дар онҳо ҷузъи фаъолият нақши калидиро мебозад. Инак мухтасари баъзе намудҳои чунин лексияҳоро шарҳ медиҳем, ки савияи СК-и табибони ояндаро баланд мебардоранд:

1) лексияҳо бо истифода аз воситаҳои мултимедиявӣ. Чунин лексияҳо имкон медиҳанд, ки раванди тафаккури донишҷӯён фаъол карда шавад, ки аз ҷумла бо роҳи азнавсозии иттилоот тавассути омезиши миқёси васеи шакл ва намудҳои он ба даст меояд;

2) лексияҳои проблемавӣ. Чунин дарсҳо донишҷӯёнро водор мекунанд, ки мустақилона донишҳо, иттилоотро аз сарчашмаҳои гуногун ҷиҳати ҳалли вазифаҳои дар наздашон гузошташуда ё ошкор кардани мавзуи омӯзишшаванда ҷустуҷӯ кунанд;

3) лексияҳо бо истифода аз ҷузъҳои бозӣ. Дар ҷараёни чунин дарсҳо, донишҷӯён бо ҳамкорон робита барқарор мекунанд, гунаҳои мухталифи ҳолатҳои ба фаъолиятҳои амалӣ наздикро иҷро мекунанд ё имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои мушаххаси мавзуъҳои омӯхташаванда ошкор карда шавад;

4) лексияҳои «иғвоангез». Онҳо ба табиби оянда имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои таҳлилиро такмил диҳанд ва тарзи ба таври фаврӣ арзёбӣ кардан ва вокуниш ба иттилоотро омӯзанд.

Хулоса, натиҷагирӣ намуда, қайд мекунем, ки истифодаи шаклҳои ғайрианъанавии лексияҳо ҷузъи эҷодии раванди таҳсилотро тақвият

мебахшад ва ба рушди салоҳиятҳои касбии табибони оянда таъсири мусбат мерасонад.

Дар ҷараёни дарсҳои самти амалидошта омӯзгор бо ташаббуси муҳокима оид ба фанни назариявии омӯхташаванда, дониши андӯхташударо ба эътиқоди донишҷӯён табдил медиҳад, то онҳо омода бошанд, ки онҳоро дар ҳолатҳои фаъолияти касбӣ истифода баранд. Раванди ба эътиқод табдил додани дониш ба салоҳиятнокӣ мебошад.

Дар доираи машғулиятҳои амалӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ нигаронида шудаанд, донишҷӯён усулҳо ва методҳои гуногуни ҳалли проблемаҳои вазъиятии ба салоҳият асосёфтаро азхуд мекунанд. Корбурди миқёси васеи вазифаҳо дар раванди таълим медиҳад, ки проблемаҳои марбут ба ҳалли онҳоро муайян ва саривақт бартараф карда шаванд. Муваффақиятнокии ҳалли чунин масъалаҳо як навъ нишондиҳандаи савияи СК-и донишҷӯи коллеҷи тиббӣ мебошад. Афзоиши чунин савия ба табиби оянда имкон медиҳад, ки воқеияти марбут ба касби ояндаи худро таҳлил кунад. Ҳамзамон, бо афзоиши салаҳиятҳои касбӣ, ба ивази муносибати рӯякӣ ба арзёбии вазъият қобилияти муайян кардани ҷузъҳои асосии воқеияти атроф меояд, ки ба низоми эътиқод ва ақидаҳои ташаккулёфта асос ёфтааст. Бо рушди салоҳиятҳои касбӣ, табиби оянда имконият пайдо мекунад, ки арзишҳои касби тиббӣ, навгониҳои амалияи муолиҷавӣ ва дастовардҳои тибби муосирро аз нуқтаи назари илмӣ дарк кунад. Дар рафти мубоҳисаҳо дар мавзуъҳои касбӣ мавҷудияти чунин аломатҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи ташаккули коллективи ба салоҳият асосёфтаи донишҷӯён сухан бигӯем [103, С. 62].

Мо метавонем аломатҳои мушобеҳи касбиятро на танҳо дар доираи мубоҳисаҳои назариявӣ, балки дар дарсҳои озмоишгоҳӣ ва амалӣ ҳангоми баррасии ҷанбаҳои ахлоқии касби тиб мушоҳида кунем.

Машғулиятҳои озмоишгоҳии ҷанбаи муқаддимавӣ, озмоишӣ ва проблемавию ҷустуҷӯидошта барои дар табибони оянда ташаккул

додани сифатҳое ба мисли тафаккури эҷодӣ, мустақилият ва муносибати касбӣ ба кор пешбинӣ шудаанд.

То имрӯз, педагогикаи амалӣ ба чунин воситаҳои муосири таълим, ба мисли китобҳои дарсии электронӣ ва системаҳои худкоргардонидашудаи омӯзиш, инчунин, интернет-захираҳо оид ба фанҳои гуногуни ҳам асосӣ ва ҳам махсус таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, ки ин имкон медиҳад ба раванди таълим динамикаи иловагӣ дода шавад ва дар табибони оянда ташаккул додани малакаҳои худтакмилдиҳӣ суръат бахшад.

Ҳамчунин, дар айни замон, дар такмили салоҳиятҳои касбии ДКТ низомҳои НТК (низомҳои тестии компютерӣ), ки бо ёрии онҳо дараҷаи азхудкунии фанҳои таълимӣ аз тарафи донишҷӯён, савияи фаҳмиши арзишҳои касби тиббӣ ва қобилияти таҳлили динамикаи рушди салоҳиятҳои касбӣ аз тарафи онҳо муайян ва арзёбӣ карда мешаванд. Ҳамин гуна барномаро омӯзгорони Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Душанбе бомуваффақият истифода мекунанд. Эҷодкунандагони ин низом масъалаҳои марбут ба дастрасии озоди донишҷӯён ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотро омӯхта, принсипҳои асосии сохтани низоми худкоргардонидашудаи назорат аз болои сатҳи донишро, ки ба талаботи муосири таҳсилот ҷавобгӯ мебошанд, таҳия кардаанд.

Яке аз омилҳои муҳим дар ташаккули бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ танзими ҷузъҳои ҳавасмандӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба ҳавасмандкунӣ нақши як неруи пешбарро мебозад, ки имкон медиҳад имкониятҳои эҷодӣ ва зеҳнии табиби оянда ба ҳадди аксар расонида шавад. Дар натиҷаи маҷмӯи механизмҳои ҳавасмандкунӣ, ки дарки нақши касби табиб дар ҷомеа ва таваҷҷухро, ки захираҳои отифавии ботиниро инъикос мекунанд, барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ дар ДКТ таҳкурсӣ ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон, вазифаҳои дорои ҷанбаи байнифаннӣ вазифаи ёрирасонро иҷро карданд.

Ҳавасмандии онҳо ба кор бо афзорҳои интерактивии НТК, дигар барномаҳои компютерӣ ва интернет-захираҳои таҳсилотӣ дар амалисозии ин шарт барои такмили СК аз ҷониби ДКТ нақши муҳим мебозад ва салоҳияти иттилоотию технологиро ҳамчун унсури муҳими салоҳияти умумии касбӣ ба таври назаррас тақвият медиҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо итминон ҳосил намудем ки воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртибототие, ки дар тадриси фанҳои дорои ҷанбаи махсус самаранок истифода мешаванд, ба рушди ҷузъҳои эҷодӣ, ақлонӣ ва арзишии СК-и донишҷӯён дар коллеҷҳои тиббии ҶТ таъсири мусбат мерасонанд.

Омӯзиши фанҳои самти умумикасбӣ ва табиатшиносӣ, ки дар баробари фарогирии курси махсус сурат мегиранд, имкон дод, ки равиши бонизом татбиқ карда шавад, ки дар доираи он ҳамгироии соҳаҳои гуногуни донишҳо аз фанҳои гуногун амалӣ карда шавад [158, С. 84].

Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои ташкили курси махсус таъмин намудани он бо воситаҳои компютерии таҳсилотию барномавӣ мебошад, ки онҳо шомили барномаҳои санҷиши сатҳи донишҳо, китобҳои дарсии электронӣ ва воситаҳои методӣ, интернет-захираҳои таҳсилотӣ, миқёси васеи барномаҳои амалӣ ва ғайра мебошад.

Корбурди густардаи низомҳои тестии компютерӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки ҷузъи иттилоотию технологии СК-и мутахассисони ояндаи тиббӣ пурзӯр карда шуда, фаъолияти маърифатии онҳо тавсеа дода шавад.

Дар ҷараёни амалисозии ҷузъи муҳтавоии курси махсус диққати асосӣ ба самти амалӣ дода шуд, ки рушди малакаҳои донишҷӯёнро дар соҳаи ташхиси педагогӣ дар шароити муосир бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар назар дорад, равона карда шудааст. Бо мақсади таъмини ҳамкории эҷодӣ байни омӯзгор ва донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар раванди ташаккул додани малакаҳои

фаъолияти мустақили касбӣ, мо методикаи мубоҳисаҳо ва тамринҳоро дар доираи курси махсус истифода намудем [117, С. 137].

Бо мақсади таъмини ҳамкории эҷодии омӯзгор ва донишҷӯён дар рушди асосҳои касбии фаъолияти мустақили касбӣ, дар доираи курси махсус методикаи тамринҳои махсус ва мубоҳисаҳои ошкоро истифода гардид.

**Модули 1. «Технологияҳои омодасозии маҳсулоти иттилоотӣ».**

**Нақшаи тахминии мавзуии модул**

| **№** | **Номгӯи мавзуъҳо** | **Лексияҳо** | **Дарсҳои амалӣ** |
|---|---|---|---|
| 1. | Тайёр кардани гузоришҳо ва рӯнамоиҳо | | 2 |
| 2. | Омодасозии иттилооти матнӣ. MS Word | 2 | |
| 3. | Захираҳои интернетӣ дар мавзуъҳои тиббӣ, малакаҳои корҳои ҷустуҷӯӣ дар шабака | 2 | 2 |
| 4. | Шабакаҳои компютерӣ, паёмнависони фаврӣ, почтаи электронӣ | 2 | 2 |
| 5. | Нармафзори махсус | 2 | 2 |
| 6. | Кор бо тасвирҳои тиббӣ | 2 | 2 |
| | Ҳамагӣ: | 10 | 10 |

**Модули 2. «Технологияҳои муосири тиббӣ дар раванди омодасозии мутахассис-табиби оянда ба фаъолияти касбӣ».**

**Нақшаи тахминии мавзуии модул**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Лексияҳо | Дарсҳои амалӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Технологияҳо ва воситаҳои телетиббӣ | 2 | 4 |
| 2. | Низомҳои компютерӣ дар фаъолияти касбӣ | | 2 |
| 3. | Низомҳои дастгирии экспертӣ. Захираҳои интернетии тиббӣ | 2 | 4 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. | Технологияҳои зеҳни сунъӣ дар тиб | 2 | 2 |
| 5. | Ҷойи кории худкоршуда. Таърихи компютерии беморӣ, махзани маълумоти рақамӣ | 2 | 4 |
| | Ҳамагӣ: | 10 | 18 |

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таҳсилот бисёр донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро водор месозад, ки мустақилона бо иттилоот кор кунанд. Чунин ташаббуси донишҷӯро дастгирӣ карда, онро ба ҷараёни асосии мавзӯи омӯхташаванда, фаъолияти касбии оянда равона мекунад, омӯзгор ба раванди такмили СК-и худ, малакаҳои фаъолияте, ки ба худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ нигаронида шудаанд, ба таври назаррас мусоидат менамояд.

Пойгоҳи компютерии салоҳиятҳои касбӣ, ки ба маводи истинодии аз тарафи худи донишҷӯён ҷамъоваришуда асос ёфтааст, метавонад дар расидан ба ҳадафи матраҳшуда кумаки калон расонад. Дар марҳилаи аввал манбаи мазкур аз китобҳои дарсии электронии аз тарафи омӯзгор эҷодгардида, портфолио, шаклҳои матнӣ, ангоравӣ ва мултимедиявӣ иборат буд. Дар оянда ин махзани маълумотро худи донишҷӯён бо ёрии захираҳои махсуси интернетӣ такмил медиҳанд.

Донишҷӯён ба навсозии мунтазами ин пойгоҳ машғул гардида, беихтиёр маълумоти қаблан ба он ҷо воридшударо таҳлил мекунанд. Ин гуна фаъолиятҳо аз рӯйи дар фанҳои гуногуни таълимӣ ва мавзуъҳои алоҳида дар табибони оянда малакаҳои худтанзимкунии фаъолияти маърифатӣ ва тафаккури дидактикиро инкишоф медиҳанд. Фароҳам овардани шароит барои ҳамкории самарабахши омӯзгорон ва донишҷӯён имкон медиҳад, ки захираи дониши мутахассисониояндаи тиб васеъ ва амиқтар карда шавад. Дар баробари ин, донишҷӯ салоҳиятнокии касбии худро такмил медиҳад, асосҳои этикаи касбиро аз худ мекунад ва малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз сомонаи коллеҷ, сомонаҳои кафедраҳо, инчунин, омӯзгорони алоҳида, ки дар лоиҳаи озмоишӣ ширкат варзиданд, ба донишҷӯён имкон доданд, ки бо иттилооти фаврии таълимӣ ва мубодилаи маълумот бо ҳамкасбони худ шинос шаванд. Тавре ки озмоиши амалӣ нишон медиҳад, дар шароити муосир бидуни истифодаи фаъолонаи технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ аз тарафи донишҷӯён, аз ҷумла имконоти шабакаи Интернет, дар бораи раванди босифати таълим сухан рондан душвор аст.

Самтгирии касбии захираҳои иттилоотии коллеҷ имкон медиҳад, ки савияи ҳамкории донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорон баланд бардошта шавад. Он ба раванди такмили СК-и мутахассисони ояндаи тиб таъсири мусбат мерасонад. Дар доираи курси махсуси пешниҳоднамудаи мо модули 3 таҳия карда шуд, ки ҳадафи он омода кардани донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ ба кори босамар бо захираҳои интернетӣ ва паёмнависони фаврӣ мебошад [123, С. 84].

**Модули 3. «Истифодаи низомҳои афзорию компютерӣ дар фаъолияти касбӣ». Нақшаи мавзуии тахминӣ**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Лексияҳо | Дарсҳои амалӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Асосҳои электроникаи тиббӣ | 2 | 2 |
| 2 | Таҷҳизоти ташхисӣ дар асоси таҳлили тасвирҳо | | 4 |
| 3 | Воситаҳои техникии муолиҷаи ғайридоруӣ | 2 | 4 |
| 4 | Дастгоҳҳои фаросавтӣ. Телевизионҳои тасвирҳои инфрасурх ва фаросавтӣ | 2 | 4 |
| 5 | Таҷҳизоти ташхисӣ | 2 | 2 |
| | Ҳамагӣ: | 8 | 16 |

Барои амалисозии шарти мазкур ба сифати омили иловагӣ, зарур буд, ки таваҷҷуҳи донишҷӯён ва омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим ҷалб карда шавад. Мутаассифона, ба сабаби нокифоя будани таъминоти моддию техникии муассисаҳои таълимӣ пурра истифода бурдани ин омил имконнопазир аст.

Дар сурати аз лиҳози моддию техникӣ ба таври бояду шояд дастгирӣ намудани муассисаи таълими тиббӣ, воҳидҳои сохтории он, инчунин, мавқеи фаъолонаи омӯзгорон нисбат ба технологияҳои инноватсионии таҳсилотӣ, имконияти васеъ барои таъмини сатҳи сифати таҳсилот тавассути густариш додани манбаъҳои иттилоот, баланд бардоштани суръати ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот, фаъолсозии донишҷӯён дар раванди фаъолияти худомӯзӣ ва афзоиши ҳавасмандии онҳо мавҷуд аст. Омезиши бомуваффақияти омилҳои дар боло зикргардида ба сифатҳои шахсии табибони оянда, сатҳи тафаккури клиникии онҳо, ҳамчунон дар маҷмуъ ба СК-и онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Ташкили раванди дидактикӣ дар коллеҷи тиббӣ дар шароити фаъолсозии технологияҳои интерактивии педагогӣ имкон медиҳад, ки СК-и донишҷӯён дар якчанд самтҳои ба ҳам алоқаманд самаранок инкишоф дода шавад: амсиласозии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ аз намунаҳои рафтор, методикаҳо, ки дар асоси онҳо сифатҳое аз қабили дониши касбӣ, принсипҳо, дастуроти арзишӣ қарор доранд. Ҳадафмандона аст, ки чунин амсилаҳоро ҳамчун озмоиши фикрӣ баррасӣ кунем, ки дар рафти он рафтори мутахассиси соҳаи тиб дар ҳолатҳои гуногуни фаъолияти касбӣ пешгӯӣ карда мешавад [159, С. 118].

Компютеркунонии соҳаҳои тиббӣ ва таълимӣ имкониятҳои коркарди на танҳо моделҳои касбии рафтор, балки баррасии ҳолати ҷории организмро ҳамчун раванди томъ бо пешгӯии шароити хатарноки он ба таври назаррас васеъ намуд. Амсилаи компютерии вазифаҳои

организми инсон тамоми маҷмуи муодилаҳоро дар шакли барномаҳои компютерӣ дар бар мегирад, ки дар шакли иттилооти ҷадвалӣ нишон мешаванд. Инчунин, таркиби ин маълумот ченакҳои ҷанбаи берунадошта (салоҳиятӣ, психологӣ ва ғайра)-ро дар бар мегирад, ки таъсири омилҳои берунаро ба организм инъикос мекунанд. Ҳар дафъае, ки ченакҳои тағйирёфтаро ворид карда, натиҷаҳоро ҳангоми баромад ҳисоб карда, мо метавонем қонунияти табиати умумидоштаро муайян кунем ва ҳолат ва вокуниши организмро дар натиҷаи таъсироти гуногун ба он пешгӯӣ кунем.

Бо ёрии амсиласозӣ донишҷӯён метавонанд масъалаҳои илмию таҳқиқотиро ҳал намоянд, маълумоти дар натиҷаи таҷрибаҳо ба дастомадаро таҳлил намоянд, робитаҳои байни фанҳои гуногунро амиқтар дарк намоянд ва бисёр малакаҳои дигари муфид ба даст оваранд. Ҳамин тариқ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи гардиши хун ё биокинетика, донишҷӯён барқарор кардани робитаи байни бузургиҳои тағирёбанда ва доимиро меомӯзанд, малакаҳои ҳалли масъалаҳоро бо истифодаи нармафзор аз худ мекунанд, принсипҳои ошкорбаёнӣ ва табиати илмиро азхуд мекунанд.

Ҷанбаи пешгӯидоштаи салоҳиятнокии касбӣ истифодаи методҳои гуногуни омӯзиши динамикаи такмили онро муайян мекунад. Ба туфайли эҷоди фазои интерактивии раванди таҳсилот метавон ба пурзӯр шудани ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва умумифарҳангии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ ноил шуд.

Фаъолияти ҷанбаи илмию таҳқиқотидошта, ки аз ҷониби ДКТ амалӣ мегардад, шаклҳои зеринро дар бар мегиранд: кори мустақилона дар доираи барномаи таълимӣ, коре, ки берун аз соати дарсӣ дар доираи ҷомеаи илмии донишҷӯён анҷом дода мешаванд, инчунин, фаъолияти комилан инфиродӣ, ки бо ташаббуси худи донишҷӯ мувофиқи миқёси таҳсилоти инфиродӣ гузаронида мешавад. Дар байни вазифаҳои асосии гузаронидани чорабиниҳои таҳқиқотӣ дар доираи татбиқи барномаи

таълимӣ, мо такмил додани малакаҳои коркарди таҳлилии иттилоот, инчунин, иштироки донишҷӯёнро дар фаъолияти таҳқиқотии омӯзгорон дар соҳаҳои фанҳои омӯхташаванда қайд мекунем.

Фаъолияти донишҷӯён дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон тибқи барномаи таълимӣ кори ташкили маҳфилҳои таҳқиқотӣ, иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатмро дар бар мегирад.

Чунин фаъолият ба табибони оянда имкон медиҳад, ки касби худро мустақилона муайян кунанд, ҷанбаҳои муайяни миқёси инфиродии таҳсилотии худро аниқ кунанд. Ташкили озмунҳои илмӣ ба донишҷӯёне, ки дар онҳо иштирок мекунанд, имкон медиҳад, ки сатҳи салоҳиятнокии касбӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнии худро нишон диҳанд.

Фаъолияти илмӣ, ки бо ташаббуси худи ДКТ ба роҳ монда шудаанд, эътимоди онҳоро ба қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии худ афзун мекунанд. Кори табибони оянда дар доираи худомӯзӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки сатҳи салоҳиятҳои касбӣ ва сифатҳои шахсии барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ заруриро ташаккул диҳанд, ки барои фаъолияти касбӣ муҳиманд. Фаъолияти худомӯзӣ имкон медиҳад, ки бисёр салоҳиятҳои муҳим ташаккул дода шуда, услуби инфиродии тафаккур ба вуҷуд оварда шавад. Тибқи пурсишҳои донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, беш аз сеяки онҳо чунин мешуморанд, ки фаъолияти худомӯзӣ як ҷузъи босамар ва муҳими раванди таҳсилот мебошад [10, С. 68].

Дар таҳқиқоти худ, мо инчунин, имкониятҳоеро, ки фаъолиятҳои кураторӣ бо донишҷӯён доранд, сарфи назар накардаем. Чунин фаъолият яке аз шаклҳои самараноки такмили СК-и ДКТ дар доираи корҳои беруназсинфӣ мебошад. Ин кор гуфтугӯҳо ва вохӯриҳо бо донишҷӯён дар гурӯҳҳои махсус ташкилшуда, ки дар он масъалаҳои марбут ба модули панҷуми курси махсус баррасӣ мешуданд ва ба раванди ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонд, дар бар мегирад. Тақрибан 80% донишҷӯён ва омӯзгорони ба таҳқиқот

фарогирифташуда ба ниҳоди кураторҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муассири раванди такмили СК-и мутахассисониояндаи соҳаи тиб муносибати мусбат изҳор намуданд.

Дар амсилаи пешниҳоднамудаи мо оид ба такмили салоҳиятҳои касбӣ дар байни ДКТ дарсҳои амалии истеҳсолӣ ва таълимӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд. Дар доираи дарсҳои омӯзишии амалӣ, донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки дониши назариявии худро дар фаъолияти тиббӣ татбиқ кунанд, малакаҳои зарурии касбиро инкишоф диҳанд ва омӯзгорон мушоҳида намоянд, ки табибони оянда дар ҳолатҳои гуногуни кори воқеии тиббӣ чӣ гуна рафтор мекунанд. Амсилаи пешниҳодкардаи мо барои гузаронидани дарсҳои омӯзишии амалӣ ба мо имкон медиҳад, ки СК-и табибониояндаро ба таври самаранок инкишоф диҳем, инчунин, сифатҳои ҷанбаи шахсию касбидотаи онҳоро такмил диҳем. Ғайр аз он, мо пешниҳод менамоем, ки принсипҳои калидиеро, ки дар асоси онҳо технологияи ташкили машғулиятҳои амалӣ сохта шудааст ва ҳадафи онҳо такмили салоҳиятҳои касбии ДКТ мебошад, баррасӣ наоем.

### Принсипҳои ташкили дарсҳои амалӣ

1. Дар солҳои охири таҳсил ДКТ нахустин озмоиши фаъолияти касбии худро дар доираи дарсҳои амалӣ дарёфт мекунанд.

2. Дарсҳои амалии омӯзишӣ пеш аз озмоиши истеҳсолӣ гузаронида мешаванд.

3. Дарсҳои амалӣ имкон медиҳанд, ки ҷузъи муҳтавоии СК-и табибони оянда мубрам карда шавад.

4. Дарсҳои амалӣ имкон медиҳанд, ки имконоти фаъолияти муваффақонаи касбии оянда афзоиш ёфта, табиби оянда амалисозии неруи билқувваи зеҳнӣ ва салоҳияҳои касбии худ ба ҳадди аксар расонад.

Дарсҳои амалӣ ба табиби оянда имкон медиҳанд, ки дар фаъолияти касбӣ қадамҳои аввалин гузоранд, малака ва донишҳои барои он зарурбударо аз худ кунанд, нуктаҳои ҷаҳонбинӣ ва принсипҳои касбии худро ташаккул диҳанд ва мустаҳкам кунанд. Донишҳои табиати назариявидошта, ки мутахассиси оянда ҳамзамон азхуд кардааст, тадриҷан як қисми ҷудонопазири эътиқод, салоҳиятнокии касбии ӯ мегардад.

Озмоишомӯзӣ иҷрои уҳдадориҳои ёвари кормандони гуногуни соҳаи тиббиро дар бар мегирад. Табибони оянда малакаҳои мушоҳида аз болои беморон ё ҳуҷраҳои алоҳида ва то ҳадди нигоҳубини мустақилонаи беморон пас аз дарёфти озмоиши дахлдорро такмил медиҳанд. Донишҷӯёни курсҳои болоӣ мушоҳидаи ҳолати беморонро назорат мекунанд, ҷараёни бемории онҳоро таҳлил мекунанд, озмоиш меомӯзанд ва бо табибони амалкунанда мубодилаи афкор мекунанд. Тавре ки озмоиш нишон медиҳад, такмили муттасил ва бомуваффақияти ҷузъҳои гуногуни СК тавассути таҳияи ҷузъҳои алоҳидаи он дар раванди гузаштани озмоиши истеҳсолӣ мусоидат мекунад.

Самтгирӣ ба рушди шахсиятӣ аз ҷониби мо ҳамчун самараноктарин воситаи баланд бардоштани қобилиятҳои интерактивии ДКТ ба ҳисоб меравад. Барои ин, низоми сарпарастии бефосила ташкил карда мешавад, вақте ки якчанд донишҷӯ ба табибони ботаҷриба вобаста карда мешаванд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад таҷрибаи табибонро самаранок омӯзанд, машварат кунанд ва барои кӯмак муроҷиат намоянд.

Рушди бомуваффақияти касбӣ ва шахсиятии мутахассисиояндаи тиббӣ зарурати таҷрибаомӯзии ҳарсоларо пешбинӣ мекунад. Таҷрибаомӯзии нахустин пас аз омӯхтани фанҳои самтҳои гуманитарӣ ва психологию-педагогӣ сурат мегирад. Пас аз омӯхтани фанҳои биоэтика ва фалсафа, инчунин, дигар фанҳои барномаи таҳсилотӣ, донишҷӯёни

коллеҷи тиббӣ ҳангоми озмоишомӯзии дуюм донишҳои худро мустаҳкам мекунанд ва малакаҳои нави касбиро азхуд мекунанд.

Дар ин марҳилаи рушди шахсиятӣ ва касбӣ табибони оянда шуури худро танзим мекунанд, низоми принсипҳо ва эътиқодҳоро коркард мекунанд, ки яке аз муҳимтарин ҷузъҳои салоҳиятнокии касбӣ мебошанд. Шахсияти донишҷӯ дар зимни пайваста омӯхтани фанҳои касбӣ раванди бозсозиро сипарӣ мекунад, мутахассиси тибби оянда нақшҳои навро аз худ мекунад, ки аз ёвари корманди ҳайати кадрҳои хурд ва то ба ёвари мутахассисони дараҷаҳои олии касбӣ то муҳаққиқон ва ташкилкунандагон роҳро тай мекунад.

Тавре ки натиҷаҳои пурсиши анкетавӣ дар мавзуи «Ҳавасмандии касбӣ» ҳамасола пас аз хатми таҷрибаи истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад, дар донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҶТ ҳавасмандии мутахассисиояндаи тиббӣ барои интихоби фаъолияти касбӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад, самтҳои арзишии онҳо муайян гардида, савияи рушди салоҳиятнокии касбӣ боло меравад [101, С. 19].

Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таҳсилот ба такмили салоҳиятҳои касбии ДКТ мусоидат намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки малакаҳои амалии касби худро азхуд кунанд. Ба ҳадафҳои гузошташуда, инчунин, ба туфайли ташкили муносиби раванди таълим ва таҷҳизоти технологии фаъолияти таҳсилотӣ, қобилияти омӯзгорон барои ошкор кардани истеъдоди билқувваи донишҷӯ, инкишоф додани қобилиятҳои ӯ ва баланд бардоштани савияи тахассуси касбӣ ноил шудан мумкин аст.

